7. Угрозы проблема бедности, социального расслоения, неоправданного неравенства и, как следствие, проявлений социальной нестабильности обретает особую остроту и актуальность.

Подводя итог вышеизложенному, следует признать необходимость и важность конституционно-правового закрепления базового понятия конституционной безопасности в РТ, ее признаков, элементов и механизма государственно-организационного обеспечения с целью повышения качества противодействия как внешним, так и внутренним угрозам.

**Список литературы**

1. Баранов П.П. Конституционная безопасность Российской Федерации: вопросы теории и практики // Южно-Российский институт управления. Ростов-на-Дону, 2015. С. 2;

2. Езеров А.А. Объект и содержание конституционной безопасности // Юридическая наука. № 1(1), 2011. С. 50;

3. Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 25 июня 2011 г.;

4. Кудратов К.А. Влияние афганского конфликта на национальную безопасность Республики Таджикистан (1991-2014 гг.): дис. … канд. ист. наук. Душанбе, 2015. С. 37;

5. Мамонов В.В. Конституционные основы национальной безопасности: Автореф. дис. ... доктора юрид. наук. Саратов, 2004. С. 17;

6. О Конституционном Суде Российской Федерации. Федеральный конституционный закон от 21.07.1994 № 1-ФКЗ // Собрание законодательства Российской Федерации. 1994. № 13. С. 1447;

7. Шуберт Т.Э. Конституционная безопасность: понятие и угрозы // Право. 1997. № 4. С. 17;

8. Шуберт Т.Э. Национальная безопасность России: конституционно-правовые аспекты: Сравнительно-правовое исследование. М.: Право и закон, 2001. С. 120.

**Аннотатсия**

**Амнияти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилоти назариявӣ ва амалии он**

Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии амсилаи мафҳуми амнияти конститутсионӣ дар қаринаи фаҳмиши дараҷаҳои «амнияти миллӣ» бо роҳҳои гуногуни наздикшавӣ ба он таҳлил карда мешаванд. Муаллифон зарурияти комплексии назариявӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти конститутсиониро дар қаринаи коркарди воситаҳои ҳуқуқии мухолифаткунанда ба таҳдидҳои амнияти конститутсиониро асоснок кардаанд.

**Аннотация**

**Конституционная безопасность Республики Таджикистан: вопросы теории и практики**

В статье анализируются основные теоретические модели феномена конституционной безопасности в контексте рассмотрения различных подходов к пониманию категории «национальная безопасность». Авторы обосновывают необходимость комплексного теоретико-юридического обеспечения конституционной безопасности в контексте выработки оптимальных законодательных средств противодействия соответствующим угрозам.

**Annotation**

**Constitutional security of the Republic of Tajikistan: theoretical and practical problems**

The article analyzes the main theoretical patterns of the phenomenon of the constitutional security in the context of different approaches to understanding the category of «national security». The authors prove the necessity for a comprehensive theoretical and legal support for constitutional security in the context of developing optimum legislative means of counteracting threats.



**Баҳриддинзода С.Э.,**
*муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
*E-mail: subhiddin_mail.ru*



**Баҳриддинова Д.С.,**
*корманди дастгоҳи суди шаҳри Душанбе*

# МАСОИЛИ ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *ҷинояткорӣ; паём; консепсия; ҷиноят; пешгирии ҷинояткорӣ.*

***Ключевые слова:*** *преступность; послание; концепция; преступление; предупреждение преступности.*

***Keywords****: criminality; message; conception; crime; prevention of crime.*

Дар замони муосир вазъи ҷинояткорӣ тамоми ҷомеаро дар ташвиш гузоштааст. Аз ин ҷо, масъалаи пешгирии ҷинояткорӣ аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ муҳим аст. Барои таҳлили ҳаматарафаи масъалаи мазкур пеш аз ҳама омӯзиши сабабҳои ҷинояткорӣ зарур аст. Олимон-криминологҳо оғози ин таҳлилро бо муайян кардани сабабҳои ба вуҷуд овардани ҷинояткорӣ мансуб дониста, инчунин онро ба муайян кардани сабабҳои ҳамаи ҷинояткорӣ (дар умум) ва ҷиноятҳои алоҳида гурӯҳбандӣ намудаанд [1, с. 4].

Дар доираи мақолаи мазкур таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои пешгирии ҷиноятҳои алоҳидаи дар ҷамъият содиршуда дода шудааст. Ҳамзамон, ин таҳлил имконият медиҳад, ки на фақат аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти амалии пешгирии ҷинояткорӣ муайян карда шавад.

Ба масъалаҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба он алоқамандбуда, самаранок намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт, харҷи тамоми кӯшишҳо баҳри беҳбудӣ ва некӯаҳволии иҷтимоӣ ва зиндагии осоиштаи халқ диққати беканори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равона карда шудааст, зеро ҳукмронии суботу оромӣ ва осудагӣ дар кишвар яке аз омилҳои асосии рушд ва пешрафти ҷомеа мебошад. Чунончи, дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли равон қайд карда мешавад, ки ҳукумати кишвар тамоми чораҳоро баҳри пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла пешгирии терроризм, экстремизм, коррупсия, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ғайра равона менамояд [2].

Ҳанӯз дар соли 2013 дар кишвар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 2 ноябри соли 2013, № 49) тасдиқ шуда буд [3]. Тибқи банди 2 Консепсияи мазкур «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз самтҳои татбиқи консепсияи давлатии таъмини амнияти криминологӣ баромад менамояд ва дар эътироф кардани алоқамандӣ ва баҳам вобастагии появи муқаррароти асосии он бо сиёсати иҷти-

моии давлат, инчунин сиёсати пешгирии ҷинояткорӣ, ҳимоя ва дастгирии ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо, иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятидошта, барқарорсозии иҷтимоӣ ва назорат аз болои шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд, пешбинӣ мешавад» [2].

Аз ин ҷо, дар замони муосир ҳалли яке аз мақсаду вазифаҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ - беҳтаршавии сифатии ҳолати воқеии ҷинояткорӣ, аз ҷумла паст кардани сатҳ ва сохти хатари ҷамъиятии намудҳои алоҳидаи он (ба мисли ҷинояткориҳои ретсидивӣ, муташаккилона, террористӣ, ғаразнок, коррупсионӣ, экстремизм, бо роҳи зӯроварӣ содиршаванда ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон) зарур ҳисобида шудааст.

Ҳамзамон, дар Консепсия дар қатори амалисозии декриминализатсияи баъзе аз ҷиноятҳо ва криминализатсия намудани кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок (бо дарназардошти асосҳои илман асоснок), инчунин пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ, террористӣ ва экстремистӣ дошта, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, савдои одамон ва дигар ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ низ пешбинӣ карда шудааст.

Масъалаҳои назариявӣ ва таҷрибавии пешгирии ҷинояткорӣ бо истифода аз сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар ҷомеа дар баъзе ҳолат ба нофаҳмӣ боис мегардад. Аз ҷумла, таҳлили матбуоти даврӣ дар самти омӯзиши фикру ақидаҳои ҷомеа нишон медиҳад, ки қисмате аз намояндагони ҷомеа дар он ақидаанд, ки пурзӯр кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар кишвар имконияти пешгирии ҷинояткориро фароҳам меорад. Ҷолиби диққат аст, ки дар таърихи давлатдории инсоният исботи баръакси ин фикру ақида низ аст. Татбиқи чораҳои пешгирии ҷинояткорӣ имконият медиҳад, ки қабл аз содир кардани ҷиноят пеши роҳи он гирифта шавад, нишондодҳои шуморавию сифатии ҷинояткорӣ кам гардад ва монанди инҳо.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи пешгирии ҷинояткорӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Сиёсатии ҳуқуқии ҷиноятии давлатӣ тақозо мекунад, ки татбиқи чораҳои пешгирии ҷинояткорӣ назар ба мубориза бо он дар кишвар аввалиндараҷа аст. Дар ҳолати зиёд шудани нишондодҳои шуморавию сифатии ҷиноятҳои алоҳида дар ҷомеа мақомоти давлатии салоҳиятнок муборизаи доимиро амалӣ месозад.

Тибқи нишондодҳои оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи ҷиноятҳои гуногуни содиршуда сол аз сол зиёд шуда, ҷомеаро ба ташвир овардааст. Чунончи, дар соли 2006 шумораи ҷиноятҳои содиршуда 11200 ададро ташкил дода буд. Дар солҳои минбаъда ин нишондод ҳар соле самти болоравиро гирифта (дар соли 2007 - 12100 ҷиноят, дар соли 2008 - 11700 ҷиноят, дар соли 2009 - 12408 ҷиноят, дар соли 2010 - 14542 ҷиноят ва дар соли 2011 -16864 ҷиноят), дар соли 2012 ин нишондод як миқдор кам шуд (16593 ҷиноят) [4].

Қайд кардан бамаврид аст, ки ин нишондод дар солҳои минбаъда якбора самти болоравиро гирифт (дар соли 2013 - 18336 ҷиноят ва дар соли 2014 - 19352 ҷиноятҳои содиршуда ба қайд гирифта шуданд) [5]. Ин ҳолат дар соли 2015 низ давом ёфт (шумораҳои ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда дар соли равон 21585 адад буда, назар ба соли 2014 2233 адад зиёд мебошад) [6].

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории ҷиноятӣ якчанд тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки онҳо асосан ба амалӣ сохтани чораҳои дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ пешбинишуда ва бодарназардошти рӯйдодҳои охири ҷаҳон равона карда шудаанд. Ин ба мақсад мувофиқ аст, зеро қонунгузории ҷиноятӣ дар қатори дигар соҳаҳо низ ба талаботи замона бояд ҷавобгӯй бошад.

Аз ин бармеояд, ки тадбирҳои пешбинишуда дар самти пешгирии ҷинояткорӣ нокифоя мебошанд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки баъзе аз самтҳои он дар солҳои минбаъда таҷлили назар карда шаванд.

**Рӯйхати адабиёт**

1. Антонян Ю.М. Почему люди совершают преступления. Причины преступности. М.: Камерон, 2006. С.4.

2. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарчашма: http://www.president.tj/node/10589;

3. Сарчашма: http://mmk.tj/Government-programs/concept/jinoyat;

4. Нишондодҳои омори ҷиноятӣ аз сарчашмаҳои расмӣ («Тоҷикистон дар рақамҳо 2012. http://www.stat.tj/», «Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Январ-декабри 2012» (Душанбе, 2012. саҳ.102-103)

ва аз сомонаи ВКД ҶТ (http://www.mvd.tj/») дастрас шудаанд;

5. Сарчашма: http://www.news.tj; http://www.mvd.tj/, http://mmk.tj/, http://www.president.tj/, http://www.stat.tj/

6. Сарчашма: http://www.mvd.tj/index.php/tj/asosi/9993-sukhanron;

7. Бахриддинов С.Э. Доир ба баъзе масъалаҳои назарияи пешгирии ҷинояткорӣ // Қонунгузорӣ (Законодательство). 2011. №1. С.68-72.

8. Баҳриддинов С.Э. Мубориза бо коррупсия – яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Коррупсия яке аз хатарҳои ҷиддӣ ба амнияти давлат, роҳҳои пешгирӣ ва мубориза бо он». 8 декабри соли 2011. – С.11-13.

9. Бахриддинов С.Э. О системе мер противодействия организованной наркопреступности в Республике Таджикистан // Материалы международной научно-практической конференции «Международное сотрудничество в сфере противодействия организованной транснациональной наркопреступности». Душанбе, 2013.

10. Баҳриддинов С.Э. Криминология /Васоити таълимӣ (қисми умумӣ). Душанбе, 2013. 187 саҳ.

11. Баҳриддинов С.Э. Ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ (Законодательство). 2013. №3. – С.15-18.

12. Криминология: Учебник для юридических вузов / Под ред. А.И. Долговой. М., 2013.

13. Кузнецова Н.Ф. Проблемы криминологической детерминации. М., 1984.

14. Курс советской криминологии. Предмет. Методология. Преступность и ее причины. Преступник. М., 1985.

15. Курс советской криминологии. Предупреждение преступности. М., 1986.

16. Тоҷикистон дар рақамҳо 2012. http://www.stat.tj/.

17. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Январ-декабри 2012. Душанбе, 2012. – С.102-103.

**Аннотатсия**

**Масоили пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур масоили пешгирии ҷинояткорӣ дар кишвар зери таҳлил қарор дода шудааст. Муаллифон таҷриба, ақидаҳои олимон ва нишондодҳои омори ҷиноятиро таҳлил намуда, ба хулоса омадаанд, ки сиёсати давлат дар ин самт вобаста ба пешгирии ҷинояткорӣ ба мақсад мувофиқ буда, дар оянда такмил додани он ногузир аст.

**Аннотация**

**О проблемах предупреждения преступности в Республике Таджикистан**

В настоящей статье исследуются проблемы предупреждения преступности в Республике Таджикистан. Авторы, анализируя мнения ученых, существующую практику и уголовную статистику в республике, пришли к выводу о целесообразности и своевременности принятия государственных мер в сфере предупреждения преступности в Таджикистане и предлагают продолжить положительный курс государственной политики в данной сфере.

**Annotation**

**About problems of the prevention of crime in the Republic of Tajikistan**

The given article invesigates the problems prevention of criminality in the Republic of Tajikistan. Authors analyzing the opinions of scolars and existing practice and criminal statistics in republic, came to the conclusion on expediency and modernity adoption of state measures in the sphere prevention of criminality in Tajikistan and offer to continue a positive course of state politics in this field.



**Алиева П.Х.,**
*заместитель начальника отдела законодательства по государственному устройству, судебным и правоохранительным органам Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук*
*E-mail: pari_2.01.86@mail.ru*

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ МОМЕНТА ПРИЗНАНИЯ ЛИЦА ПОТЕРПЕВШИМ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Калидвожаҳо:*** *ҷабрдида; мурофиаи ҷиноятӣ; Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

***Ключевые слова:*** *потерпевший; уголовный процесс; Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан.*

***Keywords****: the victim; the criminal proceedings; the Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan.*

Согласно части первой статьи 42 УПК РТ потерпевшим признается лицо, независимо от его возраста, психического и физического состояния, которому преступлением причинен физический, материальный, моральный вред, а также лицо, права и интересы которого поставлены под непосредственную угрозу покушением на преступление. А также потерпевшим может быть признано юридическое лицо, которому преступлением причинен моральный и материальный вред. В этом случае права и обязанности потерпевшего осуществляет представитель юридического лица. О признании физического или юридического лица потерпевшим дознаватель, следователь и судья выносят постановление, а суд – определение, незамедлительно после установления события преступления и факта причинения преступлением вреда.

Как видно из вышеприведенного понятия потерпевшего, указанного в части первой статьи 42 УПК РТ, лицо признается потерпевшим после установления факта причинения преступлением вреда, с чем автор статьи не может согласиться, поскольку факт причинения преступлением вреда определяет суд. Однако считает, что в силу принципа состязательности потерпевший, как активный участник процесса, должен обладать уголовно-процессуальными правами, дабы защищать свои права и законные интересы уже на раннем этапе расследования дела. Как верно отметил А.А. Коомбаев, возбуждение уголовного дела есть не что иное, как установление признаков преступления, в том числе признаков причинения вреда [1, с. 12-13]. Следовательно, для уголовного процесса Таджикистана было бы целесообразным вынесение постановления о признании лица потерпевшим незамедлительно с момента возбуждения уголовного дела, как это предусмотрено в ч. 1 ст. 42 УПК РФ.

Для подтверждения вышесказанного, стоит отметить, что результаты опроса действующих сотрудников правоохранительных органов Республики Таджикистан, свидетельствуют о том, что 42 % опрошенных считают, что закрепленный Уголовно-процессуальным кодексом Республики Таджикистан порядок признания лица потерпевшим в полной мере не учитывает интересы как потерпевшего, так и других участников процесса [2, с. 165–166].

Что же касается науки уголовного процесса, то его представители придерживаются различных мнений по данному вопросу.

Некоторые ученые предлагают *признавать лицо потерпевшим одновременно с возбуждением уголовного дела* [3].

В частности, по мнению С.В. Колдина, уголовные дела довольно часто возбуждаются по фактам причинения противоправными действиями, содержащими признаки различных преступлений, вреда конкретным лицам. Так почему же в этом случае не признать лицо потерпевшим по факту причинения ему вреда одновременно с решением о возбуждении дела? [4, с. 91]

П. Яни также считает, что лицо должно признаваться потерпевшим одновременно с возбуждением уголовного дела, поскольку данные, установление которых необходимо для признания его таковым, фактически во многом совпадают с выявляемыми при до следственной проверке, которая должна установить обстоятельства, указывающие на наличие или отсутствие признаков преступления [5, с. 19].

Данное положение, по мнению Е.Н. Клещиной, Д.В. Шарова, а также М.В. Николаева будет способствовать достижению назначения уголовного судопроизводства [6].

В.И. Ролихин и В.Г. Казанцев также предлагают признавать лицо потерпевшим одновременно с возбуждением уголовного дела, исходя из того, что только после признания лица таковым, оно приобретает возможность пользоваться правами потерпевшего, в частности, правом подавать жалобы на действия (бездействие) дознавателя, следователя, прокурора и суда. Таким образом, законодатель наделил дознавателя, следователя и суд беспрецедентным правом решать, может или нет жаловаться на них человек, юридическое лицо, пострадавшее от преступления, чьи интересы они и должны отстаивать. Если это не нарушение демократических принципов, то уж судебная коллизия – точно [7, с. 11-12].

В отличие от УПК РТ, который предусматривает незамедлительное признание лица потерпевшим после установления события преступления и факта причинения преступлением вреда, до недавних пор, в УПК РФ отсутствовала норма, предусматривающая момент признания лица потерпевшим [8]. Поэтому Уполномоченный по правам человека в Российской Федерации в специальном докладе, посвященный проблемам защиты прав потерпевших от преступлений отмечал, что главная проблема в том, что все эти права возникают у потерпевшего слишком поздно, только с того момента, как дознаватель, следователь, прокурор или суд вынесут постановление о признании его потерпевшим. Пока же этого не произошло, лицо, потерпевшее от преступления, остается фактически бесправным [9, с. 10].

Таким образом, в российском законодательстве предусмотрен период между моментом совершения в отношении лица преступления, которым ему был причинен вред, и моментом признания его таковым.

По мнению Уполномоченного, для устранения отмеченного процессуального дефекта следовало бы проработать вопрос о дополнении статьи 146 УПК РФ положением о том, что пострадавшее от преступления лицо признается потерпевшим одновременно с вынесением постановления о возбуждении уголовного дела [9, с. 10].

Также данной проблемы коснулась депутат Государственной Думы Российской Федерации Ирина Яровая при рассмотрении в первом чтении законопроекта «О защите прав потерпевших», отметив, что признание потерпевшего с момента возбуждения уголовного дела – это принципиальная норма, которая позволит обеспечить для потерпевших дополнительные гарантии и защиту [10].

Другие ведут речь о *признании лица потерпевшим уже на стадии возбуждения уголовного дела* [11].

Третья группа авторов вообще предлагает *признать лицо потерпевшим одновременно с подачей заявления о преступлении* [12, с. 11]. В частности, А.В. Абабков аргументирует свою позицию тем, что фактически наделение лица, обратившегося в компетентные органы с заявлением о причинении ему в связи с преступным посягательством какого-либо вреда, статусом пострадавшего гарантировало бы ему уже на этой стадии возможность осуществления процессуальных прав [13, с. 67].

В результате проведенного анализа, автор статьи пришла к выводу, что, в целях совершенствования уголовного процесса Республики Таджикистан, лицо должно быть признана потерпевшим одновременно с возбуждением уголовного дела, так как потерпевшему, как активному участнику процесса, должны быть предоставлены уголовно-процессуальные права, дабы защищать свои пра-

ва и законные интересы уже на раннем этапе расследования дела.

В этой связи предлагается внести в часть первую статьи 42 УПК РТ о потерпевшем следующее изменение: предложение «установления события преступления и факта причинения преступлением вреда» заменить следующим предложением «с момента возбуждения уголовного дела, а если на момент возбуждения уголовного дела отсутствуют сведения о лице, которому преступлением причинен вред, решение о признании потерпевшим принимается незамедлительно после получения данных об этом лице».

**Список литературы**

1. Коомбаев А.А. Право потерпевшего на обжалование процессуальных действий и решений в досудебных стадиях уголовного судопроизводства. С. 12–13;

2. Алиева П.Х. Потерпевший в уголовном процессе Республики Таджикистан : дисс. … канд. юрид. наук. М., 2015. С. 165 – 166;

3. Леви А., Давыдова Е. Положение потерпевшего в уголовном процессе: нужна конкретизация // Законность. 2009. № 02. С. 38; Голиков О.В. Совершенствование российского законодательства в сфере защиты потерпевшего в уголовном процессе. С. 74 – 75; Коомбаев А.А. Право потерпевшего на обжалование процессуальных действий и решений в досудебных стадиях уголовного судопроизводства: по материалам Кыргызской Республики и Российской Федерации : дисс. … канд. юрид. наук. М., 2008. С. 10; Парий А.В. Потерпевший от преступления на досудебных стадиях уголовного судопроизводства США (сравнительно-правовое исследование) : дисс. … канд. юрид. наук. Волгоград, 1997. С. 50; Лаврешин Ю.И. Процессуальные гарантии реализации права потерпевшего на участие в уголовном преследовании : дисс. … канд. юрид. наук. Ставрополь, 2009. С. 8; Мисник И.В. Процессуальное положение потерпевшего в российском уголовном судопроизводстве / под ред. И.В. Смольковой. Иркутск : ФГОУ ВПО ВСИ МВД РФ, 2010. С. 56 – 57; Юношев С. Укрепление правового статуса потерпевшего и его представителя // Российская юстиция. 1998. № 11. С. 21; Величко И.В. Понятие потерпевшего и его процессуально-правовой статус по действующему уголовно-процессуальному законодательству Российской Федерации // Общество и право. 2011. № 4. С. 235;

4. Колдин С.В. Защита прав и законных интересов потерпевшего по Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации. С. 91;

5. Яни П. О признании потерпевшим по уголовному делу // Советская юстиция. 1992. № 9 – 10. С. 19;

6. Клещина Е.Н., Шаров Д.В. Участие потерпевшего в уголовном судопроизводстве. М.: Юрлитинформ, 2012. С. 30; Николаев Е.В. Восстановление прав и законных интересов потерпевших в уголовном судопроизводстве : монография. М.: Юрлитинформ, 2010. С. 45 – 46;

7. Рохлин В.И., Казанцев В.Г. Потерпевший в уголовном процессе. С. 11 – 12;

8. Введено Федеральным законом от 28.12.2013 № 432 – ФЗ «О внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации в целях совершенствования прав потерпевших в уголовном судопроизводстве»;

9. Проблемы защиты прав потерпевших от преступлений: специальный доклад Уполномоченного по правам человека в Российской Федерации. М.: ИД Юриспруденция, 2008. С. 10;

10. Ирина Яровая (председатель комитета ГД по безопасности и противодействию коррупции) о рассмотрении в первом чтении законопроекта «О защите прав потерпевших» – М., 23.04.2013; www.YouTube.com (от 11 сентября 2013 года – видеосюжет);

11. Танцерев М.В. Потерпевший и его функция в уголовном процессе России. С. 45 – 46; Василенко Н.Н. Правовое положение потерпевшего в уголовном процессе России : дисс. … канд. юрид. наук. М., 2005. С. 9; Игнатьева М.В. Процессуальные и организационные вопросы соблюдения прав и законных интересов потерпевших и обеспечение их личной безопасности. С. 211; Камашев Г.М. Тактические и психологические основы допроса потерпевшего : автореф. дис. … канд. юрид. наук. Ижевск, 1993. С. 9; Круглов С.В. Участие потерпевшего в доказывании на предварительном следствии по УПК РФ : дисс. … канд. юрид. наук. Саратов, 2006. С. 10;Тетерина Т.В. Проблемы обеспечения имущественных, иных прав и законных интересов потерпевшего в уголовном процессе : дисс. … канд. юрид. наук. Нижний Новгород, 2004. С. 29;

Брусницын Л. К обеспечению прав жертв преступлений в досудебных стадиях // Уголовный процесс. 2004. № 1. С. 58; Чекулаев Д. Процессуальные права потерпевших на досудебных стадиях уголовного процесса // Законность. 2007. № 02. С. 19; Желудков М. Особенности уголовно-процессуальной деятельности потерпевших в досудебном производстве по уголовному делу // Уголовный процесс. 2008. № 1. С. 95;

12. Иванов В.В. Проблемы реализации и процессуальные гарантии конституционного права потерпевшего на доступ к правосудию и судебную защиту : дисс. … канд. юрид. наук. Самара, 2004. С. 11;

13. Абабков А.В. Процессуальное положение потерпевшего в уголовном процессе : дисс. … канд. юрид. наук. М., 1998. С. 67.

**Аннотатсия**

**Баъзе масъалаҳои лаҳзаи ҷабрдида эътироф кардани шахс дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур таҳқиқоти баъзе масъалаҳои лаҳзаи ҷабрдида эътироф кардани шахс дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда, муаллифи мақола ба хулоса омадааст, ки бо мақсади такмилдиҳии мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахс бояд бо баробари оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ҷабрдида эътироф шавад, зеро ба ҷабрдида, ҳамчун иштирокчии фаъоли мурофиа, бояд ҳуқуқҳои мурофиавӣ пешбинӣ карда шавад, то ки ӯ аллакай дар марҳилаи аввали тафтишоти парванда ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда тавонад.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы момента признания лица потерпевшим в уголовном процессе Республики Таджикистан**

В данной статье проанализированы некоторые проблемы момента признания лица потерпевшим в уголовном процессе Республики Таджикистан. В результате проведенного анализа, автор статьи пришла к выводу, что, в целях совершенствования уголовного процесса Республики Таджикистан, лицо должно быть признано потерпевшим одновременно с возбуждением уголовного дела, так как потерпевшему, как активному участнику процесса, должны быть предоставлены уголовно-процессуальные права, дабы защищать свои права и законные интересы уже на раннем этапе расследования дела.

**Annotation**

**Some questions of the moment of recognition of the person injured in criminal proceedings the Republic of Tajikistan**

This article analyzes some of the problems the moment of recognition of the person injured in criminal proceedings the Republic of Tajikistan. As a result of the analysis, the author concluded that, in order to improve the criminal procedure of the Republic of Tajikistan, a person must be recognized as victims in conjunction with the criminal case because the victim is an active participant in the process, should be provided to criminal procedural law, in order to defend their rights and legal interests at an early stage of the investigation.



**Раҳимзода М.З.,**
*директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

# ДОИР БА САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ

***Калидвожаҳо:*** *сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; шартномаҳои меъёрии ҳуқуқӣ; санадҳои маҳаллии корпоративӣ; одатҳои муомилоти корӣ; санадҳои судӣ.*

***Ключевые слова:*** *источники предпринимательского права; нормативные правовые акты; нормативно-правовые договоры; местные корпоративные акты; обычаи делового оборота; судебные акты.*

***Keywords****: sources of entrepreneurship rights; normative-legal acts; normative-legal agreements; local corporative acts; habits of deal turnover; judicial acts.*

Дар қатори предмет ва метод, ки ба мо имконият медиҳад ҷои ҳуқуқи соҳибкориро дар низоми соҳаҳои ҳуқуқ муайян намоем, масъалаи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои калидӣ мебошад. Бояд зикр намоем, ки илми ҳуқуқ таърихан намудҳои гуногуни ҳуқуқфаҳмиро муайян намуд: позитивӣ, таърихӣ, табиӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, марксистӣ ва ғ. Дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил муддати дурудароз назарияи позитивӣ ҳукмрон буд. Тибқи назарияи мазкур ҳуқуқ аз ҷониби давлат ба вуҷуд оварда шуда ва иҷрои он аз тарафи вай таъмин карда мешавад. Чунин нуқтаи назар дар давраи Шӯравӣ бебаҳс буд. Зеро нақши давлат дар ҳамон давра дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ хело бузург буда, моҳиятан асоси инкишофи иқтисодиёт, ҳуқуқ, ҷамъияти шаҳрвандӣ, аз ҷумла, бавучудоии сарчашмаҳои ҳуқуқиро ташкил медод. Ҳоло ҳам нақши баланди санадҳои ҳуқуқие, ки давлат барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул менамояд, дар кишварҳои ИДМ раднопазир аст. Вале дар ҷаҳони имрӯза як қатор меъёрҳои ҳуқуқӣ шакли хуҷҷатӣ надоранд, аз ҷумла догмаҳои динӣ дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, одатҳои нонавишта ва дигар шаклҳои сарчашмаҳои ҳуқуқ дар низомҳои (оилаҳои) ҳуқуқии гуногун, ки дорои табиати беназир буда, аз рӯи моҳияти худ ба муқарароти навишташуда алоқаманд намебошанд. Барои ҳамин ҳам қисми зиёди олимони ҳуқуқшинос оиди ба мақсад мувофиқ будани истифодаи ҳуқуқфаҳмии “интегралӣ” ба хулоса омадаанд. Чунин фаҳмиши ҳуқуқ имконият медиҳад, ки унсурҳои намудҳои гуногуни ҳуқуқфаҳмиро барои то дараҷае объективан ва мушаххас омӯхтани табиати ҳуқуқ ва зуҳуроти гуногуни ҳуқуқӣ истифода намоем [1, с. 115–116].

Таҳлили адабиёти ҳозиразамони ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ оид ба назарияи ҳуқуқ нишон медиҳад, ки истилоҳи “сарчашмаи ҳуқуқ” якчанд маънӣ дорад. Ҳамчун қуввае, ки ҳуқуқро ба вуҷуд меорад [2, с. 295], тарзи ифодаи мустаҳкамкунии меъёри ҳуқуқ. [3, с. 191] омили бавуҷудоӣ ва амалӣ ҳуқуқ [4, с. 123], шакли зоҳирии ифодаёбии ҳуқуқ [5, с. 60]. Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ сарчашмаи ҳуқуқ ҳамчун шаклҳои ифодаи ҳуқуқ тавсиф карда мешавад [6, с. 406].

Дар байни олимони ҳуқуқи соҳибкорӣ оид ба мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ низ ақидаи ягона мавҷуд нест. Ба ақидаи яке сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳиборӣ маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки натанҳо қонунҳоро, инчунин санадҳои зерқонунӣ ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқро дарбар мегирад [7, с. 155–156]. Дигаре сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибориро ба моддӣ ва расмӣ ҷудо менамояд. Дар маънои моддӣ ҳамчун қувваи бавуҷудоварандаи ҳуқуқ ва дар маънои расмӣ бошад, ҳамчун шакли ифодаи иродаи давлат маънидод менамоянд [8, с. 94]. Ҳамзамон иброз карда мешавад, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи

соҳиборӣ асоси (қуввaӣ, омилӣ) ташаккулёбӣ, ифодаёбӣ ва мустаҳкамкунии меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, муносибатҳои соҳибкорӣ ва дигари иқтисодиро ба танзим медароранд [9, с. 143].

Сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкориро вобаста ба тарзи ташаккулёбӣ (ифодаёбӣ) ва эътиборӣ (қувваи) ҳуқуқиашон тасниф намудан мумкин аст. Вобаста ба тарзи ташаккулёбиашон (ифодаёбиашон) ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ( санадҳои қонунӣ ва санадҳои зерқонунӣ); шартномаҳои ҳуқуқии меъёрӣ; санадҳои маҳаллии корпоративӣ; одатҳои ҳуқуқӣ; санадҳои судӣ ҷудо мешаванд. Вобаста ба эътибори (қувваи) ҳуқуқиашон ба байналмилалӣ; миллӣ (қонун ва санадҳои зерқонунӣ); маҳаллӣ; одатҳои ҳуқуқӣ (байналмилалӣ, миллӣ, маҳаллӣ) ва санадҳои судӣ ҷудо намудан мумкин аст. Ба сифати сарчашмаи асосии ҳуқуқи соҳибкорӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 қабул карда шудааст, баромад менамояд. Тибқи моддаи 10 Конститутсияи (Сарқонуни) Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро аз тарафи давлат кафолат дод (м.12). Анҷоми мантиқии нишондоди зикршуда таҷассуми худро дар моддаи 19 Кодекси гражданиии Ҷумҳурии Тоҷикистон меёбад, ки мутобиқи он шаҳрванд метавонад ҳам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он дорои ҳуқуқи моликият ба молумулк бошад ва ба ҳама гуна фаъолияте, ки қонун манъ накардааст, машғул шавад. Машғул шудан бо ҳама гуна фаъолияте, ки қонун манъ накардааст, аз ҷумла бо фаъолияти озоди соҳибкорӣ машғул шудани шаҳрвандонро низ дар назар дорад, ки давоми мантиқии кафолати давлатии ҳуқуқи конститутсионӣ бо фаъолияти озоди соҳибкорӣ ва иқтисодӣ машғул шудан аст. Ҳамзамон, дар Конститутсия ҳақ доштани ҳар кас ба меҳнат ва интихоби касбу кор дарҷ карда шуд (қ 1 м.35). Ҳамин тавр, барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳи Конститутсия заминаҳои зерини ҳуқуқӣ муҳайё карда шуд:

1) гуногуншаклии моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ;

2) озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ;

3) ҳуқуқи машғул шудан бо ҳама гуна фаъолияте, ки қонун манъ накардааст, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ;

4) интихоби озоди функсияи (фаъолияти) меҳнатӣ.

Қонунҳои конститутсионӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ қабул карда нашудаанд, зеро Конститутсияи ҶТ қабул намудани чунин санадҳоро танҳо тибқи номгӯӣ муайяне, ки бевосита дар матни Конститутсия пешбинӣ карда шудааст, имконият медиҳад.

Сарчашмаи дигари ҳуқуқи соҳибкорӣ кодексҳо ба ҳисоб мераванд. Аз ҷумла, Кодекси гражданиии (мадании) ҶТ, Кодекси мурофиаи иқтисодии ҶТ, Кодекси андози ҶТ, Кодекси замини ҶТ, Кодекси ҶТ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ғ-ҳо. Ҳангоми танзими муносибатҳои соҳибкорӣ бояд дар назар дошт, ки муносибатҳои иштирокчиёни муомилоти гражданиe, ки бо баробарии ҳуқуқии тарафҳо асос меёбанд, асосан аз ҷониби Кодекси граждaнӣ ба танзим дароварда мешаванд. Ҳамзамон қайд кардан бамаврид аст, ки КГ ҶТ то андозае дигар муносибатҳои соҳибкорӣ ва оммавиро (расмиёти бақайдгирӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, меъёрҳо оид ба маҷбуран бастани шартнома, масъалаҳои бо таври маҷбурӣ қатъгардонии ҳуқуқи моликиятиро бо мақсади оммавӣ ва ғ.) ба танзим медарорад. Худи мафҳуми “соҳибкорӣ” дар моддаи 1 Кодекси граждaнӣ дода шудааст. Ҳангоми татбиқи меъёрҳои Кодекси граждaнӣ, инчунин ҳудуди объективие, ки моддаи 1 КГ оид ба татбиқи қонунҳои граждaнӣ муқаррар намудааст, бояд ба назар гирифт, яъне нисбати муносибатҳои молумулкие, ки ба тобеъияти маъмурӣ ё бо тобеияти дигари омиронаи як тараф ба тарафи дигар асос ёфтааст, агар дар қонунҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, қонунгузории граждaнӣ истифода намешавад. Барои ҳамин ҳам нисбати муносибатҳое, ки соҳаҳои маъмурӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва дигар соҳаҳоро ба танзим медароранд, меъёрҳои Кодекси гражданиро татбиқ намудан мумкин нест.

Кодекси андоз фаъолиятро ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ ҷудо менамояд (м. 8). Дар он мафҳуми соҳибкорӣ ва соҳибкории инфиродӣ, нархҳои бозорӣ, мафҳуми

бозори мол (кор, хизматрасонӣ), даромади аз соҳибкорӣ андозбандишаванда, молҳои шабеҳ, молҳои якхела (м. 24), имтиёзҳои андозбандӣ ва дигар масъалаҳои ба соҳибкорӣ алоқаманд ба танзим дароварда мешаванд.

Чи тавре ки дар боло зикр намудем, ба ҳайси сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, инчунин қонунҳо баромад менамоянд. Қонунҳое, ки фаъолияти соҳибкориро ба танзим медароранд, хеле гуногунанд. Як гурӯҳи онҳо ҳолати ҳуқуқии субъектҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкориро муайян менамоянд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ аз 10 майи соли 2002 “Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд”[10]; Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007 “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” [11]; Қонуни ҶТ аз 28 феврали соли 2004 “Дар бораи корхонаҳои давлатӣ” [12]; Қонуни ҶТ аз 16 апрели соли 2012 “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” [13]; Қонуни ҶТ аз 22 июли соли 2013 “Дар бораи кооперативҳо” [14]; Қонуни ҶТ аз 26 июли соли 2004 “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” [15]; Қонуни ҶТ аз 19 майи соли 2009 “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” [16]; Қонуни ҶТ аз 23 декабри соли 1991 “Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ” [17] ва ғ- ҳо.

Гуруҳи дигари қонунҳо тамоми фаъолияти соҳибкориро ба танзим медароранд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ аз 19 майи соли 2009 “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” [18]; Қонуни ҶТ аз 17 майи соли 2004 “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” [19]; Қонуни ҶТ аз 19 майи соли 2009 “ Дар бораи ба меъёрдарории техникӣ” [20]; Қонуни ҶТ аз 18 июни соли 2008 “Дар бораи сирри тиҷоратӣ”[21]; Қонуни ҶТ аз 26 июли соли 2014 “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии ҳуқуқи соҳибкорон” [22] ва ғ-ҳо.

Ҳамзамон, қонунҳое мавҷуданд, ки намудҳои мушаххаси фаъолияти соҳибкориро танзим менамоянд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ аз 3 июли соли 2012 “Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ”[23]; Қонуни ҶТ аз 5 августи соли 2009 “Дар бораи суғуртаи мутақобила” [24]; Қонуни ҶТ аз 28 июни соли 2011 “Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок” [25] ва ғ-ҳо.

Реҷаи ҳуқуқии объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз тарафи Қонунҳои ҶТ аз 5 марти соли 2007 “Дар бораи тамғаи молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ” [26]; Қонуни ҶТ аз 28 соли 2004 “Дар бораи ҷамъоварии пораву партовҳои металлҳои сиёҳ ва ранга” [27]; Қонуни ҶТ аз 12 майи соли 2001 “Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо” [28] ва ғ-ҳо ба танзим даровvarda мешаванд.

Албатта, чунин ҷудокунии қонунгузории соҳибкорӣ шартӣ буда, барои омӯзиши мавод лозим мебошад. Зеро, қонунҳои зикршуда оид ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ меъёрҳоеро низ дарбар мегиранд, ки баъзе ҷабҳаҳои дигари фаъолияти соҳибкориро танзим менамоянд ва баръакс.

Ба сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии зерқонунӣ дохил мешаванд. Санадҳои ҳуқуқии зерқонунӣ доираи васеъ ва гуногуни муносибатҳоро дар соҳаи соҳибкорӣ дарбар мегиранд. Онҳо дорои хусусиятҳои зерин мебошанд: Аввало, онҳо дар доираи ваколати мақомоте, ки онҳоро баровардаанд, қабул карда мешаванд. Баъдан, онҳо наметавонанд аз доираи қонун бароянд, ҳатто ба онҳо мухолифат намоянд. Ба онҳо пеш аз ҳама, фармонҳои Президенти ҶТ дохил мешаванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад. (м. 20 Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”). Ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ фармонҳои зерин баромад карда метавонанд:. Фармони Президенти ҶТ аз 30 сентябри соли 2011 “Дар бораи эълон намудани мораторияи ба ҳамаи намудҳои санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолот”; Фармони Президенти ҶТ аз 8 апрели соли 1996 “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар ҶТ”; Фармони Прездентии ҶТ аз 25 январи соли 2015 “Дар бораи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ғ.

Қарорҳои Ҳукумати ҶТ яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо дар асос ва барои иҷрои Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ, дигар санадҳои қонунгузорӣ ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд (м.21 Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”). Мисоли равшани онҳо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 ноябри соли 2013, № 493 “Дар бораи қоидаҳои гузаронидани бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ”; Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 августи соли 2012, №451 “Дар бораи қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳо-

датнома амал менамоянд", Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри соли 2012, №696 дар таҳия аз 30 декабри соли 2014, №786 "Оид ба тартиби ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорие, ки дар соҳаи истеҳсолот дар давраи мораторияи ба ҳама гуна намуди санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолот натиҷаиназаррас ба даст овардаанд"ва ғ. шуда метавонад.

Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ дар асос ва барои иҷрои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунанд. Вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли фармоиш, кумитаҳои давлатӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон дар шакли қарор қабул мекунанд (м. 22 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ"). Нақши муҳимро дар танзими фаъолияти соҳибкорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати молия, Вазорати иқтисод ва рушди савдо ва дигар мақомотҳо мебозанд. Ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва қарорҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, инчунин Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳия ва раисони шаҳру ноҳия баромад менамоянд. Онҳо дар шакли қарор ва дар асос ва барои иҷрои Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, агар қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳия ва раисони шаҳру ноҳия бошанд, инчунин дар асоси қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе қабул карда мешаванд (м. 23 ва 24 Қонун). Чунин қарорҳо дар доираи салоҳияти онҳо қабул карда шуда, асосан фаъолияти корхонаҳои коммуналиро ба танзим медароранд. Ҳамзамон, дар баъзе ҳолатҳои бевосита дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ кардашуда, талаботҳои онҳо, инчунин ба дигар субъектҳои фаъолияти соҳибкорие, ки дар ҳудуди онҳо ба қайд гирифта шудаанд ва амал менамоянд, татбиқ карда мешаванд.

Барои татбиқи ҳамагуна санади меъёрии ҳуқуқӣ шарти бевоситаи амалнамоияш интишори он дар нашрияҳои расмӣ мебошад (м. 10 Конститутсия). Манбаи расмии интишори қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ ва Ҳукумати ҶТ рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» мебошанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) ба мақомоти нашри расмӣ ворид шудаанд, бояд дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯз аз лаҳзаи воридшавӣ интишор гарданд (м. 53 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ)".

Нақши нишонрасро дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ санадҳои танзимнамоии дохилӣ ичро менамоянд. Санадҳои танзимнамоиро вобаста ба доираи муносибатҳое, ки ба танзим медароранд, ба корпоративӣ (низомнома оид ба мақомоти иҷроия, оид ба комиссияи ревизионӣ) ва санадҳои меҳнатӣ (қоидаҳои тартиботи дохилӣ) ҷудо намудан мумкин аст. Онҳо дорои як қатор аломатҳои фарққунанда мебошанд. Якум, санадҳои дохилӣ аз ҷониби ташкилот (корхона) барои ҳалли масъалаҳои дохилӣ бароварда мешаванд. Дуюм, доираи санадҳои мазкур танҳо дар ҳудуди ташкилот маҳдуд намешаванд. Доираи татбиқи онҳо ба тааллуқ доштани субъект ба коллектив ё аъзои он будан вобаста мебошад. Масалан, агарчанде ки саҳмиядор ягон корро ҳам дар ҷамъияти саҳомӣ ичро накунад, уҳдадор аст, ки ба меъёрҳои корпоративии дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ифодаёфта итоат намояд. Сеюм, ҳатмӣ будани иҷрои онҳо ва татбиқи онҳо дар доираи фаъолияти субъекти хоҷагии мушаххас. Чаҳорум, барои татбиқи якчанд маротибагӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Панҷум, зарурияти расман нашр намудани онҳо дар нашрияҳои даврии махсус намебошад. Шашум, оддигии қабул ва набудани ҷараёни расмии қабули онҳо (масалан, ба монанди қонунҳо). Ҳафтум, бояд ба қонун ва дигар санадҳои меъёрии зерқонунии амалкунанда мутобиқ бошанд. Шаклҳои асосии ифодаёбии санадҳои дохилӣ оинномa, низомнома оид ба қисмҳои алоҳидаи таркибии ташкилотҳо (корхонаҳо), низомнома оид ба тартиби додани суд (фоида), низомнома оид ба мақомоти идоракунии ташкилотҳо, қоидаҳои дохилии меҳнатӣ, низомнома оид ба сирри тиҷоратӣ ва ғайра мебошанд.

Санадҳои корпоративии дохилӣ барои танзими муносибатҳои корпоративӣ қабул

карда мешаванд. Муносибатҳои корпоративӣ, чунин муносибатҳое мебошанд, ки ба иштирок дар ташкилотҳои корпоративӣ ё идоракунии онҳо алоқаманд мебошанд. Санадҳои корпоративӣ дар ташкилотҳои корпоративӣ қабул карда мешаванд ва муассисони (иштирокчиён, аъзоён) онҳо дорои ҳуқуқи иштирок кардан дар фаъолияти онҳоро доранд. Дар ҳуқуқи соҳибкорӣ истилоҳи "шартномаҳои корпоративӣ", "шартномаҳои дохилӣ" истифода бурда мешаванд. Зери мафҳуми онҳо шартномаҳоеро мефаҳманд, ки ба таъсис ё ин ки идоракунии субъекти хоҷагӣ алоқаманд мебошад. Мисоли равшани онҳо, шартномаҳо оид ба таъсиси ташкилот, шартномаҳо оид ба азнавташкилкунии ташкилотҳо, созишномаҳои иштирокчиёни иттиҳодияҳои соҳибкорон ва ғ. шуда метавонанд. Мақсади баста шудани онҳо танзим намудани масъалаҳои идоракунӣ, аз ҷумла интихоби модели идоракунӣ, муайян намудани тартиби ташаккул ва фаъолияти мақоми идоракунии субъекти хоҷагӣ, тартиби амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корпоративӣ ва ғ. субъекти хоҷагӣ мебошад.

Ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ санадҳои дохилии меҳнатӣ, ба монанди шартнома ва созишномаҳои коллективӣ баромад менамоянд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ онҳоро шартномаҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ меноманд. Онҳо дар радифи дигар сарчашмаҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ба сифати яке аз сарчашмаҳои муҳим ва маъмули дохилии (маҳалии) меъёрӣ танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо вобастаро ташкил медиҳанд (м. 2 Кодекси меҳнатӣ). Санадҳои дохилии меъёрӣ оид ба меҳнат, чунин санадҳое мебошанд, ки дар доираи салоҳият аз ҷониби корфармо мустақиман, инчунин дар якҷоягӣ ё дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори намояндагии кормандони ташкилот қабул шуда, амалашон дар доираи ташкилот маҳдуд мегардад.

Нақши санадҳои дохилии (маҳалии) меъёрӣ оид ба меҳнат дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ бағоят муҳим аст. Санадҳои дохилии (маҳалии) меъёрӣ қабл аз ҳама муқарраротy нишондоди санадҳои меъёрии эътибори баландтари ҳуқуқидоштаро дар ҳудуди ташкилот ба амал мебароранд. Сонияи, онҳо бо амалӣ намудани нишондодҳои санадҳои эътимоди балантари ҳуқуқидошта вазифаи тафсил ва мушаххасгардонии муқаррароти қонунҳоро мутобиқи шароитҳои ташкилот иҷро менамоянд. Солисан, санадҳои зикршуда қодиранд норасоии ҳуқуқиро бартараф сохта, дар сурати набудани санадҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ қабулшаванда, вазифаи танзими ибтидоии ҳуқуқиро иҷро намоянд. Баъдан, санадҳои дохилии меъёрӣ оид ба меҳнат имтиёзу афзалиятҳои иловагии иҷтимоии меҳнатиро барои кормандони ташкилот муқаррар карда метавонанд [29].

Шартномаи коллективӣ муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо ба танзим медарорад ва аз тарафи намояндагони ваколатдорашон байни корфармоён ва кормандон баста мешавад. Созишнома дар бораи шарикии иҷтимоӣ- санади ҳуқуқиест, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии байни кормандон, корфармоён, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, соҳаҳо ва касбҳоро ба танзим медарорад (м. 1 Қонуни ҶТ аз 28 июли соли 2006 "Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ").

Созишномаҳои коллективӣ ба генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ ҷудо мешаванд. Созишномаи генералӣ-санади ҳуқуқиест, ки принсипҳои умумии сиёсати шарикии иҷтимоию иқтисодиро муқаррар намуда, равандҳои асосии ҳамкорӣ ва уҳдадориҳои тарафайни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияҳои иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон ва иттиҳодияҳои умумиҷумҳуриявии корфармоёнро дар соҳаи шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон, таъмини ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ, зиёд кардани даромади меҳнаткашонро бо мурури муътадил гардидани вазъи иқтисодиёт муайян мекунад.

Созишномаи соҳавӣ санади ҳуқуқиест, ки равандҳои иҷтимоиву иқтисодии инкишофи соҳа, шароити меҳнат, сатҳи шуғл, музди меҳнат, кафолатҳои иҷтимоиро барои кормандони соҳа муқаррар ва масъалаҳои тарафайни сатҳи соҳавиро муайян менамояд.

Созишномаи минтақавӣ санади ҳуқуқиест, ки дар минтақаи воҳиди дахлдори маъмурии ҳудудӣ шароити умумии меҳнат, кафолат ва имтиёзҳои меҳнатиро ба танзим медарорад, ки барои ҳамаи тарафҳо ҳатмист ва ҳангоми бастани шартномаҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Созишномаҳо дар сатҳҳои зерин баста мешаванд:

– дар сатҳи ҷумҳуриявӣ – Созишномаи генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияи корфармоён ва намояндагони кормандон;

– дар сатҳи соҳавӣ – байни мақомоти дахлдори давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён ва мақомоти соҳавии намояндагии кормандон;

– дар сатҳи вилоятӣ – байни мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои корфармоён ва иттиҳодияҳои вилоятии намояндагони кормандон;

– дар сатҳи шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ноҳияҳои шаҳрҳо-байни мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён (соҳибмулкон), намояндагони кормандон (м.11).

Санадҳои дохилии танзимнамоиро вобаста ба субъектҳои меъёрэҷокунӣ мумкин аст чунин тасниф намуд:

1. Санадҳое, ки соҳибмулкони субъектҳои хоҷагӣ, яъне органи олии идоракуни (маҷлиси умумӣ) қабул намудааст;

2. Санадҳое, ки мақомоти ваколатдор (шӯрои директорон, мақомоти иҷроия) қабул намудааст.

Необходимо отметить, что хозяйственная деятельность человека существенно влияет на истощение водных ресурсов. Развитие техники, науки, изменения в обществе заставили думать, что человек – властелин природы, но многие изменения окружающей среды при быстром и неуправляемом развитии цивилизации оказались чувствительными для человека. Сотни предприятий выбрасывают вредные вещества в атмосферу и водоёмы, в результате чего гибнут животные и растения, загрязняются водоёмы. Сегодня перед всеми людьми стоят глобальные проблемы. Их нерешенность угрожает самому существованию человечества. Масштабы загрязнения и истощения водных ресурсов в настоящее время приняли угрожающий характер.

Данные многолетних гидрометеорологических наблюдений показывают, что происходящее глобальное потепление проявляется и в Таджикистане в виде изменения некоторых компонентов гидрологического режима: заметного сокращения, уменьшения сезонного снегонакопления в горах, активизации селевой деятельности и оползневых явлений. Даже небольшое, на 2-3% сокращение объёма годового стока рек, фиксируемое в последнее десятилетие, незначительное в пределах многолетней амплитуды колебаний (±25-30%),негативно отражается в наиболее уязвимых отраслях - сельском хозяйстве, гидроэнергетике и здравоохранении.

На территории Таджикистана формируется до 80% речного стока бассейна реки Амударьи, которая пополняет Аральское море. За период 1961-1990 гг. общий объем среднего годового стока формирующегося на территории республики, уменьшился с 57,1 км$^3$/год до 53,6 км$^3$/год, т.е. ежегодное уменьшение стока составило 0,11 км$^3$/год.

В связи с тем, что заметные изменения стали наблюдаться в климате начиная с 1960-х годов, и всеобъемлющие метеорологические наблюдения проводились также в этот период в Таджикистане, в данной работе была детально рассмотрена температура воздуха за это время в целом за год и по сезонам.

За период 1961-1990 гг. увеличение среднегодовой **температуры** воздуха на 0,7-1,2°С отмечается в **долинах** Таджикистана. В меньшей степени рост температуры произошел в горных и высокогорных районах на 0,1-0,7°С, и **лишь** в горах центрального Таджикиста-

на, Рушане и низовье **Зеравшана** произошло небольшое понижение температуры на 0,1-0,3°С. В больших городах рост температуры особенно **значителен** и достигает 1,2-1,9°С, что, очевидно, связанно с урбанизацией (строительство дорог, зданий, транспорт и др).

Величина снегозапасов варьирует от года к году в значительных пределах, особенно для районов с малыми снегозапасами и не зависит от высоты местности. Установлено также, что снежность зим тесно связана не только с количеством выпавших осадков, но и с температурой воздуха. В теплые зимы осадков может выпасть больше нормы, тогда как снежность может быть меньше нормы. В холодные зимы может наблюдаться противоположная картина. В настоящее время происходит деградация оледенения Таджикистана, то есть сокращение площади ледников и их объема, что объясняется повышением приземной температуры воздуха, ввиду увеличения накопления парниковых газов в атмосфере.

Ледники Таджикистана в XX в. потеряли более 20 км$^3$льда. Быстрее всего тают небольшие, менее 1 км$^2$ площадью леднички, которые по количеству составляют 80% всех ледников, а по площади – до 20%. В бассейне реки Зеравшан за полвека растают сотни ледников площадью менее 1 км$^2$. Более крупные ледники потеряют 20-30% своей массы. Площадь оледенения бассейна к 2050 году уменьшится на 20-25%, а объем льда на 30-35%, в результате ледниковый стоков, вероятно, сократится почти вдвое.

За вторую половину XX в. ледники Гиссаро-Алая сократились на треть и потеряли половину объема льда. Также деградирует оледенение южного склона Гиссарского хребта, откуда берет начало река Кафирниган и ее притоки. Особенно быстро уменьшаются небольшие, площадью до 1 км$^2$ ледники, составляющие в этом горном районе большинство.

Анализ данных долгосрочных гидрологических наблюдений показал, что при значительной внутригодовой и межгодовой изменчивости стока, сохраняется определенная синхронность колебаний стока крупных рек и схожая хронологическая последовательность лет различной водности. Периоды повышенной и пониженной водности рек чередуются группами по 2-3 года; непрерывные периоды маловодья и многоводья продолжаются 4-5 лет; наиболее затяжные периоды маловодья достигают 8 лет. Маловодными за период инструментальных наблюдений оказались 1974, 1976, 1980, 1988 и 2007 годы, наиболее многоводными 1969, 1972, 1990 гг. Катастрофические паводки, обусловленные климатическими факторами, в основном за счет осадков и снеготаяния наблюдались в 1969, 1981, 1998 и 2005 гг.

В 2000, 2001 и 2007 годах на реках Таджикистана наблюдалось маловодье (40-85% от нормы), обусловленное малыми запасами снега в горах (50-70% от нормы), истощением ледников и дефицитом осадков в весенние месяцы.

Прогнозируемое увеличение средней годовой температуры в первой половине XXI века на 1,9°С (Hac1CM2) и еще более заметное увеличение летних температур; сокращение площади оледенения всего Гиссаро-Алая более чем на 50-60% и в меньшей степени Памира, при этом ледниковое питание рек сократится на 20-40%, а суммарный сток рек Зеравшан, Кафирниган, Вахш и Пяндж уменьшится на 7% и более.

На реке Вахш, где расположены основные гидроэлектростанции и водохранилища и системы орошения, в период с малым снежным покровом речной сток уменьшается, а при увеличении снегозапасов, соответственно, увеличивается. Существенную роль в водности реки Вахш играет талая вода ледников. В 2007-2008 гг., водность этой крупной реки была меньше среднемноголетней нормы. Сток воды в реке Варзоб, играющей ключевую роль в водоснабжении г. Душанбе, имеет тесную связь с запасами снега в горах и выпадением осадков. Исследования водности (пост Дагана) и климатических изменений в высокогорной зоне бассейна р. Варзоб (ст. Анзобский перевал), показали тенденцию сокращения речного стока вследствие уменьшения снегозапасов и роста межгодовых колебаний, что было особенно выражено в предыдущие два десятилетия. Однако в последние 5 лет объем стока в этом бассейне сохраняется в пределах нормы и выше. Ввиду увеличения интенсивности осадков в виде дождя, иная тенденция наблюдается на реке Яхсу-Кызылсу (южная), преимущественно снежно-дождевого питания в южном Таджикистане. Здесь годовой сток увеличился, главным образом за счет усиления паводка и наводнений в весенний период. Напротив, летний сток этой реки существенно сократился, в результате чего хозяйственные районы в низовье реки испытывают дефицит воды, что, например, наблюдалось в 2008 г.

В 1990 году в сельскохозяйственном, хозяйственно-питьевом и промышленном водоснабжении объем водозабора составил 13,9 км$^3$. Есть основания полагать, что по сравнению с 1990 годом увеличение потребностей в воде на орошение приведет к увеличению забора воды. Если принять во внимание планируемое увеличение площади орошаемых земель до 1,5 млн. га, то потребности воды на орошение составят не менее 20-22 км$^3$/год.

Предполагается, что при ожидаемых параметрах изменения климата, испарение с водной поверхности возрастет на 5-10%, а эвапотранспирация влаголюбивой растительности увеличится на 10-20%.Это приведет к увеличению оросительной нормы.

Ледники в горах Центральной Азии и в других регионах мира существенно сократились и активно тают. Как следствие, есть все больше опасений, что изменение климата может увеличить водный дефицит, негативно повлиять на экосистемы, производство продовольствия и здоровье.

Несмотря на то, что Таджикистан по гидроресурсам занимает второе место среди стран Новых Независимых Государств, проблемы качества питьевой воды относятся к ключевым проблемам физической среды. С проблемами качества питьевой воды были связаны эпидемические вспышки брюшного тифа в отдельных крупных городах и районах, сохранение напряженной эпидемиологической ситуации по всем инфекциям, передаваемым водным путем.

Всеголишь 51,2% населения имеют доступ к водопроводной воде, а за последние годы, данный показатель для сельского населения имеет тенденцию к сокращению (35,3%). Источником воды для 48,2% населения являются открытые водоемы. Более 80% водопроводов не отвечают санитарнымнормам, не обеспечены зоной санитарной охраны, совершенной системой и средствами обеззараживания подаваемой населению питьевой воды, необходимым комплексом очистных сооружений.

Около 80% протяженности водопроводных сетей изношены и находятся в неудовлетворительном санитарно- техническом состоянии. В отдельных городах и районах водопроводная вода подается с частыми перебоями.

Открытые водоемы, используемые населением в качестве источника воды, подвергаются загрязнению от перегруженной канализационной сети, всевозможными отходами.

Большая часть населения не имеет возможности пользоваться адекватными установками, обеспечивающими сбор и обработку сточных вод. Заслуживает внимания состояние канализационно-очистительных сооружений.

На фоне повышения температуры, в переходный период, проблемы инфекционных болезней передаваемый водным путем, обострились. Частота регистрации отдельных, ликвидированных в далеком прошлом или сокращенных до минимума инфекционных заболеваний переросла до эпидемической вспышки. Диарейные болезни, несмотря на борьбу,по-прежнему представляют серьёзную проблему (заболеваемость на 100 000 населения 629 в 1992 г, 2000 г. 1334, а в 2005 г. 1166) и являются важной причиной заболеваемости, младенческой (0-1) и детской (0-4 года) смертности, а также значительных расходов в рамках системы здравоохранения. А в 1996-1997 годах заметно ухудшилось эпидемиологическая ситуация по брюшному тифу и данное заболеваниев отдельных крупных городах и районах приобрело характер эпидемической вспышки.

На фоне повышения температуры главными причинами стали развал системы управления качеством подаваемой водопроводной воды, обеззараживания и отвода сточных вод, удаления отходов, сокращение доступа к качественной питьевой воде, ухудшение состояния санитарии на местах. Тем не менее, несмотря на принятые и проводимые меры, сохраняется актуальность качественного управления проблемами по данной инфекции.

Анализ многолетних данных свидетельствуют о регистрации случаев холеры в республике (в 1993 г. – 172, 1995 г. – 152). Анализ гидрологической обстановки показал, что повышение температуры воздуха и уменьшение осадков приведет к изменению выпадения стока рек. Последний в свою очередь может привести к оптимизации температурного режима рек на значительном протяжении, что увеличивает количество потенциальных холерогенных водоемов, особенно в нижнем течении и поймах реки Вахш, Кафирниган, Сырдарья и т.д.

Прогнозируемые изменения климата на фоне ухудшения санитарно-гигиенической обстановки могут способствовать развитию и распространению возбудителя холеры Эль-Тор. В случае завоза холерного вибриона в республику могут возникнуть локальные вспышки холеры.

Следовательно, вопросы обеспечения населения безопасной питьевой водой являются крайне острыми, создают большие проблемы для общественного здравоохранения. Полученные результаты о состоянии и изменении климата, могут помочь при решении медико-социальных, экономических и экологических задач. Они являются весьма ценными для предсказания стихийных явлений, определения потребности в ирригации, выборе сельскохозяйственных культур и развития гидроэнергетики, здравоохранения и др.

В перспективе необходимо продолжить изучение проблемы изменения климата в Таджикистане с расширением временного и пространственного масштаба, увеличением количества анализируемых параметров и выявлением связи уже произошедших изменений с антропогенным воздействием.

С учетом вышеизложенного следует разработать новый порядок осуществления государственной экологической экспертизы, усилив роль оценки воздействия на окружающую среду, ответственность застройщика за выбор экологически обоснованного сценария строительства и функционирования объектов, обеспечить прозрачность и объективность деятельности государственных органов, экспортирующих намерения застройщиков, ориентировать деятельность этого правового института на профилактику экологических правонарушений. Особое внимание следует уделить законодательному закреплению публичных консультаций со всеми заинтересованными сторонами, включая общественность, местных жителей и т.п., на всех этапах проектного цикла. Отсутствие такого механизма является главным принципиальным отличием рассмотрения проектов в нашей стране и за рубежом.

**Список литературы**

1. Водный кодекс Республики Таджикистан от 29 ноября 2000 года // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2000 год, №11, ст. 510;
2. Ерофеев Б.В. Экологическое право. М., «Высшая школа», 1992;
3. Петров В.В. Природноресурсовое право и правовая охрана окружающей среды. М., «Юридическая литература», 1988;
4. Петров В.В. Правовая охрана природы в СССР. М., «Высшая школа», 1979;
5. Петров В.В. Экологическое право России. М., 1995;
6. Колбасов О.С. Водное законодательство в СССР. М., «Юридическая литература», 1972.

**Аннотатсия**

**Об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқ. Таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои об ва саломатии аҳолӣ**

Дар мақола масъалаҳои ҳуқуқии ҳифзи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардиданд. Муаллиф таъсири манфии норасоии об ба саломатии шаҳрвандон, инчунин ба муътадилнокии иқлим қайд намудааст. Дар муносибат, дар мақола таваҷҷуҳи асосӣ ба фаъолияти давлат дар соҳаи ҳифзи табиат дода шудааст.

**Аннотация**

**Вода как объект праваой охраны. Влияние изменения климата на водные ресурсы и здоровье населения**

В статье анализируются правовые вопросы охраны воды в Республике Таджикистан. Автором отмечаются негативные влияния нехватки воды как на здоровье граждан, как и на стабильность климата. В связи, с чем в статье особое внимание уделяется природоохранительной деятельности государства.

**Annotation**

**Water as object of legal protection. Influence of climate change on water resources and health of the population**

In this article are analyzed legal issues of protection of water in the Republic of Tajikistan. The author notes negative influences of shortage of water as on health of citizens, as well as on stability of climate. In communication with, in article the special attention is paid to the climate protection activity of the state.



**Абдураҳимов Сиёвуш,**
*устоди кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав*
*E-mail: abdurakhimov1987@bk.ru*

# ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСОИЛИ ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ МУАССИСАҲО

***Калидвожаҳо:*** *муассисаҳо; ташкилот; ғайритиҷоратӣ; шахсони ҳуқуқӣ; молу мулк; муфлисшавӣ; молик; муассис (муассисон).*

***Ключевые слова:*** *учреждения; организация; некоммерческий; юридическое лицо; имущество; банкротство; собственник; учредитель (учредители).*

***Keywords***: *institutions; organizations; non-commercial; juridical subject; property; bankruptcy; owner; establisher (establishers).*

Дар пешрафту тараққиёти ҳаёти ҷомеа дар баробари дигар шахсони ҳуқуқӣ муассисаҳо низ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ-субъекти мустақили муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ саҳми назаррас ва ҳалкунанда доранд. Зеро, онҳо ҳамчун навъи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти ғайритиҷоратӣ новобаста аз шакли моликият дар муомилоти гражданӣ бо амалӣ намудани объектҳои гуногуни ҳуқуқи гражданӣ, аз қабили кор, хизмат, мол, ва ғайра, ки онҳо хислати ғайритиҷоратӣ доранд, аз номи давлат иштирок намуда, ба ин восита вазифаҳои гуногуни давлатро дар соҳаҳои дахлдор иҷро менамоянд.

Асосан, муассисаҳо дар муомилоти гражданӣ бо шаклҳои гуногун, аз қабили мақомоти гуногуни идоракунии марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, суд, прокуратура, муассисаҳои соҳаи маориф, тиб, фарҳанг, варзиш, сайёҳӣ, хизматрасонӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра таъсис ёфта, фаъолият менамоянд. Пас, хулоса бояд кард, ки хислати асосии фаъолияти муассисаҳо бевосита ба ҳаёти инсон ва рушди зеҳнию ҷисмонии шахсияти он нигаронида шудаанд. Масалан, фаъолияти онҳо бевосита баҳри таъмини пойдории амнияти давлат ва ҷомеа, ҳифз ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, соҳиби маълумот ва ҷои кор гардидан, ҳифз ва барқарор намудани саломатӣ, қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ, баланд бардоштани шароити зиндагии мардум ва амсоли инҳо, ки онҳо барои инсоният ҳаётан муҳим мебошанд, равона гардидааст. Ҳамин тариқ, моҳияти ташкилу фаъолияти муассисаҳо ҳамчун ташкилоти аз ҷониби молик маблағгузоришаванда қабл аз ҳама дар иҷрои мақсаду вазифаҳои дахлдори давлатӣ, ҳамзамон қонеъ гардонидани талаботи гуногуни мардум, ки онҳо аз ҷониби субъектҳои дахлдори ҳуқуқи гражданӣ таъсис меёбанд, зоҳир мегардад.

Бояд гуфт, ки дар боби 4 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] (минбаъд-КГ ҶТ) оид ба муассисаҳо ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ танҳо моддаи 132 бахшида шудааст, ки он ҳам ниҳоят кӯтоҳ ва мухтасар аст. Ҳол он ки таҳлилу мушоҳидаҳо собит месозанд, ки ҳанӯз як зумра масоили ба онҳо алоқаманд дар КГ ҶТ, аз қабили ҳуҷҷати таъсисии муассисаҳо, тартиби ташкил, азнавташкилдиҳӣ ва барҳам ёфтани муассисаҳо, қабули қонуни алоҳида оид ба муассисаҳо ва дигар масоили муҳими ба он алоқаманд мавриди танзими умумӣ ва дахлдор қарор нагирифтааст.

Бо дарназардошти ин ва дигар андешаҳои баёншуда, тасмим гирифтем, ки бо мақсади пурра ва мукаммал сохтан инчунин мутобиқ гардонидани талаботи моддаи 132 КГ ҶТ (муассисаҳо) ба талаботи муқарраркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” [2] (минбаъд-қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ анҷом диҳем. Зеро, таҳлилу мушоҳидаҳо собит месозанд, ки ҳанӯз баъзе талаботи моддаи зикршуда ба талаботи муқарраркардаи қонуни номбурда пурра ҷавобгӯ набуда, аз якчанд ҷиҳат ба такмил ниёз дорад.

Мувофиқи сархати 1 қисми 1 моддаи 132 КГ ҶТ ташкилоте, ки молик барои амалӣ гардонидани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ё вазифаҳои дигари дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ таъсис дода, онро пурра ё қисман маблағгузорӣ мекунад, муассиса дониста мешавад.

Нахуст пешниҳод мегардад, ки дар қисми 1 моддаи 132 КГ ҶТ калимаи “ташкилоте” ба “ташкилоти” иваз карда шуда, пас аз он калимаи “ғайритиҷоратие” ҳамчун хислати асосӣ ва ҷудонопазири онҳо илова гардад. Ба назари мо, инъикоси ибораи мазкур дар таърифи муассисаҳо ҳамчун хислати асосии онҳо аз мадди назар дур мондааст. Дуруст аст, ки ибораи мазкур дар поёни таърифи муассисаҳо пешбинӣ гардидааст, зимнан, боз мавҷудияти он дар аввали таъриф бо мақсади равон ва равшан гардонидан зарур шуморида мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқот хусусияти дигари таърифи муассисаҳо аъзо надоштани онҳо низ собит гардид, ки чунин хусусияти он ҳанӯз дар таърифи расмиашон ҷой надорад. Масалан, муҳаққиқон Е.А. Суханов, Л.Ю. Грудцына ва А.А. Спектор зимни баёни таърифи муассисаҳо онро ташкилоти аъзо надошта номидаанд [3]. Дар ҷои дигар С.Н. Братус низ қайд месозад, ки муассиса-ин иттиҳоди ҷамъиятӣ буда, ба манфиати гурӯҳи шахсоне амал менамояд, ки на байни худ ва на бо муассиса ба сифати аъзои он бевосита алоқаманд нестанд [4, с. 392].

Моҳияти мавҷудияти дилхоҳ аъзогии шаҳрвандон ба шахсони ҳуқуқии дахлдор пеш аз ҳама, дар дастгирии моддии онҳо, аз қабили гузоштани саҳм, супоридани аъзоҳақӣ ва амсоли инҳо, ки бидуни чунин раванд наметавонанд, фаъолияти назаррас дошта бошанд, ифода меёбанд. Муассисаҳо бошанд, дар фаъолияти хеш аз ин раванд истисно мебошанд. Зеро, онҳо дар заминаи молу мулки аз ҷониби молик вобастагардида ва даромадҳое, ки тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ аз фаъолияти даромаднок ба даст овардаанд, амал менамоянд. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки муассисаҳо ба аъзогии шаҳрвандон ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратии аз ҷониби молик маблағгузоришаванда ниёз надоранд. Бо дарназардошти ин, пешниҳод мегардад, ки чунин хусусияти онҳо дар таърифи муассисаҳо моддаи 132 КГ ҶТ бо илова намудани ибораи “ба аъзогӣ асос наёфта” инъикос карда шавад.

Зикри хусусияти дигари муассисаҳо низ бо дарназардошти талаботи моддаи 12 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 236 КГ ҶТ, ки масоили гуногуншаклии моликиятро пешбинӣ кардаанд, зарур шуморида мешавад. Зеро, дар заминаи гуногуншаклии моликият дар кишварамон на танҳо муассисаҳои давлатӣ, инчунин муассисаҳои хусусӣ низ падид омада истодаанд, ки бо мурури замон дар қонунгузорӣ вазъи ҳуқуқии онҳо бояд мушаххас гардонида шаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки дар таърифи муассисаҳо пас аз калимаи “молик” ибораи “новобаста аз шакли моликият” низ илова карда шавад.

Зиёда аз ин, маълум аст, ки молик молумулкро ба муассисаҳо маҳз бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вобаста менамоянд. Вале, дар матни моддаи 132 КГ ҶТ нахуст зикри он комилан ҷой надорад, баъдан дар матни КГ ҶТ калимаи “оперативӣ” пешбинӣ гардидааст, ки он барои забони адабии тоҷикӣ бегона аст. Ҳол он ки тибқи талаботи қисми 1 моддаи 38 қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ матни санади меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ қабул гардида, ба забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо тарҷума карда мешавад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад. ки калимаи “оперативӣ” ба калимаи “фаврӣ” иваз карда шуда, дар ин замина агар он дар тамоми матни КГ ҶТ низ ба инобат гирифта шавад, саривақтӣ ва ба манфиати кор хоҳад буд. Барои хонанда ҳанӯз ба таври мушаххас равшан нест, ки молик молумулки хешро ба муассисаҳо бо кадом намуди ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ вобаста менамоянд. Маҳз дар ҳолати пас аз калимаи “қисман” илова намудани ибораи “бо ҳуқуқи идораи фаврӣ” равшан мегардад, ки молик молумулки хешро бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вобаста менамояд. Вобаста ба талаботи сархати 2 қисми 1 моддаи 132 КГ ҶТ низ бошад, пешниҳод мегардад, ки пас аз калимаи “вай” ибораи “бо ҳуқуқи идораи фаврӣ” илова карда шавад.

Қобили қайд аст, ки дар моддаи 132 КГ ҶТ аз ҷониби кадом субъектҳо ва дар кадом

шаклҳо ташкил кардани муассисаҳоро ба таври умумӣ то ҳол танзим накардааст. Ҳол он ки маҳз КГ ҶТ барои қонунгузории тамоми соҳаҳое, ки дар онҳо муассисаҳо мавҷуданд, заминаи асосӣ ба ҳисоб рафта, қонунҳои боқимонда дар асос ва тибқи талаботи меъёрҳои он бояд қабул гарданд. Оид ба ҳалли ин масоил қайд кардан бамаврид аст, ки муассисаҳо бояд маҳз аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, давлат ва воҳидҳои марзию маъмурии он ташкил карда шаванд. Вале, боз саволи матраҳ ин аст, ки онҳо дар кадом шакл бояд таъсис дода шаванд? Чи тавре ки дар боло зикр гардид, КГ ҶТ дар кадом шакл ташкил кардани муассисаҳоро то ҳол низ пешбинӣ накардааст. Бинобар ин, ба назари мо вақти ба ҳалли ин масъала аз ҷумла, аз ҷониби кадом субъектҳо ва дар кадом шаклҳо ташкил кардани муассисаҳо, ки барои қонунгузории махсус ба сифати роҳнамост, бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо дар моддаи 132 КГ ҶТ низ таваҷҷуҳ зоҳир кардани масъулин ба миён омадааст [5, с. 118]. Табиист, ки танзими масъалаи мазкур нахуст бояд дар КГ ҶТ ҳамчун қонунгузории умумӣ, ки моҳиятан маҳз вазифаи он ба ҳисоб меравад, иҷро гардад. Зеро, дар ҳолати ҳал нагардидани масъалаи мазкур он дар қонунгузории махсус низ боиси иҷро нагардидан мегардад, ки мояи нигаронӣ аст. Бинобар ин, ҳалли масъалаи мазкур амри зарурӣ дониста шуд. Ногуфта намонад, ки мушкилоти зикршуда нисбати қонун дар бораи маориф истисно буда, он аллакай ҳалли хешро пайдо кардааст.

Тавре ки қайд гардид, ҳалли танзими масъалаи ҳуҷҷати таъсисии муассисаҳо низ аз талаботи моддаи 132 КГ ҶТ берун мондааст. Воқеан ҳам, алҳол дар КГ ҶТ ҳамчун қонуни умумӣ комилан оид ба ҳуҷҷати таъсисии муассисаҳо, ки оинннома мебошад, муқаррарот мавҷуд нест. Табиист, ки чунин ҳолат оид ба ҳуҷҷати таъсисии муассисаҳо мухолифат ва нофаҳмоиро ба миён меорад. Зеро, танзими мавзӯи мазкур бояд нахуст маҳз аз ҷониби КГ ҶТ ҳамчун қонуни умумӣ сурат гирад. Ҳол он ки тибқи таҳлилу мушоҳидаҳо КГ ҶТ аллакай ҳуҷҷати таъсисии як зумра шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро мавриди танзими алоҳида қарор додааст. Масалан, моддаи 125 корхонаи воҳиди давлатии бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ асосёфта (оинннома), моддаи 128 кооперативи матлубот (оинннома), моддаи 130 фондҳои ҷамъиятӣ (оинннома) ва ғайраҳо. Пас, савол бармеояд, ки чаро КГ ҶТ мушкилоти зикршудаи вобаста ба муассисаҳоро ҳанӯз танзим накардааст? Саволест ҳанӯз беҷавоб. Бинобар ин, бо мақсади мукаммал ва равшан гардонидани муқарроти КГ ҶТ пешниҳод мегардад, ки дар қисми 1 моддаи 132 КГ ҶТ сархати дуюми он бо мазмуни зерин муқаррар карда шавад: “Ҳуҷҷати таъсисии муассисаҳо оинномаи онҳо мебошад, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун аз ҷониби муассис (муассисон) тасдиқ карда мешавад” [6]. Сархати дуюми қаблии он бошад, мутаносибан сархати сеюми қисми 1 моддаи мазкур ҳисобида шавад.

Нисбат ба талаботи қисми 2 моддаи 132 КГ ҶТ бошад, бояд қайд кард, ки тибқи он “Муассиса аз рӯи уҳдадориҳои худ бо маблағи пулии дар ихтиёраш буда, масъулият дорад. Дар сурати нокифоя будани ин маблағ молики молу мулки дахлдор аз рӯи уҳдадориҳои он масъулияти иловагӣ дорад”. Ҳанӯз дар муқарроти КГ ҶТ мушаххас нест, ки муассисаҳо дар назди ки масъуланд ва бо кадом навъи маблағҳои пулӣ масъуланд. Воқеан ҳам, чунин нуқтаи назар аз ҷониби муҳаққиқ Сюбарева И.Ф. низ дастгирӣ гардида, қайд месозад, ки дар қонун наомадааст, ки муассиса бо кадом маблағҳои пулӣ мустақилона ҷавобгар аст [7, с. 88].

Барои посух пайдо намудан ба саволҳои гузошташуда, нахуст бояд аниқ кард, ки мазмуни талаботи қисми 2 моддаи 132 КГ ҶТ аз чи иборат аст. Зеро, тамоми молу мулки муассисаҳо, ки маблағҳои пулӣ низ ҳамчун яке аз намудҳои молу мулк ба он шомил аст, ба ду намуд, яке, бо ҳуқуқи идораи оперативӣ аз ҷониби молик вобастагардида ва дигаре, тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дар натиҷаи машғул шудан ба фаъолияти даромаднок ба даст овардааст, ҷудо мешаванд. Бо ин далел, гуфтан мумкин аст, ки масъулияти молу мулкии муассисаҳо аз рӯи уҳдадориҳои худ низ ба ду намуд, яке дар назди молик дигаре, дар назди кредиторон ҷудо мешаванд.

Муассисаҳо бинобар аз ҷониби молик бо ҳуқуқи идораи оперативӣ маблағгузорӣ гардидан дар назди он низ барои ҳифз ва истифодаи самараноки молу мулки ҷудогардида масъулият ба зимма доранд. Масъулияти онҳо дар назди молик пеш аз ҳама, нисбат ба молумулке, ки бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вобаста гардидааст, ва баъдан, нисбати молу мул-

ке, ки тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дар натиҷаи машғул шудан ба фаъолияти даромаднок ба даст овардааст, ҳисоб меёбад.

Вале, аз талаботи қисми 2 моддаи 132 КГ ҶТ мазмунан бармеояд, ки он ба яке аз нишонаҳои асосии шахси ҳуқуқӣ, ки ҷавобгарии мустақили молу мулкӣ аз рӯи уҳдадориҳои худ доштан аст, дар мисоли муассисаҳо шаҳодат медиҳад. Пас, хулоса бояд кард, ки муассисаҳо аз рӯи ҳдадориҳои хеш дар назди кредиторон ҳангоми қонеъ гардонидани талаботи онҳо нахуст бо маблағҳои пулии аз фаъолияти даромаднок ба даст овардаи хеш ва баъдан бо маблағҳои пулии тибқи харҷнома ҷудогардидаи молик масъул мебошанд. Дар ҳолати норасоии маблағҳои пулии зикршуда, молики молу мулки дахлдор аз рӯи уҳдадориҳои муассисаҳо дар назди кредиторон масъулияти иловагӣ ба зимма дорад. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки қисми 2 моддаи 132 КГ ҶТ муассисаро аз рӯи уҳдадориҳои худ танҳо бо маблағи пулии дар ихтиёраш буда масъул донистааст. Ҳанӯз нофаҳмост, ки қонунгузор бо дарназардошти кадом нукта ибораи “ихтиёраш”-ро истифода кардааст. Зеро, ибораи мазкур мантиқан нодуруст буда, нофаҳмоиҳои зиёдро ба вуҷуд меорад. Нахуст, ибораи ихтиёрдорӣ ваколати ниҳоӣ ва қонунии молик ба ҳисоб рафта, тибқи талаботи қисми 2 моддаи 232 КГ ҶТ ба дорандаи хеш имкон медиҳад, ки тақдири ҳуқуқии молу мулкро ҳал намояд. Дорои ваколати ихтиёрдорӣ будан маънои ҳуқуқи моликият доштан нисбат ба молу мулки дар идоракунии хеш қарордошта низ аст. Вале, маҳз бо дарназардошти аз ҷониби молик ба муассисаи таълимӣ бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вобаста кардани молумулк охирин нисбат ба молумулки вобастакардаи молик аз рӯи қоидаи умумӣ ҳуқуқи моликият надорад. Дуюм, агар ибораи зикршуда бо мазмуни идоракуниаш пешбинӣ гардида бошад, он мантиқан низ нодуруст аст. Зеро, ибораи ихтиёрдорӣ мазмуни васеъ дошта, ҳаргиз маънои идоракуниро пурра ва иҷро наменамояд [8, с. 76].

Дар заминаи андешаҳои баёншуда, пешниҳод мегардад, ки ҷумлаи аввали қисми 2 моддаи 132 КГ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: “Муассиса аз рӯи уҳдадориҳои худ дар назди кредиторон ҳангоми қонеъ гардонидани талаботи онҳо бо маблағҳои пулии аз фаъолияти даромаднок бадастоварда ва баъдан аз рӯи харҷнома ҷудогардидаи молик масъулият дорад”. Ҳамзамон, бо дарназардошти таҳрир гаштани ҷумлаи аввали қисми 2 моддаи 132 КГ ҶТ дар ҷумлаи дуюми қисми 2 моддаи 132 КГ ҶТ пешниҳод мегардад, ки пас аз калимаи “дахлдор” ибораи “дар назди кредиторон” низ илова карда шавад.

Аз ин ҷо, хислати дигари асосӣ ва фарқкунандаи муассисаҳо, ки ба он алоқамандии ниҳоят зич дорад ва зарурати дахли онро ҳатмӣ мешуморем, муфлис эътироф нашудани муассисаҳо аст. Саволи матраҳ чунин аст, ки чаро муассисаҳо наметавонанд, муфлис эътироф шаванд? Ба андешаи мо, сабаб аз он иборат аст, ки муассисаҳо нисбат ба молу мулки дар идоракуниашон қарордошта ҳуқуқи моликият надоранд. Зеро, молу мулк ба муассисаҳо бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вобаста мегардад, ки мазмуни онро маҳз ҳуқуқи моликият надоштани субъектҳои он ташкил медиҳад. Ҳуқуқи моликият нисбат ба молу мулки муассисаҳо ба молики молу мулки он тааллуқ дорад, ки он мавзӯи баҳси алоҳида аст. Аз ин рӯ, аз рӯи уҳдадориҳои муассисаҳо молики молу мулки он масъулияти иловагӣ дорад. Пас, хулоса бояд кард, ки аз рӯи уҳдадориҳои муассисаҳо масъулияти иловагӣ доштани молики он ба хусусияти молу мулкии он, ки ҳуқуқи идораи оперативист, вобастагии зич дорад.

Воқеан ҳам, таҳлилу мушоҳидаҳои илмӣ низ далолат бар онанд, ки муассисаҳо ҳамчун ташкилоти аз ҷониби молик бо ҳуқуқи идораи оперативӣ маблағгузоришаванда наметавонанд, муфлис эътироф шаванд. Барои исботи ин андеша бояд ба таҳқиқи қонунгузории ҷории кишварамон (мафҳуми қонунии муфлисшавӣ) ва адабиёти гуногуни илмӣ ва таълимӣ рӯ оварем. Тибқи талаботи сархати 1 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ” [2] (минбаъд-қонун дар бораи муфлисшавӣ) муфлисшавӣ – аз тарафи қарздор дар ҳаҷми пурра қонеъ карда натавонистани талаботи кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва (ё) иҷро карда натавонистани уҳдадориҳои ворид намудани пардохтҳои ҳатмӣ, ки аз ҷониби суд эътироф шудаанд ё қарздор қодир набуданашро эълон намудааст. Дар заминаи таърифи муфлисшавӣ кофист хулоса намоем, ки сабаб ва омили асосии муфлис эътироф шудани субъектҳои дахлдор танҳо аз рӯи уҳдадориҳои хеш қонеъ карда натавонистани талаботи кредиторон аст. Таърифи мазкур шахсони ҳуқуқиеро, ки молики молу мулки дахлдор аз рӯи уҳдадориҳои онҳо масъулияти иловагӣ доранд, пешбинӣ

накардааст. Баръакс, манзури қонунгузор танҳо шахсони ҳуқуқиест, ки онҳо худ бояд аз ҳисоби молу мулки хеш талаботи кредиторонро қонеъ намоянд. Пас, хулоса кардан осон аст, ки муассисаҳо ҳамчун ғайримолик нисбат ба молу мулки хеш молики молу мулки онҳо, ки ҳангоми норасоии маблағҳои пулӣ аз рӯи уҳдадориҳои онҳо дар назди кредиторон масъулияти иловагӣ доранд, наметавонанд, муфлис эътироф шаванд. Моҳиятан, муфлисшавӣ худ яке аз тарзҳои маҷбуран барҳам додани шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти судӣ аст, ки он ба муассисаҳо ҳамчун аз ҷониби молик маблағгузоришаванда комилан дахл надорад. Талаботи моддаи 62 КГ ҶТ масоили барҳам додани шахси ҳуқуқиро танзим намудааст, дар сархати сеюми қисми 4 бевосита пешбинӣ кардааст, ки муқаррароти бо сабаби муфлисӣ барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ба муассисаҳо дахл надорад.

Вале, боиси нигаронист, ки талаботи моддаи 66 КГ ҶТ ҳангоми танзими алоҳидаи масъалаи муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ ва моддаи 2 қонун дар бораи муфлисшавӣ бархилофи талаботи қисми 4 моддаи 62 КГ ҶТ амал намуда, танҳо корхонаҳои махсуси (казонии) давлатиро аз муфлис эътироф гардидан истисно намудаанду халос. Омили нигаронӣ аз он иборат аст, ки қонунҳои номбурда муассисаҳоро ҳамчун ягона ташкилоти ғайритиҷоратии нисбат ба молу мулкаш молик набуда, аз муфлис эътироф гардидан истисно накардаанд. Ҳол он, ки муассисаҳо низ дар баробари корхонаҳои махсуси (казонии) давлатӣ комилан наметавонанд, муфлис эътироф гарданд. Бино бар ин, бо мақсади бартараф намудани камбудии зикршуда, мувофиқ ва мукаммал гардонидани қонунгузории кишвар пешниҳод мегардад, ки нахуст дар моддаи 66 КГ ҶТ ва баъдан дар моддаи 2 қонун дар бораи муфлисшавӣ муассисаҳо низ дар баробари корхонаҳои махсуси (казонии) давлатӣ аз муфлис эътироф гардидан истисно карда шаванд. Ногуфта намонад, ки аз талаботи моддаи 66 КГ ҶТ берун мондани муассисаҳоро оиди муфлис эътироф нагардидан муҳаққиқони кишварамон низ аллакай эътироф кардаанд [9, с. 181]. Муқоисаи моддаи 56 КГ ҶТ бо моддаи 55 Кодекси граждании Федератсияи Россия [10] (минбаъд-КГ ФР), ки мавзӯи ҳарду муфлисшавии шахси ҳуқуқист, нишон медиҳад, ки дар КГ ФР натанҳо корхонаҳои казонӣ, инчунин муассисаҳо, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ низ аз муфлис эътироф гардидан истисно шудаанд, ки қобили қабул мебошад. Муҳаққиқони сершумори дохилу хориҷ низ дар пажӯҳишоти илмию таълимии хеш низ нисбат ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намуда, маҳз ҷонибдори андешаи муфлис эътироф нашудани муассисаҳо мебошанд, ки мо бо пешниҳоди номгӯи адабиёти дахлдор қаноат карда, аз баёни онҳо бино бар нокифоя будани ҳаҷми мақола худдорӣ менамоем [11]. Бо дарназардошти андешаҳои баёншуда пешниҳод менамоям, ки чунин хусусияти асосӣ ва фарқкунандаи муассисаҳо низ дар моддаи 132 КГ ҶТ қисми 2 ҷумлаи сеюми он бо мазмуни зерин илова гардад: “Аз ин рӯ, муассисаҳо наметавонанд, ки муфлис эътироф карда шаванд”.

Оид ба талаботи қисми 3 моддаи 132 КГ ҶТ бошад, нахуст пешниҳод мегардад, ки ибораи “мавқеи” ба ибораи “ҳолати” иваз карда шавад. Дуруст аст, ки тарҷумаи калимаи русии “положения” ба забони тоҷикӣ нахуст маънои “ҷой, мавқеъ, мавзеъ, макон, маҳал, мақом” – ро дорад. Вале, агар ба аксари маъноҳои минбаъдаи калимаи мазкур назар намоем, маҳз ибораи “ҳолат” ва амсоли ин истифода гардидааст [12]. Бинобар ин, ба назари мо, дар инҷо агар он ба маънои “ҳолати” истифода гардад, нисбат ба калимаи “мавқеи” равшантар ва фаҳмотар менамояд. Мантиқан истифодаи ибораи “мавқеи” худ асосан, на ба шахсони ҳуқуқӣ яъне ҷисми ғайризинда, балки нисбат ба шахсони воқеӣ яъне, ҷисми зинда мувофиқ ва бомаврид ба назар мерасад. Воқеан ҳам, дар илми ҳуқуқшиносӣ низ ҳангоми оид ба масъалаи шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун ҷисми ғайризинда сухан рафтан на ибораи “мавқеи”, балки маҳз ибораи “ҳолати ҳуқуқии” истифода мегардад, ки бамаврид ва саривақтӣ аст.

Сониян, бо мақсади ба вуҷуд овардани заминаи зарурии ҳуқуқӣ ва танзими одилонаи пайдоиш ва мавҷудаи муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба муассисаҳо қабули қонуни мукаммал Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муассисаҳо”, ки то ҳол дар кишварамон комилан қабул нагардидааст, пешниҳод мегардад. Бо ин мақсад зарур дониста мешавад, ки дар матни қисми 3 моддаи 132 КГ ҶТ баъд аз калимаи “қонун” ибораи “дар бораи муассисаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” илова карда шавад. Маҷмӯан, қисми 3 моддаи 132 КГ ҶТ мазмуни зеринро касб мена-

мояд: "Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи муассисаҳои давлатӣ ё муассисаҳои дигар тибқи қонун дар бораи муассисаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд". Зери ибораи "қонун дар бораи муассисаҳо" мо қонуни умумӣ дар бораи муассисаҳо ва зери ибораи "дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" мо қонунҳои алоҳида, ки дар ин ё он соҳаҳои ҳаёти ҷомеа оид ба муассисаҳои гуногун, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо" ва амсоли инҳо қабул гардидаанд, дар назар дорем. Табиист, ки қонунгузории алоҳидаи дигар соҳаҳое, ки дар сохторҳои онҳо муассисаҳо мавҷуданд, бояд маҳз ба қонун дар бораи муассисаҳо ҳамчун қонуни асосӣ мутобиқ ва ҷавобгӯ бошанд.

Зарурати қабули қонуни мазкур дар он зоҳир меёбад, ки муассисаҳо ҳамчун як навъи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар амалигардонии вазифаҳои давлат ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа нақш ва мавқеи назаррас доранд. Онҳо дар баробари дигар шахсони ҳуқуқӣ дар муомилоти гражданӣ иштироки назаррас намуда, дар пешрафти давлат ва ҷомеа ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири он саҳм гузошта истодаанд. Таҳлилу мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки нисбати аксари шахсони ҳуқуқӣ, ки зарурати зикри онҳоро ҷоиз намедонем, қонунҳои алоҳида қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Дуруст аст, ки нисбати муассисаҳои гуногун низ дар алоҳидагӣ қонунҳо қабул гардидааст. Вале, ҳамчунин қонуни махсусе, ки бевосита фаъолияти тамоми муассисаҳоро дар якҷоягӣ танзим намояд, ҳанӯз мавҷуд нест. Аз ин рӯ, маҳз бо дарназардошти саҳми назаррас доштани муассисаҳо дар ҳаёти ҷомеа, пешгирӣ ва бартараф намудани мухолифат миёни қонунгузории алоҳидаи муассисаҳо, ба вуҷуд овардани қоидаи ягона оиди муассисаҳо, ки то ҳол дар кишвар мавҷуд нест, тавассути қабули қонуни алоҳида ва дар ин замина, мувофиқ гардонидани қонунугузории алоҳидаи муассисаҳо ба қонуни махсус инчунин, инкишоф ва таҳким бахшидан ба фаъолияти тамоми муассисаҳо, ки дар маҷмӯъ ба тараққиёти кишвар мусоидат менамоянд, қабули қонуни мазкур зарур дониста мешавад. Маҳз мавҷуд набудани қонуни махсус дар бораи муассисаҳо, ки бояд ҳолати ҳуқуқии онҳо муайян гардад, боиси ба таври зарурӣ инкишоф наёфтани муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба муассисаҳо дар ҷомеа низ мегардад.

Маҷмӯан, бо дарназардошти тамоми таклифу пешниҳодоти баёншуда, нисбати талаботи моддаи 132 КГ ҶТ он ба худ чунин мазмун пайдо хоҳад кард:

1. Ташкилоти ғайритиҷоратие, ки ба аъзогӣ асос наёфта, молик новобаста аз шакли моликият барои амалӣ гардонидани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ё вазифаҳои дигари дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ таъсис дода, онро пурра ё қисман бо ҳуқуқи идораи фаврӣ маблағгузорӣ мекунад, муассиса дониста мешавад.

Ҳуҷҷати таъсисии муассисаҳо оинномаи онҳо мебошад, ки бо тартиби муқараркардаи қонун аз ҷониби муассис (муассисон) тасдиқ карда мешавад.

Ҳуқуқи муассиса ба молу мулки ба вай бо ҳуқуқи идораи фаврӣ вобасташуда ва харидаи он мутобиқи моддаҳои 313 ва 315 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

2. Муассиса аз рӯи уҳдадориҳои худ дар назди кредиторон ҳангоми қонеъ гардонидани талаботи онҳо бо маблағҳои пулии аз фаъолияти даромаднок бадастоварда ва аз рӯи харҷнома ҷудогардидаи молик масъулият дорад.

Дар сурати нокифоя будани ин маблағ молики молу мулки дахлдор дар назди кредиторон аз рӯи уҳдадориҳои он масъулияти иловагӣ дорад. Бинобар ин, муассисаҳо наметавонанд, ки муфлис эътироф шаванд.

3. Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи муассисаҳои давлатӣ ё муассисаҳои дигар тибқи қонун дар бораи муассисаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

**Рӯйхати адабиёт**

1. Манбаи электронӣ: http://mmk.tj/; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №6, мод.153, 154; соли 2001, №7, мод.508; соли 2002, №4, қисми 1, мод.170; соли 2005, №3, мод.125; соли 2006, №4, мод.193; соли 2007, №5, мод.356; соли 2010, №3, мод.156; №12, қисми 1, мод.802; соли 2012, №7, мод.700; №12, қисми 1, мод.1021; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №976;

2. Манбаи электронӣ: http://mmk.tj/ (санаи муроҷиат 20.11.2015);

3. Гражданское право: В 4 т. Том 1: Общая часть: Учебник 3-е издание, переработан-

ное и дополненное. Под ред. Е.А. Суханова. М. Волтерс Клувер, 2008. С.204. Козлова Н.В., кандидат юридических наук, доцент - гл. 9 (в соавторстве с Е.А. Сухановым). Л.Ю. Грудцына, А.А. Спектор. Гражданское право России: Учебник для вузов. М.: ЗАО Юстицин-форм, 2008. – С.81;

4. С.Н. Братусь. Юридические лица в советском гражданском праве. Ученые труды. Вып. 12. Издательство Министерства юстиции СССР, 1937, №30, с. 392;

5. Паёми Донишоҳи миллии Тоҷикистон. (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. №3/4(170). Душанбе. “Сино”, 2015.Низоми гражданӣ-ҳуқуқии молу мулкии муассисаи таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Абдураҳимов С.Қ. -С.118;

6. Абдураҳимов С.Қ. Тарзҳои муайян кардани мазмуни субъекти ҳуқуқӣ будани муассисаи таълимӣ. / Общество и Право. Актуальные проблемы современности. Материалы международной научной студенческой конференции, посвящённой 20-летию Конституции Республики Таджикистан. (Душанбе, 10-11 апреля 2014 г.). Душанбе, 2014. – С.76;

7. Сюбарева И.Ф. Правовой режим имущества образовательных учреждений России. дисс. канд.юрид. наук.- М.: 2010. -С.88;

8. Абдураҳимов С.Қ. Ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқии муассисаи таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / «Қонунгузорӣ» №3(19), 2015 июл-сентябр. – С.76;

9. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Рисолаи зикршуда. -С.181;

10. http://www.arbitr.ru;

11. Сюбарева И.Ф. Правовой режим имущества образовательных учреждений России. дисс. канд.юрид. наук. М.: 2010. -С.59. Юридический энциклопедический словарь. Под. общ. ред. В.Е.Крутских. -3 – е изд., перераб. И доп. – М.: - ИНФРА–М.: 2004.–6, -С.235 ва 417. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум).- Душанбе, “ЭР-Граф”, 2010. -С.366;

12. Луғати русӣ – тоҷикӣ. Москва. «РУССКИЙ ЯЗЫК».1985. – С.777-778.

**Аннотатсия**

**Дар бораи баъзе масоили ҳолати ҳуқуқии муассисаҳо**

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба баъзе масоили ҳолати ҳуқуқии муассисаҳо ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ибрози андеша намудааст. Дар ин замина, бо мақсади пурра ва мукаммал гардонидани талаботи моддаи 132 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муассисаҳо ном дорад, нисбати он як зумра таклифу пешниҳодоти мушаххас манзур кардааст.

**Аннотация**

**О некоторых вопросах правового положения учреждений**

В данной статье автор приводит свои мысли о некоторых правовых проблемах учреждений как самостоятельного субъекта гражданско-правовых отношений. На этой основе, с целью усовершенствования требований статьи 132 Гражданского кодекса Республики Таджикистан, учреждения и отношения к нему, предлагает ряд конкретных предложений.

**Annotation**

**About the some issues of legal situation of institutions**

In this article author makes conclusion about some legal problems of institutions as an independent subject of civil-law relations. On the base of this fact in order to increase and to complete the requirements of the 132 article of the Republic of Tajikistan, which is called institutions, he suggested some concrete suggestions.



**Каримова Н.Н.,**
*заместитель начальника отдела международного права Национального центра законодательство при Президенте Республики Таджикистан*

# К ВОПРОСУ О ПОНЯТИИ И ПРИРОДЕ СЕРВИТУТА В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Калидвожаҳо:*** *моликият; ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ; сервитут; намудҳои сервитут.*

***Ключевые слова:*** *собственность; ограниченные вещные права; сервитут; виды сервитутов.*

***Keywords***: *property; limited real rights; easement; types of easements.*

В римском праве могли существовать права как на свои, так и на чужие вещи. Подразумевалось, что собственность принадлежит определенному лицу, но другое лицо при этом имеет ряд прав, связанных с его вещью. Такие ограниченные права возникали или по воле самих собственников (на основании договора), или на основании правовых актов, издаваемых с целью улучшения экономического использования отдельных категорий вещей [1, с. 151].

Понятие сервитута и основы учения о сервитутном праве были заложены еще в Древнем Риме. Значение слова servitus, при множестве его оттенков, сводилось к рабству вещи, некой ее повинности.

Учение о сервитутном праве складывалось постепенно, можно сказать, по крупицам. На первых порах выработка основных правовых характеристик сервитута представляла для римских юристов определенную трудность [2, с. 504]. Известным достижением правовой мысли был переход от примитивного понимания сервитута, как права на часть чужой вещи, к его характеристике как Servitus – рабство, невольничество, подчиненность, покорность, обязанность повиноваться, слушаться, повинность [3, с. 504]. права лица на пользование чужой собственностью в определенном отношении. Для появления сервитута, или права лица на пользование чужой собственностью, требовалось наличие целого ряда условий. Эти условия, выработанные правовой мыслью, в единстве с юридическими признаками сервитутов, составляли правовое понятие данного вещного права.

Для удовлетворения таких потребностей, как выход и выезд на публичную дорогу, выпас скота, получение воды и т.п., необходимо было обеспечить более надежным и прочным способом, независимо от изменения собственника соседней земли. Для этой цели и была введена такая категория прав, как сервитут (от слова servire – служить: один земельный участок в этом случае служит потребностям другого участка) [4, с. 129]. Позднее такие права получили широкое распространение как средство удовлетворения недостающих потребностей [4, с. 128].

Основным критерием возникновения сервитута является крайняя необходимость, «безысходность» ситуации, разрешить которую можно только установлением сервитута. В этих условиях начало формироваться право ограниченного пользования чужими вещами [5, с. 130-135].

Концепция сервитутов была разработана еще в римском праве, и основным признаком являлось то, что сервитут устанавливается именно на чужую вещь. Отсюда – все основные принципы, характерные только для сервитутного права.

Нормы римского права, касающиеся прав на чужие вещи, в том числе и сервитуты, были закреплены в законодательных актах разных периодов истории римского общества и обобщены кодификационными работами Юстиниана в третьей половине VI в. н.э. Сервитутное право было включено в “Дигесты” (16 дек.

533г.), а изучение юристами велось по новым Институциям (21 ноября 533 г.), вместо устаревших Институций Гая.

В теории возникновения сервитутов существует два направления, подробно проанализированных в работе Г. Диозди. Первое направление, основано на гипотезе происхождения сервитутов непосредственно из права собственности. Второе направление основано на гипотезе происхождения сервитутов как самостоятельных вещных прав [6, с. 109-110]. Сервитут является древнейшим видом права, возникшим вслед за правом собственности.

Несколько принципов сервитутного права, сформированных римскими юристами, являются необходимым условием возникновения данного вида отношений. При этом данные принципы сохранились до наших дней и на их основе построено современное зарубежное законодательство о сервитутах. Они заключаются в следующем:

1. Нельзя устанавливать сервитут на свою собственную вещь;

2. Нельзя устанавливать сервитут на сервитут;

3. Собственник не должен препятствовать пользованию сервитутом, а собственник господствующей вещи должен пользоваться сервитутом наиболее экономно;

4. Сервитуты неделимы;

5. Сервитуты не могут ни приобретаться частично, ни устанавливаться частично [7, с. 59, 105].

Кроме основных принципов сервитутного права в Риме были разработаны и виды сервитутов. Они сводятся к двум – предиальные, (сельские, городские) и личные. К сельским сервитутам, относились – право прохода (iter), прогона скота (actus), проведения воды (acqueductus) и т.д. К городским сервитутам относились – servitustigniimmittendi – право строить крышу или навес, проникающую в чужое пространство, servitusonerisferendi – пристройки к чужой стене, servitusneluminibusofficiatur – право требовать, чтобы не были застроены окна, а также право на сток дождевой воды, канализации и т.п.

«Домовые (городские) сервитуты с господствующим зданием соединяют отчасти права на строительные сооружения, отчасти на эмиссии, а отчасти и права на воспрещение». Сервитут связан именно со зданием (постройкой), существует дополнение, что сервитут может иметь характер запрещения тех или иных действий, что отсутствует в сельских сервитутах [7, с. 197].

Правовое регулирование банковской тайны в настоящее время осуществляется нормами Гражданского кодекса Республики Узбекистан, Закона Республики Узбекистан «О банковской тайне» от 30.08.2003 года, а также рядом положений Центробанка Республики Узбекистан. Следует отметить, что между ст.786 Гражданского кодекса Республики Узбекистан и ст.3 Закона Республики Узбекистан «О банковской тайне» имеется ряд противоречий. В частности, в Гражданском кодексе Республики Узбекистан субъектом, обязанным хранить тайну, назван банк, тогда, как в законе – кредитная организация, в Гражданском кодексе Республики Узбекистан идет речь об операциях по вкладу, по счёту, а в законе – вообще об операциях. Кроме того, закон шире определяет круг сведений, подлежащих охране, называя также «иные сведения».

Подводя итог всему вышесказанному, можно констатировать, что в настоящее время видами конфиденциальной информации являются государственная, коммерческая, личная и семейная, служебная и профессиональная тайна, которая, в свою очередь, имеет ряд разновидностей. При этом правовой режим большинства из названных тайн полностью не разработан, а между отдельными документами существуют серьезные противоречия, которые необходимо устранить.

**Список литературы**

1. Закон Республики Узбекистан «О принципах и гарантиях свободы информации» // Народное слово. №32-33. 07.02.2003;

2. Словарь иностранных слов. – М.:ЮНВЕС. 1995. - С.359;

3. Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка: в 4т. – М.: Рус. яз. –Т.2. - С.154;

4. Даль В. И. Толковый словарь живого великорусского языка: в 4т.-М.: Рус. яз., 1998.-Т.4. -С.386;

5. Алексенцев А.И. О составе защищаемой информации // Безопасность информационных технологий. -1999.-№ 2.-С.5;

6. Алексенцев А.И. О составе защищаемой информации // Безопасность информационных технологий.-1999.-№ 2.-С.6;

7. Емельянинков М.Ю. Частушки о сертификации и лицензировании в области защиты информации, не составляющей государственной тайны // Защита информации. Конфидент.-2000.-№ 1.-С.15;

8. Алексенцев А.И. О составе защищаемой информации // Безопасность информационных технологий.-1999.-№ 2.-С.6;

9. Т. Туребеков К вопросам гражданско-правового регулирования и защиты информации и информационных баз (баз данных) // Вестник Каракалпакского отделения Академии наук Республики Узбекистан. -2003. №1-2. -С.43-44;

10. Алексенцев А.И. О классификации конфиденциальной информации по видам тайны // Безопасность информационных технологий. -1999. -№ 3. -С.65;

11. Фатьянов А.А. Концептуальные основы обеспечения безопасности на современном этапе // Безопасность информационных технологий. -1999. -№ 1. -С.27;

12. Фатьянов А.А. Концептуальные основы обеспечения безопасности на современном этапе // Безопасность информационных технологий. -1999. -№ 1. -С.26;

13. Гражданский кодекс Республики Узбекистан. – Т.: Адолат. 2003. -С.476;

14. Фатьянов А.А. Тайна как социальное и правовое явление. Ее виды // Государство и право. -1998. -№ 6. -С.11;

15. Алексенцев А.И. О классификации конфиденциальной информации по видам тайны // Безопасность информационных технологий. -1999. -№ 3. -С.68;

16. Фатьянов А.А. Проблемы формирования института служебной тайны в отечественном праве // Государство и право. -1999. -№ 4. -С.17;

17. Алексенцев А.И. О классификации конфиденциальной информации по видам тайны // Безопасность информационных технологий. -1999. -№ 3. -С.70;

18. Фатьянов А.А. Проблемы защиты конфиденциальной информации, не составляющей государственную тайну // Информационное общество. -1997. -№ 1. -С. 54.

**Аннотатсия**

**Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии тавсифи намудҳои иттилооти махфӣ мувофиқи қонунгузории Ўзбекистон**

Дар мақолаи мазкур ба таври мухтасар масъалаҳои ҳуқуқии тавсифи намудҳои алоҳидаи иттилооти махфӣ аз нигоҳи қонунгузории Ҷумҳурии Ўзбекистон таҳлил ва баррасӣ карда шудаанд.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы правовой характеристики видов конфиденциальной информации по законодательству Узбекистана**

В статье анализируются некоторые вопросы правовой характеристики видов конфиденциальной информации по законодательству Республики Узбекистан.

**Annotation**

**Some questions of the legal characteristic of types of confidential information by the legislation of Uzbekistan**

In article are analyzed some questions of the legal characteristic of types of confidential information by the legislation of the Republic of Uzbekistan.

**Табаров Н.А.,**
*сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Назаров Д.Д.,**
*муовини сардори шуъбаи қонунгузории граждании, соҳибкорӣ ва оилавӣ Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОБАСТА БА МУДОФИА БО ҚОНУНГУЗОРИИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИДМ

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи мудофиа доимо мураккаб буда ва доираи ба зимма гирифтани уҳдадориро муайян мекунад. Танзими дурусти қонунгузорӣ дар соҳаи мудофиа асоси таъмини мустақилият, якпорчагӣ ва дахлнопазирии ҳудуди ҷумҳурӣ мебошад. Ба таҳлили танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи мудофиа дар адабиёти ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Вале таҳлили муқоисавии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мудофиа бо қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ аввалин бор гузаронида мешавад.

Муҳимтарин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мудофиа Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа», «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ва «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ» ба ҳисоб мераванд. Қонунҳои мазкур новобаста аз аҳамиятнокӣ баъди қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида ва то ин муддат як қатор санадҳои зерқонунӣ дар соҳаи мудофиа амал менамоянд, ки зарурат ба ворид намудани тағйиру иловаҳоро доранд.

Дар таҳлили мазкур таваҷҷуҳи махсус ба моддаи 43 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа», «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ва «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ» дода шудааст, ки ба қонунҳои амалкунандаи соҳаи мудофиаи ИДМ низ дода мешавад. Ҳамзамон, таҳлил нишон медиҳад, ки баъзе меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои соҳаи мудофиаро танзим менамоянд, ниёз ба такмил доранд ва аз ин рӯ таклифҳои зарурӣ ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар таҳлили мазкур пешниҳод карда мешаванд.

Асоси муносибатҳои дар соҳаи мудофиа бавуҷудомада ба воситаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад, ки тибқи қисми 1 моддаи 43 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.

Ин гуна меъёр дар Конститутсияҳои давлатҳо – аъзои ИДМ низ ҷой дорад. Чунончи:

Қисми 1 моддаи 59 Конститутсияи Федератсияи Россия муайян мекунад, ки ҳифзи Ватан, қарз ва уҳдадории шаҳрванди Федератсияи Россия мебошад.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Беларус, ҳифзи Ҷумҳурии Белорус – уҳдадорӣ ва қарзи муқаддаси шаҳрванди Ҷумҳурии Беларус аст.

Тибқи қисми 1 моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Қазоқистон, ҳифзи Ҷумҳурии Қазоқистон қарзи муқаддас ва уҳдадории ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад.

Қисми 1 моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон низ муқаррар менамояд, ки ҳифзи Ватан – қарзи муқаддас ва уҳдадории шаҳрванд мебошад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Узбекистон, ҳифзи Ҷумҳурии

Узбекистон қарзи ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Узбекистон аст.

Дар луғати ҳуқуқӣ калимаи «вазифа», «қарз» ва «уҳдадорӣ» ба калимаҳои русии «функция», «долг» ва «обязанность» тарҷума мешавад.

Аз меъёрҳои конститутсионии қонунҳои асосии ИДМ бармеояд, ки меъёри мазкур вобаста ба мудофиа характери уҳдадориро ба худ гирифтааст.

Тибқи қисми 2 моддаи 43 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекунад. Ҳамин гуна меъёр дар конститутсияҳои Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Қазоқистон низ муқаррар карда шудааст.

Ҳамзамон, дар қисми 2 моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон, асосҳо ва тартиби озод намудани шаҳрвандон аз иҷрои хизмати ҳарбӣ ё иваз намудани он ба хизмати алтернативӣ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ муайян карда шудааст.

Мувофиқи қисми 2 моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Узбекистон, шаҳрванд уҳдадор аст, ки хизмати ҳарбӣ ё хизмати алтернативиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун адо намояд.

Қисми 3 моддаи 59 Конститутсияи Федератсияи Россия муқаррар кардааст, ки шаҳрванди Федератсияи Россия дар ҳолате ки агар хизмати ҳарбӣ кардан ба эътиқоди мазҳабии вай мухолифат намояд, инчунин дар дигар ҳолатҳои муқарраркардаи қонуни федералӣ ҳуқуқ дорад, ки хизмати ҳарбиро бо хизмати алтернативии шаҳрвандӣ иваз намояд.

Ҳолатҳои болоӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар низоми қонунгузории Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон масъалаи иваз намудани хизмати ҳарбӣ ба хизмати алтернативӣ танзими ҳуқуқии худро ёфтааст.

Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мудофиа қабул намудани қонуни мукаммал дар бораи хизмати алтернативӣ бо дарназардошти имконият ба мақсад мувофиқ мебошад.

Асосҳо ва ташкили мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандонро дар соҳаи мудофиа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» (минбаъд – Қонуни мазкур) муайян мекунад. Қонуни мазкур 4 ноябри соли 1995 қабул гардида, то ба имрӯз ба он 10 маротиба (солҳои 1998, 1999, 2000, 2003, 2004, 2005, 2007, 2010, 2013, 2014) тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Қонуни мазкур аз муқаддима, 9 боб ва 31 модда иборат мебошад ва аз рӯи сохтори техникаи қонунгузорӣ ба қонунҳои мудофиаи Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон монанд буда, вале дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон Қонуни мазкур «Дар бораи мудофиа ва Қувваҳои Мусаллаҳ» номгузорӣ шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси Қувваҳои Мусаллаҳ қонуни мукаммали алоҳида мавҷуд аст.

Аз мазмуни муқаддимаи Қонуни мазкур бармеояд, ки маълумот дар бораи мақсади қабул, мавзӯъ ва тарзи танзими ҳуқуқи он пурра инъикос нагардидааст.

Аз ин рӯ, бо мазмуни зерин баён намудани муқаддимаи Қонуни мазкур қобили қабул мебошад:

«Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, салоҳият ва ваколати мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, вазифаҳои ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, шахсони мансабдор ва ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандонро дар соҳаи мудофиа муайян мекунад».

Дар моддаи 1 Қонуни мазкур, ки асосҳои мудофиа номгузорӣ гардидааст, мафҳуми «мудофиа» ҷой дода шудааст. Дар матни Қонуни мазкур истилоҳоти соҳаи мудофиа низ вуҷуд доранд, ки мафҳумашон шарҳ дода нашудааст. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар Қонуни мазкур моддаи алоҳида илова карда шуда, дар он мафҳуми истилоҳоти асосии соҳаи мудофиа, аз қабили мудофиа, бехатарии давлат, вазъияти ҳарбӣ, ҳолати ҷанг, омодагии ҷангӣ, мудофиаи ҳудудӣ ва ғайра оварда шавад.

Боби 3 Қонуни мазкур вазифаҳои корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шахсони мансабдор, ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандон дар соҳаи мудофиа номгузорӣ шудааст. Бояд қайд кард, ки чунин номгузорӣ намудан ба матни русии он мувофиқат намекунад, зеро калимаи «вазифаҳои» дар матни русӣ «обязанности» ифода шудааст. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки номи боби 3 Қонуни мазкур дар таҳрири зайл баён карда шавад:

**«УҲДАДОРИҲОИ ТАШКИЛОТҲО ВА ШАХСОНИ МАНСАБДОР, ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШАҲРВАНДОН ДАР СОҲАИ МУДОФИА».**

Бо дарназардошти таҳрири дар боло зикргардида ба моддаҳои дахлдор низ тағйирот ворид карда шавад.

Таҳлил ва таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки қариб ҳамаи бобҳои охирини қонунҳо сарфи назар аз мазмуни моддаҳои дар онҳо буда «Муқарраароти хотимавӣ» ном доранд.

Бинобар ин, бо мақсади мутобиқ намудани номи боби 9 ба матни моддаи 31 Қонун мувофиқи мақсад аст, ки боби 9 «Муқаррароти хотимавӣ» номгузорӣ карда шуда, моддаи 31 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 31. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» 10 ноябри соли 2000 қабул карда шуда, ба он 9 маротиба тағйиру иловаҳо (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, № 4, мод.146; № 8, мод. 461; соли 2004, № 2, мод.50; № 7, мод. 464; соли 2005, №3, мод. 117; соли 2006, №11, мод. 467; соли 2007, №7, мод. 659; соли 2010, №7, мод. 542; мод. 553; соли 2012,№12 қ1,мод.1014) ворид карда шудааст.

Қонуни мазкур аз муқаддима, 9 боб ва 55 модда иборат мебошад ва он аз рӯи сохтори техникаи қонунгузорӣ ба қонунҳои уҳдадории умумии ҳарбӣ ва ҳизмати ҳарбии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон мутобиқат менамояд.

Тибқи муқаддимааш Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятии ба иҷрои уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ алоқамандбудаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим намуда, асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии қайди ҳарбӣ, ба хизмати ҳарбӣ тайёр кардан, даъват намудан, дохил шудан, тартиби адо ва рухсат шудан аз хизмати ҳарбӣ, бақайдгирии эҳтиёти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро дар ин соҳа муқаррар менамояд.

Азбаски ибораи «муносибатҳои ҷамъиятии ба иҷрои уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ алоқамандбудаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» пурра мазмуни асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии қайди ҳарбӣ, ба хизмати ҳарбӣ тайёр кардан, даъват намудан, дохил шудан, тартиби адо ва рухсат шудан аз хизмати ҳарбӣ, бақайдгирии эҳтиётиро ифода мекунад, мувофиқи мақсад мебуд, ки муқаддимаи Қонуни мазкур бо мазмуни зайл ифода карда шавад:

«Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии қайди ҳарбӣ, ба хизмати ҳарбӣ тайёр кардан, даъват намудан, дохил шудан, тартиби адо ва рухсат шудан аз хизмати ҳарбӣ, бақайдгирии эҳтиётии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро дар ин соҳа муқаррар менамояд».

Дар матни Қонуни мазкур бисёр истилоҳоте истифода бурда шудаанд, ки мазмуни онҳо равшан карда нашудааст. Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки ба Қонуни мазкур моддаи алоҳида бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $1^1$. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **ба таъхир гузоштан** – ба муҳлати дигар гузаронидани даъвати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ дар асосҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур;

– **дар эҳтиёт будан** – аз ҷониби уҳдадорони ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намудани уҳдадорие, ки ба қайди ҳарбӣ ва адои хизмат дар ҷамъомадҳои ҳарбӣ дар давраи дар қайди ҳарбӣ будан алоқаманданд;

– **даъватшавандагон** – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷинси мард), ки дар мақомоти маҳаллии сохтори идоракунии ҳарбии шаҳру ноҳияҳо бо мақсади даъват барои адои хизмати ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ ба қайди ҳарбӣ гирифта шудаанд;

– **қайди ҳарбӣ** – низоми баҳисобгирии уҳдадорони ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **мансаби ҳарбӣ** – воҳиди корӣ дар мақомот ва ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ, ки бо мақса-

ди амалӣ намудани ваколати онҳо дар самти мудофиа ва амнияти давлат тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад;

– **рутбаи ҳарбӣ** – аломати фарқкунандаи ҳарбӣ, ки вобаста ба таҳсилот, мансаби ишғолкарда ва собиқа ба хизматчиёни ҳарбӣ ё уҳдадорони ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад;

– **уҳдадории ҳарбӣ** – уҳдадории конститутсионии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи Ватан ва риояи талаботи хизмати ҳарбӣ;

– **уҳдадорони ҳарбӣ** – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қайди ҳарбӣ истодаанд ва то расидан ба синни ниҳоӣ дар эҳтиёт ба қайди ҳарбӣ гирифта шудаанд;

– **хизмати ҳарбии** ҳатмии муҳлатнок – хизмати ҳарбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷинси мард), ки даъвати онҳо ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ дар мансаби ҳарбии ҳайати қаторӣ, сержантӣ ва афсарӣ ба муҳлат ва тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур асос ёфтааст;

– **хизмати ҳарбӣ** – шакли махсуси хизмати давлатӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ;

– **хизматчиёни ҳарбие**, ки хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро адо менамоянд - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷинси мард), ки ба хизмати ҳарбии муҳлатнок бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур даъват карда шудаанд;

– **хизматчиёни ҳарбие**, ки хизмати ҳарбиро ба таври ихтиёрӣ адо менамоянд - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур дар асоси изҳори хоҳиши худ хизмати ҳарбиро ихтиёран ба ҷо меоранд;

– **хизматчиёни ҳарбӣ** – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ дар хизмати ҳарбӣ мебошанд;

– **ҷамъомадҳои махсус** – намуди ҷамъомадҳои ҳарбие, ки бо мақсади иҷрои чорабиниҳо дар самти бартараф намудани ҳолатҳои фавқулодда ва оқибатҳои он ва ё дар дигар ҳолатҳои аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда, гузаронида мешаванд;

– **ҷамъомадҳои ҳарбӣ** - чорабиниҳое, ки дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ оид ба тайёрии ҳарбӣ, такмил додани донишҳои ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ ва уҳдадорони ҳарбӣ бо мақсади баланд бардоштани омодагии ҷангӣ ва сафарбарӣ гузаронида мешавад;

– **эҳтиёти уҳдадорони ҳарбӣ** – уҳдадорони ҳарбии синну соли муқаррарнамудаи Қонуни мазкур, ки дар қайди ҳарбии мақомоти маҳаллии сохторҳои идоракунии ҳарбӣ мебошанд ва бо мақсади пурра намудан, вусъатдиҳии сафарбарӣ ва барқарор намудани талафоти Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ дар замони ҷанг истифода мешаванд.».

Масъалаи дигаре, ки имрӯз дар соҳаи хизмати ҳарбӣ ба вуҷуд омадааст, ин ба сатҳи ниҳоӣ расонидани муҳлати хизмати ҳарбӣ мебошад, ки аз ҷониби Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус ва дигар давлатҳо – аъзои ИДМ ин муҳлат кам карда шудааст. Бинобар ин таклиф карда мешавад, ки қисми 1 моддаи 34 Қонуни мазкур, ки ба муҳлати хизмати ҳарбӣ барои онҳое, ки хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро дар вазифаҳои аскарон ва сержантҳо адо мекунанд, бахшида шудааст, таҷлили назар карда шавад.

# ҚАРОРИ №10
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 29 майи соли 2003 ш. Душанбе

**Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ**
*(Бо тағйироте, ки бо қарори Пленум аз 19 марти соли 2009 №3; 23 ноябри соли 2012; № 17 ва 29 сентябри соли 2014, №8 ворид карда шудаанд)*

Ҳангоми баррасии парвандаҳо оиди бекор кардани ақди никоҳ дар назди судҳо масъалаҳое пайдо мешаванд, ки ба татбиқи меъёрҳои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қатъ кардани ақди никоҳ, беэътибор донистани он, инчунин муносибатҳои молу мулкии зану шавҳарро (собиқ зану шавҳар) танзим менамоянд, марбут мебошанд. Бо дарназардошти ин, бо мақсади таъмини дуруст ва якхелаи ҳалли парвандаҳои категорияҳои мазкур дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ а р о р к а р д:**

Ба судҳо тавзеҳоти зерин дода шавад:

1. Ҳангоми қабули аризаи даъвогӣ оиди бекор намудани ақди никоҳ судя бояд дар назар дошта бошад, ки мувофиқи моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шавҳар ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак ҳуқуқ надорад бе розигии зан ба суд оиди бекор кардани ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд. Ин вазъият ба ҳолатҳое, ки кӯдак мурда таваллуд шуда бошад ё дар муддати то ба синни яксолагӣ расидан вафот карда бошад, низ тааллуқ дорад. Дар ин ҳолатҳо, ҳангоми набудани розигии зан барои баррасии парванда оиди бекор намудани ақди никоҳ, судя аризаи даъвогиро бармегардонад ва агар қабул карда бошад, аризаро бе баррасӣ мемонад (сархати 4 қисми 1 моддаи 138 ва сархати 2 қисми 1 моддаи 227-и КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ҳолатҳои зикршуда барои ҳангоми такроран ба суд бо аризаи даъвогӣ оиди бекор намудани ақди никоҳ муроҷиат намудан монеъа шуда наметавонанд, агар ҳолатҳое, ки дар моддаи 17 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд, оқибат аз байн рафта бошанд.

2. Бекор кардани ақди никоҳ бо розигии тарафайни зану шавҳаре, ки фарзандони муштараки ноболиғ надоранд, мувофиқи қисми 1 моддаи 19 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз дар байни зану шавҳар мавҷуд будан ё набудани баҳс дар хусуси тақсими молу мулке, ки моликияти умумии онҳо мебошад, дар бораи пардохтани маблағ барои таъмини ҳамсари ғайри қобили меҳнати эҳтиёҷманд, дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ сурат мегирад. Истисноиро ҳолатҳое ташкил мекунанд, ки вақте яке аз зану шавҳар ба набудани норозигиаш нигоҳ накарда, барои бекор кардани никоҳ саркашӣ менамояд, масалан, аризаи якҷоя барои бекор кардани никоҳ ва ё аризаи алоҳида доданро дар ҳолате, ки вай ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои аризаи якҷоя додан имконияти шахсан омаданро надорад, рад мекунад (қисми 2 моддаи 21 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон).

3. Тартиби бекор кардани ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба шахсоне, ки дар асари бемории рӯҳӣ ё сустақлиашон ғайри қобили амал эътироф шудаанд, ба ҳолатҳои бекор намудани никоҳ бо шахсе, ки бо сабаби суиистеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ё моддаҳои нашъаовар ғайри қобили амал эътироф шудааст, паҳн намегардад. Бекор намудани ақди никоҳ бо даъво нисбати ашхоси қайдшуда, инчунин аз рӯи даъвои чунин ашхос бо тартиби умумӣ сурат мегирад.

4. Даъво оиди бекор кардани ақди никоҳ бо шахсе, ки маҳалли истиқоматаш номаълум аст ё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳалли истиқомат надорад, бо интихоби

даъвогар, яъне ба суди маҳалли ҷойгиршавии молу мулки ӯ ё маҳалли охирини истиқомати ӯ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад (қ. 1 м. 31 КМГ ҶТ).

5. Даъво оиди бекор кардани ақди никоҳ бо шахсони бо тартиби муқарраркардаи қонун вобаста ба бемории рӯҳӣ ғайри қобили амал эътироф карда шудааст, инчунин шахсоне, ки барои содир кардани ҷиноят ба муҳлати зиёда аз се сол маҳкум карда шудаанд, ба маҳалли истиқомати даъвогар пешниҳод карда шавад. Аризаи даъвогӣ оиди бекор кардани ақди никоҳ бо шахсе, ки аз озоди маҳрум карда шудааст, аз тарафи суд тибқи талаботи моддаи 30 КМГ ҶТ ба баррасии судӣ вобаста ба маҳалли истиқомати охирини шахси маҳкумшуда, қабул карда мешавад.

6. Бо дарназардошти он ки бекор кардани ақди никоҳ бо ашхоси бедарак ғоибшуда, новобаста аз он, ки зану шавҳар фарзандони умумии ноболиғ доранд, дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба амал бароварда мешавад, ҳангоми муроҷиат бо чунин даъво ба шахсе, ки дар тули як сол дар хусуси бошишгоҳи ӯ дар ҷои истиқоматаш маълумоте набошад, судя ба даъвогар тартиби бедарак ғоиб эътироф кардани ӯро мефаҳмонад.

Аммо агар зану шавҳар дар бораи бедарак ғоиб эътироф намудани зану шавҳари дигар ба суд муроҷиат кардан нахоҳад, судя ҳуқуқ надорад қабули аризаи даъвогии бекор кардани ақди никоҳро рад намояд ва бояд даъворо бо тариқи умумӣ дида барояд.

7. Аризаи даъвогӣ оиди бекор намудани ақди никоҳ бояд ба талаботҳои моддаи 134 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад. Дар он аз ҷумла бояд нишон дода шавад, ки: ақди никоҳ кай ва дар куҷо ба қайд гирифта шудааст; оё фарзандони умумӣ доранд, синну соли онҳо; зану шавҳар дар хусуси таъмин ва тарбияи фарзандон созишнома бастаанд ё не; ҳангоми набудани розигии тарафайн оиди бекор намудани ақди никоҳ-асосҳо барои бекор намудани ақди никоҳ; оё дигар талаботҳо, ки дар якҷоягӣ бо аризаи давогӣ оиди бекор кардани ақди никоҳ баррасӣ шуданашон мумкин аст, ҳастанд ё не? Ба ариза замима карда мешаванд: шаҳодатномаи ақди никоҳ, нусхаҳои шаҳодатномаҳои таваллуди кӯдакон, ҳуҷҷатҳо оиди музди меҳнат ва дигар манбаъҳои даромади зану шавҳар (агар талабот оиди ситонидани алимент арз шуда бошад) ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ.

8. Судя аризаи даъвогиро оиди бекор кардани ақди никоҳ қабул карда, ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ҷавобгарро даъват намуда, оиди ҳолатҳои кор мепурсад ва муайян мекунад, ки нисбати даъво чӣ норозигӣ дорад ва ин норозигиаш бо кадом далелҳо тасдиқ карда мешаванд. Ҳамчунин судя ба тарафҳо мефаҳмонад, ки кадом талаботҳоро мумкин аст якҷоя бо даъво оиди бекор кардани ақди никоҳ баррасӣ намояд.

9. Дар мавриди мавқуф гузоштани баррасии парванда оиди бекор намудани ақди никоҳ ва ситонидани алимент барои фарзандон бо сабаби таъин намудани муҳлат барои оштишавии зану шавҳар, бояд муайян карда шавад, ки оё ҷавобгар дар таъмини фарзандон иштирок дорад ё не? Агар суд муайян намояд, ки ҷавобгар ин уҳдадориро иҷро накарда истодааст, он гоҳ суд ҳуқуқ дорад мувофиқи моддаи 109 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба охир расидани баррасии парванда оиди бекор намудани ақди никоҳ ва ситонидани алимент барои муваққатан аз ҷавобгар ситонидани алимент қарор барорад.

10. Бо парвандаҳои оиди бекор намудани ақди никоҳ дар сурати розӣ набудани яке аз зану шавҳар барои бекор намудани никоҳ, тибқи талаботи қисми 1 моддаи 22 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд ҳуқуқ дорад баррасии парвандаро мавқуф гузошта, ба зану шавҳар барои оштишавӣ то шаш моҳ муҳлат таъин намояд. Вобаста ба ҳолатҳои кор суд ҳуқуқ дорад бо хоҳиши зану шавҳар ё бо ташаббуси худ баррасии парвандаро якчанд маротиба мавқуф гузорад, лекин дар ҳар ҳолат муҳлати барои оштишавӣ таъин кардашуда набояд аз муҳлати шашмоҳаи бо қонун муқарраргардида зиёд бошад.

Муҳлати барои оштишавӣ таъиншуда мумкин аст бо талаби тарафҳо кам карда шавад, агар суд сабабҳои нишондодаи онҳоро узрнок эътироф кунад. Дар ин ҳолат бояд таъиноти ваҷҳнок бароварда шавад.

Аз болои таъиноти суд дар бораи мавқуф гузоштани баррасии парванда оиди оштишавии зану шавҳар ба тариқи кассатсионӣ шикоят ё эътироз оварда намешавад, чунки ин таъинот ба имконияти баррасии минбаъдаи парванда монеа намешавад

(қисми 1 моддаи 360 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ваҷҳҳои аниқ тасдиқнагардидаи хоҳиш надоштани ҳардуи зану шавҳар оиди давом додани ақди никоҳ барои бекор кардани ақди никоҳ асоси кофӣ ҳисобида намешаванд.

Танҳо пас аз муқаррар кардани он, ки зиндагонии якҷояи минбаъдаи зану шавҳар ва нигоҳ доштани оила имконнопазир буда, оилаи онҳо қатъиян пароканда гардидааст, суд ҳуқуқ дорад талаби бекор кардани ақди никоҳро қонеъ гардонад.

11. Суд ҳангоми баррасӣ намудани парванда оид ба бекор намудани ақди никоҳ метавонад баҳсҳои зану шавҳарро дар бобати бо кадоме аз онҳо зиндагӣ намудани фарзандони ноболиғ, тартибу андозаи маблағи барои таъмини фарзандон ё зану шавҳари ғайри қобили меҳнати эҳтиёҷманд пардохтшаванда, инчунин дар бораи тақсимоти молу мулки муштаракашон дар як вақт баррасӣ ва ҳал намояд, агар доир ба ин масъалаҳо даъвогар талабот пешниҳод намуда бошад.

Бо даъвои оиди бекор намудани ақди никоҳ мумкин аст, ки дар як вақт талаботи пурра ё қисман беэътибор донистани аҳдномаи никоҳ баррасӣ карда шавад, зеро чунин талаботҳо бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд (қисми 1 моддаи 154 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон). Суд ҳуқуқ дорад дар ҳамин истеҳсолот даъвои мутақобили ҷавобгарро оиди беэътибор донистани ақди никоҳ баррасӣ намояд (моддаи 141 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳангоми бекор кардани ақди никоҳе, ки яке аз тарафҳо шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд мебошад, суд вазифадор аст таъмини иҷрои аҳдномаи никоҳро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

12. Ҳангоми ҳал намудани масъалаи имконпазирии дар мурофиаи бекор кардани ақди никоҳ баррасӣ намудани талаботи тақсими молу мулки муштараки зану шавҳар бояд дар назар дошт, ки дар ҳолатҳое, ки агар тақсими молу мулк ба манфиатҳои шахси сеюм дахолат намояд (масалан: агар молу мулк моликияти хусусии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ё ки собиқ хонаводаи колхозӣ, ки дар ҳайати онҳо ба ғайр аз ҳамсарон ва фарзандони ноболиғи онҳо дигар аъзоён низ ҳастанд, ё ин ки моликияти кооперативи манзилу сохтмонӣ ё дигар кооператив, ки ҳанӯз аъзоёни он пурра саҳмияпулиҳои худро насупоридаанд ва аз ин сабаб ҳуқуқи моликиятро ба молу мулки дахлдор, ки аз ҷониби кооператив барои истифода ба ӯ ҷудо шудааст, соҳиб нашудаанд ва ғайра), мутобиқи **қисми 4 моддаи 24 КО** Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд лозим аст, ки масъалаи ба истеҳсолоти алоҳида ҷудо намудани ин талаботро мавриди муҳокима қарор диҳад.

Қоидаи дар **қисми 4 моддаи 24 КО** Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда дар бораи нораво будани тақсими молу мулки зану шавҳар дар мурофиаи бекор кардани ақди никоҳ, агар баҳс дар хусуси он ҳуқуқи шахсони сеюмро халалдор созад, ба ҳолатҳои тақсими пасандозҳое, ки ҳамсарон ба муассисаҳои кредитӣ аз ҳисоби даромадҳои ҳардуяшон гузоштаанд, новобаста аз он ки ба номи кадоме аз ҳамсарон маблағҳои пулӣ гузошта шудаанд, паҳн намегардад, зеро ҳангоми тақсими чунин пасандозҳо ҳуқуқи бонкҳо ё муассисаҳои кредитӣ поймол карда намешавад.

Агар шахсони сеюм ба зану шавҳар маблағҳои пулӣ дода бошанд ва зану шавҳар ин маблағҳоро ба номи худ ба муассисаҳои кредитӣ гузаронида бошанд, шахсони сеюм ҳуқуқ доранд мувофиқи меъёрҳои КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баргардонидани ин маблағҳо даъво пешниҳод намоянд, ки он дар истеҳсолоти алоҳида баррасӣ карда мешавад. Талаботи аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ё аъзои собиқ хонаводаи колхозӣ ва инчунин дигар шахсон нисбати ҳамсарон-аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ё собиқ хонаводаи колхозӣ, низ ҳамин тариқ ҳал карда мешаванд.

Пасандозҳое, ки зану шавҳар аз ҳисоби молу мулки умумиашон ба номи фарзандони ноболиғи худ гузоштаанд, мувофиқи қисми 5 моддаи 38 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулки мутааллиқ ба фарзандон министа шуда, ҳангоми тақсими молу мулке, ки моликияти умумии якҷояи зану шавҳар мебошад, бояд ба инобат гирифта нашаванд.

13. Дар сурате, ки дар як вақт бо аризаи даъвогӣ оиди бекор намудани ақди никоҳ, талаботи ситонидани алимент низ пешниҳод шуда бошад, ва лекин тарафи дигар дар бораи сабти номи падар ё модари кӯдак дар санади қайди таваллуд баҳс намояд, ба суд лозим аст, ки масъалаи аз парвандаи бекор

кардани ақди никоҳ ба истеҳсолоти алоҳида ҷудо намудани талаботи номбурдаро барои дар истеҳсолоти алоҳида баррасӣ кардани онҳо, муҳокима намояд (моддаи 154 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

14. Агар дар вақти баррасии парвандаи бекор кардани ақди никоҳ ва тақсими молу мулки зану шавҳар (дар ҳолате, ки кооператив барои истифода бурдани квартира, бӯстонсарой, гараж, дигар сохтмон ё бино пешниҳод кардаасту аммо онҳо саҳмро пурра насупоридаанд) яке аз тарафҳо муайян кардани ба кадом ҳиссаи саҳм ҳуқуқ доштанашро хоҳиш кунаду дар баробари ин масъалаи тақсими саҳмро нагузошта бошад, суд ҳуқуқ дорад чунин талаботро ба истеҳсолоти алоҳида ҷудо накарда баррасӣ намояд, ба шарте, ки дигар ашхосе, ки барои саҳмгузорӣ ҳуқуқ доранд, набошанд, чунки ин баҳс ба ҳуқуқҳои кооперативҳо дахолат намекунад.

15. Моликияти умумии муштараки зану шавҳар, ки мавриди тақсим қарор дода шуданашон мумкин аст (қисмҳои 1 ва 2 моддаи 34 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҳамаи молу мулки манқул ва ғайриманқуле, ки аз тарафи онҳо **дар давраи заношӯӣ** ҷамъ намудаанду объекти моликияти шаҳрвандон шуда метавонанд, новобаста аз он ки ба номи кадоме аз онҳо харидорӣ карда шудааст ё маблағҳои пулӣ пасандоз карда шудаанд, ба ҳисоб меравад, агар дар аҳдномаи никоҳ байни онҳо низоми дигари ин молу мулк пешбинӣ нашуда бошад. Тақсими амволи муштараки зану шавҳар мутобиқи қоидаҳои дар моддаҳои 38, 39 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида анҷом дода мешавад. Арзиши молу мулки мавриди тақсим қарордошта дар вақти баррасии парванда муайян карда мешавад.

Агар бо аҳдномаи никоҳ низоми моликияти муштараки бо қонун муқарраргардида тағйир дода шуда бошад, он гоҳ ба суд лозим аст ҳангоми ҳаллу фасли баҳси марбут ба тақсими молу мулки зану шавҳар, шартҳои аҳдномаи мазкурро ба роҳбарӣ гирад. Ҳамзамон бояд дар назар дошт, ки мутобиқи қисми 3 моддаи 42 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон он шартҳои аҳдномаи никоҳ оиди низоми моликияти муштарак, ки яке аз зану шавҳарро ба ҳолати бениҳоят ногувор мегузоранд (масалан, яке аз ҳамсарон аз ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба молу мулки дар давраи ақди никоҳ ҷамъкардашуда пурра маҳрум карда мешавад), мумкин аст аз ҷониби суд бо талаби зану шавҳари мазкур беэътибор дониста шаванд ва дар як истеҳсолот баррасӣ карда шаванд.

Бо номгӯи молу мулки тақсимшаванда молу мулки умумии зану шавҳар, ки ҳангоми баррасии парванда ба таври накдина дар ихтиёри онҳо ё дар ихтиёри шахсони сеюм мебошанд, дохил мешавад. Ҳангоми тақсими молу мулк инчунин қарзи умумии зану шавҳар (қисми 4 моддаи 39 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ҳуқуқи талаб намудан аз рӯи ухдадориҳои ба манфиати оила бааломада ба назар гирифта мешавад.

Молу мулки ҳатто дар давраи заношӯӣ, лекин бо маблағи шахсии яке аз зану шавҳар ба даст овардашуда, то ба ақди никоҳ даромадан ба ӯ тааллуқдошта, ҳамчун ҳадя ё мерос гирифташуда, инчунин ашёи истифодаи шахсӣ, ба истиснои ҷавоҳирот ва олоти дигари зебу зинат, молу мулки умумии муштараки зану шавҳар ҳисоб намеёбад (моддаи 36 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон).

16. Бо дарназардошти он ки мувофиқи қисми 1 моддаи 35 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулке, ки дар моликияти муштараки зану шавҳар қарор дорад, танҳо бо розигии мутақобилаи онҳо сурат мегирад, агар ҳангоми баррасии талабот оиди тақсими молу мулки муштараки зану шавҳар муайян гардад, ки яке аз онҳо бе розигии тарафи дигар моликияти муштаракро мувофиқи хоҳиши худ бархилофи иродаи зану шавҳари дигар ва на ба манфиати оила бегона ё ки сарф намудааст, ё молу мулкро пинҳон доштааст, он гоҳ ҳангоми тақсим ин молу мулк ё арзиши он ба назар гирифта мешавад. Зану шавҳаре, ки ризоияти дар идораи нотариали давлатӣ тасдиқшудаи худро барои иҷрои аҳд нододааст, ҳуқуқ дорад дар қисми молу мулки ба худаш тааллуқ дошта, дар моликияти умумии якҷоя бекор кардани аҳдро талаб намояд, ё зану шавҳар ҳуқуқ дорад ба андозаи ҳиссаи дар боло зикргардида аз маблағе, ки зан ё шавҳараш аз фурӯши молу мулк ба даст овардааст дар давоми се сол аз рӯзи огоҳ шудан аз чунин муомилот ё мебоист аз иҷрои чунин муомилот огоҳ шавад пардохти пули онро талаб намояд.

Суд метавонад молу мулкеро, ки ҳар кадоме аз зану шавҳар дар вақти ҷудо зинда-

гӣ карданашон ҷамъ овардаанд, ҳангоми воқеъан қатъ гардидани никоҳ моликияти шахсии ҳар кадоми онҳо эътироф намояд.

Агар пас аз воқеъан қатъ гардидани муносибатҳои оилавию пешбурди хоҷагии умумӣ зану шавҳар якҷоя молу мулк ба даст наовар-да бошанд, суд мутобиқи қисми 4 моддаи 38 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад танҳо ҳамон молу мулкеро, ки то вақти қатъ гардидани пешбурди хоҷагии умумӣ моликияти умумии онҳо ба ҳисоб мерафт, тақсим намояд.

17. Ҳангоми тақсими молу мулке, ки моликияти умумии зану шавҳар мебошад, мувофиқи қисми 2 моддаи 39 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои алоҳида суд метавонад ҳиссаи зан ё шавҳарро бо назардошти манфиатҳои фарзандони ноболиғ ва (ё) манфиатҳои қобили таваҷҷуҳи яке аз зану шавҳар зиёд кунад. Зери мафҳуми манфиатҳои қобили таваҷҷуҳи яке аз зану шавҳар бояд аз он ҷумла на танҳо ҳолатҳое, ки яке аз зану шавҳар бо сабабҳои узрнок даромад нагирифта бошад ё молу мулки умумиро бар зарараи манфиати оила сарф карда бошад, балки инчунин ҳолатҳое, ки яке аз зану шавҳар аз рӯи аҳволи саломатиаш ё бо дигар ҳолатҳои ба ӯ вобастанабуда имконияти аз фаъолияти меҳнатӣ ба даст овардани даромадро маҳрум шуда бошад, фаҳмида шавад.

Суд уҳдадор аст, ки дар ҳалнома асосҳои ба инобат нагирифтани ҳиссаи баробарии зану шавҳарро дар молу мулки умумии онҳо нишон диҳад.

18. Бо сабаби он, ки мутобиқи қонунгузории то нашри Фармони Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС аз 8 июли соли 1944 амалкунанда, ақди никоҳи ба қайд нагирифта ҳамон оқибатҳои ҳуқуқии ақди никоҳи бақайдгирифтаро дошт, низоми моликияти умумии муштараки зану шавҳар ба молу мулке, ки аз ҷониби ашхоси бе бақайдгирии ақди никоҳ то ба қувваи қонунӣ даромадани Фармон дар муносибатҳои оилавӣ буда, ба даст даромадааст, паҳн мегардад. Дар ҳалли бахси тақсими чунин молу мулк зарур аст, ки қоидаҳои бо моддаҳои 34-37 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

19. Мурури мӯҳлати сесолаи даъво барои талаби тақсими молу мулке, ки моликияти муштараки зану шавҳар мебошаду ақди никоҳашон бекор карда шудааст (қисми 6 моддаи 38 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон), бояд аз рӯзи қатъ шудани ақди никоҳ ҳисобида шавад (аз санаи бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар китоби бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ дар мақомоти бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳангоми бекоршавии ақди никоҳ дар суд бошад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд).

20. Ҳалномаи суд оиди бекор кардани ақди никоҳ бояд қонунӣ бошад ва бо далелҳои дар мурофиаи судӣ ҳаматарафа санҷидашуда асоснок карда шуда бошад.

Дар сурате ки яке аз зану шавҳар барои бекор кардани ақди никоҳ муқобил бошад, дар қисми далеловарии ҳалнома сабабҳои муқаррарнамудаи суд оиди аз байн рафтани ақди никоҳи байни зану шавҳар, далелҳо оиди ғайриимкон будани нигоҳ доштани оила нишон дода мешаванд.

Қисми хулосавии ҳалнома оиди қонеъ гардонидани даъвои бекор кардани ақди никоҳ бояд хулосаи судро дар бораи ҳамаи талаботи тарафҳо, аз он ҷумла оиди талаботи якҷояkardашудаи онҳо барои дар якҷоягӣ баррасӣ намудан дошта бошад. Дар ин қисми ҳалнома инчунин маълумотҳои зарурӣ оиди бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар китоби бақайдгирии асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ (рӯзи ба қайд гирифтани никоҳ, рақами қайд дар санад, номи мақомоти никоҳро бақайдгирифта) нишон дода мешаванд. Насаби зану шавҳар дар ҳалнома мувофиқи шаҳодатномаи ақди никоҳ навишта мешавад, дар ҳолатҳои тағйир ёфтани насаб ҳангоми ба никоҳ даромадан бошад, дар қисми муқаддимавии ҳалнома насаби то ақди никоҳ доштаро низ нишон додан лозим аст.

21. Мутобиқи моддаи 25 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар китоби сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ дар суд, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд қатъ мегардад.

Бекор кардани ақди никоҳ дар суд бояд дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд, мувофиқи тартиби барои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ муқarrаргардида ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Бекор кардани ақди никоҳ аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш ба-

рои шахсони сеюм эътибори ҳуқуқӣ дорад.

22. Ҳангоми қабул намудани аризаи даъвогӣ оиди беэътибор донистани ақди никоҳ ба судҳо зарур аст муайян намоянд, ки бо кадом асос роҷеъ ба ҳақиқ будани ақди никоҳ баҳс карда мешавад (қисми 1 моддаи 28 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва оё шахси даъвогар ба категорияи ашхосе, ки мутобиқи қисми 1 моддаи 29 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон барои оғоз намудани масъалаи беэътибор донистани никоҳ маҳз бо ҳамин асос ҳуқуқ доранд, дохил мешавад ё не. Агар аризадиҳанда ба чунин ашхос мансуб набошад, судя аризаи даъвогии ӯро бармегардонад (сархати 3 моддаи 138 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

23. Номгӯи асосҳо барои беэътибор донистани ақди никоҳ, ки дар қисми 1 моддаи 28 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой доранд, мукаммал буда, ба тафсири муфассал зарурат надорад. Ба чунин асосҳо мансубанд: вайрон намудани шартҳои бо қонун муқарраргардидаи бастани ақди никоҳ (моддаҳои 12, 13 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон); ҳангоми бастани ақди никоҳ мавҷуд будани ҳолатҳое, ки барои бастани ақди никоҳ монеъ мешаванд (моддаи 14 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон); аз ҷониби яке аз никоҳшавандагон дар ӯ мавҷуд будани бемории венерикӣ ё СПИД-ро аз дигаре пинҳон доштан (қисми 3 моддаи 15 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон); қалбакӣ будани ақди никоҳ (қисми 1 моддаи 28 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Бо назардошти ҳамин вайрон кардани талаботи муқаррарнамудаи қонун доир ба тартиби бастани ақди никоҳ (масалан, ба қайд гирифтани никоҳ то тамом шудани муҳлат аз рӯзи аризаро ба мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ додан, агар ин муҳлат мутобиқи тартибе, ки дар қисми 1 моддаи 11 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, кам карда нашуда бошад), барои беэътибор донистани ақди никоҳ асос шуда наметавонад.

24. Мутобиқи қисми 4 моддаи 30 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон зану шавҳар баъди бекор кардани ақди никоҳ (ҳам бо тартиби судӣ ва ҳам дар мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ) барои дар хусуси беэътибор донистани ин никоҳ масъала гузоштан ҳуқуқ надоранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки оиди ҳақиқӣ будани ақди никоҳ бо асосҳои дар байни зану шавҳар вуҷуд доштани дараҷаи хешовандӣ, ки барои бастани ақди никоҳ бо қонун манъ гардидааст ё ҳолати дар вақти қайди никоҳ дар дигар никоҳи дигари бекорнакарда будани яке аз онҳо, баҳс ҷой дошта бошад.

Агар дар ҳолатҳои дар боло зикргардида ақди никоҳ бо тартиби судӣ бекор карда шуда бошад, он гоҳ даъво оиди беэътибор донистани чунин ақди никоҳ аз ҷониби суд ба шарте баррасӣ карда мешавад, ки ҳалнома дар бораи бекор кардани ақди никоҳ бекор шуда бошад, зеро суд ҳолати никоҳи ҳақиқии басташударо ба инобат гирифта, ҳамин гуна ҳалнома қабул кардааст. Мутобиқи қисми 2 моддаи 213 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон фактҳо ва муносибатҳои ҳуқуқии бо ин гуна ҳалнома муқарраргардидаро аз ҷониби худи ҳамин тарафҳо дар дигар мурофиа баҳс кардан номумкин аст.

Агар ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрандӣ бекор карда шуда ва баъдтар талабот дар хусуси бекор кардани сабти бекор кардани ақди никоҳ ва дар бораи беэътибор донистани он пешниҳод шуда бошад, суд ҳуқуқ дорад, ки ин талаботҳоро дар як истеҳсолот баррасӣ намояд (моддаи 154 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

25. Бинобар қабул гардидани Қарори мазкур Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 1987, № 4 бо тағйиротҳои бо Қарори Пленум аз 28 декабри соли 1989, № 9 ва аз 16 августи соли 1999, № 3 ворид кардашуда "Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оиди бекор кардани никоҳ" беэътибор дониста шаванд.

**Раиси Пленум,**
**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **АБДУЛЛОЗОДА Н.**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **АЗИЗОВ З.Н.**

# ТАФСИРИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ САВДОИ ХОРИҶӢ»

**Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**Раҳимзода Маҳмад Забир**

**Муаллифон:**

**Раҳимзода М.З.,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, директори Маркази миллии конунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – пешгуфтор.

**Маҳмадшоев Ф.А.**, н.и.ҳ., сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии конунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - моддаҳои 2,6,7,9,12,13,15,16,17,18,19,21-42, 44-51, 56 ва 57.

**Табаров Ф.Д.**, и.в. сардори шуъбаи иттилооти ҳуқуқӣ ва мураттабсозии Маркази миллии конунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - моддаҳои 3, 4, 5,11, 14, 20, 43, 52, 54 ва 55.

**Каримова Н.** – муовини сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - моддаҳои 1, 8, 10 ва 53.

## ПЕШГУФТОР

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод, таҳаввулоти тағйирёбандаи молиявӣ, муносибатҳои байналмилалии иқтисодии гуногунҷабҳа таҳлили амиқи илмӣ ва амалии равандҳоеро тақозо менамоянд, ки ба фаъолияти савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамгироии иқтисоди миллӣ бо иқтисодиёти ҷаҳон алоқамандӣ доранд.

Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон аст, ки дар муомилоти иқтисодӣ, аз ҷумла, иқтисоди байналмилалӣ саҳми худро дошта, муносибатҳои савдоии хориҷиро дар заминаи шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба ва дуҷониба ба роҳ мемонад. Барои рушди босуботи ҷумҳурӣ ва сармоягузории хориҷӣ тамоми шароити мусоид давра ба давра фароҳам оварда шуда, сафи сармоягузорони мустақими хориҷӣ меафзоянд.

Тавре аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, «Танҳо дар ҳафт соли охир ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз 11 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардида, ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҷараёни механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ зиёд намудани саҳми сармоягузории мустақими хориҷӣ чораҳои иловагӣ андешида мешавад» [1]. Ҳаҷми гардиши мол, кор ва хизматрасониҳо бо ширкати субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ, аз ҷумла, соҳибкорони хориҷӣ зиёд гардида,марҳила ба марҳила ташаккул меёбад.

Алҳол, Тоҷикистон бо бештар аз 100 кишвари ҷаҳон робитаҳои савдои хориҷӣ анҷом дода, пешрафти муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ бо кишварҳо – ҳамшарикони стратегӣ ва рушд ба назар мерасад. Ҳаҷми гардиши мол бо кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, шарикони савдои хориҷӣ, ба мисли Федератсияи Россия, Чин, Қазоқистон, Туркия, Эрон ва Швейтсария 73,5 фоизи ҳаҷми умумии муомилоти савдоро ташкил намуда,танҳо соли 2014 маблағи 5 миллиарду 319 миллион долларро ташкил додааст [2].

Бо дарназардошти ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо пазируфта шудани Тоҷикистон давраи нави инкишофи муносибатҳои савдоии хориҷӣ оғоз гардида, чораҳои амалӣ, аз ҷумла, ҳамоҳангсозии қо-

нунгузории дохилӣ ба муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ вобаста ба уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурӣ андешида мешаванд. Вусъати савдои хориҷӣ ба як қатор омилҳо, махсусан қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» аз 3 июли соли 2012 алоқаманд аст. Аз ин рӯ, зарурати объективӣ ба вуҷуд омадааст, ки дар марҳилаи навини инкишофи муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба савдои хориҷӣ маърифати ҳуқуқии мақомоти ваколатдор, субъектҳои хоҷагидор ва умуман соҳибкорони соҳа тавассути навиштани тафсирҳои илмӣ-амалӣ баланд бардошта шавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», ки санаи 3 июли соли 2012 қабул гардидааст, аз 8 боб ва 57 модда иборат аст. Санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз лиҳози мазмун ва техникаи қонунгузорӣ аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии монанд фарқият дошта, муқаррароти он ба меъёрҳои созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мувофиқ гардонида шудааст.

Дар тафсири мазкур бори нахуст мафҳумҳои истифодашаванда аз лиҳози илмӣ-оммавӣ шарҳу эзоҳ ёфта, тартиби савдои хориҷии мол, кору хизматрасониҳо, низоми иҷозатдиҳӣ дар фаъолияти савдои хориҷӣ, фаъолияти савдои хориҷӣ дар манотиқи наздисарҳадӣ ва минтақаҳои савдои озод, механизмҳои ҳимояи истеҳсолкунандаи ватанӣ, аз ҷумла чораҳои муҳофизатӣ нисбати саноати ватанӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муҳимтарин масъалае, ки дар тафсири мазкур муфассал пешниҳод мегардад, андешидани чораҳои муҳофизатӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор ҳангоми демпинг аст. Демпинг ва чораҳои муҳофизатии зиддидемпингӣ ҳамчун унсури таркибӣ дар фаъолияти савдои хориҷӣ эътироф гардида, омилҳои таъсиррасони онҳо муайян карда мешаванд.

Ҳайати муаллифон ба муқарризон ва мутахассисони соҳа,ки ҷиҳати такмили тафсири мазкур маслиҳатҳои муфид пешниҳод намуданд, изҳори миннатдорӣ менамоянд.

Хонандагони гиромӣ метавонанд ҷиҳати пурмазмун гардидани тафсир дар нашрҳои минбаъда фикру мулоҳизоти худро унвонии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё ин, ки тавассути почтаи электронӣ ба нишонии зерин ирсол намоянд: www.http://mmk.tj/about/proposal/

## ҚОНУНИ
## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ САВДОИ ҲОРИҶӢ

**Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти савдои хориҷӣ, принсипҳои асосии фаъолияти савдои хориҷӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷиро танзим намуда, барои фароҳам овардани шароити мусоид ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва ҳамгироии самараноки он ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ равона гардидааст.**

Дебочаи Қонуни мазкур дар такя ба муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо, Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, Созишномаи умумӣ оид ба савдои хизматрасониҳо, Созишнома оид ба тартиби иҷозатномадиҳӣ воридотӣ, Созишнома оид ба татбиқи моддаи VI Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо, ки дар доираи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (минбаъд – СУС) амал менамоянд, омода гардидааст. Муқаррароти мазкур ба масъалаи фароҳам овардани шароити мусоиди якхела ҳам ба шаҳрвандони Тоҷикистон ва ҳам ба шаҳрвандони хориҷӣ мутобиқ мебошад. Принсипҳои низоми миллӣ ва низоми мусоидати бештарро барои воридшавии молҳо ва сармоя, иқтисоди кушоди бозоргонӣ ва либерализатсияи савдо дар молҳо ва хизматрасониҳо аз як тараф ва аз тарафи дигар, ҳимояи маҳсулоти ватанӣ, рушди техникиву технологӣ ва беҳтар гардонидани он дар худ таҷассум намудааст.

Меъёрҳои Қонуни тафсиршаванда ба муқаррароти Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо (моддаҳои 1 ва 3) Созишномаи умумӣ оид ба савдои хизматрасониҳо (моддаҳои 2, 3,4 ва 17) пурра мутобиқат мекунанд.

Қонуни мазкур барои ҳифзи соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои ҷудогонаи он аз таъсири ман-

фии рақобати хориҷӣ, таъмини шароит барои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳон, таъмини тавозуни пардохти савдои хориҷии ҷумҳуриро бо роҳи танзими воридоти молҳо ва хизматрасониҳо, танзими содирот ва воридоти молҳои алоҳида бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати камчинии чунин молҳоро пешбинӣ менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Доираи амали Қонуни мазкур**

**1. Қонуни мазкур дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, инчунин ба муносибатҳое, ки бевосита бо чунин фаъолият алоқаманданд, татбиқ мегардад.**

**2. Муқаррароти Қонуни мазкур, ки ба хизматрасониҳои савдои хориҷии танзими давлатӣ дахл доранд, ба хизматҳои ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидашаванда татбиқ карда намешаванд.**

Қисми 1 моддаи тафсиршаванда доираи муносибатҳоеро муайян менамояд, ки предмети батанзимдарории Қонуни мазкур мебошад. Қонуни мазкур асоси ҳуқуқии танзими муносибатҳои фаъолияти савдои хориҷиро муқаррар намуда, онҳоро дар меъёрҳои алоҳидаи худ мушаххас намудааст. Қонун доираи муносибатҳои танзимшавандаро дар бобҳо ва моддаҳои алоҳида тариқи зерин ҷудо намудааст:

– маҳдудиятҳои миқдорие, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд (моддаи 16 Қонуни тафсиршаванда);

– огоҳинома дар бораи миқдор (моддаи 18 Қонуни тафсиршаванда);

– тақсимоти квотаҳо (моддаи 19 Қонуни тафсиршаванда);

– манъи савдои хориҷии мол (моддаи 20 Қонуни тафсиршаванда);

– низоми иҷозатдиҳӣ (боби 3 Қонуни тафсиршаванда);

– талаботи махсус (боби 4 Қонуни тафсиршаванда);

– чораҳои махсус дар савдои молҳо (боби 6 Қонуни тафсиршаванда);

Дар баробари ин танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ танҳо дар шаш шакл татбиқ мегардад (муфассал ниг. мод. 8 Қонуни тафсиршаванда):

– муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ;

– таъмини пешбурди сиёсати ягонаи савдо ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати татбиқи он, қабули қарорҳои дахлдор ва таъмини иҷрои онҳо;

– татбиқи чораҳои махсус ҳангоми амалӣ намудани савдои хориҷии молҳо;

– мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва Қонуни мазкур қабул намудани қарорҳо дар бораи ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои миқдории содирот ва воридоти молҳо;

– мутобиқи Қонуни мазкур муқаррар намудани тартиби иҷозатдиҳии содирот ва (ё) воридоти навъҳои алоҳидаи молҳо, инчунин муайян намудани номгӯи молҳои алоҳидае, ки нисбат ба онҳо чунин тартиб истифода мешавад;

– муайян намудани тартиби назорати содирот ва (ё) воридоти навъҳои алоҳидаи мол;

– амалӣ намудани салоҳияти дигари муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ.

Моддаи тафсиршаванда ду соҳаи татбиқи Қонунро пешбинӣ намудааст:

– бевосита худи муносибатҳои соҳаи танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ;

– дигар муносибатҳои «бевосита алоқаманд» ба фаъолияти савдои хориҷӣ марбут, ки қоидаҳои савдои хориҷӣ, равандҳои фаъолияти иқтисоди берунаро танзим менамоянд.

Ба доираи соҳаи дувум фаъолияти гумрукӣ, низоми иҷозатдиҳӣ дар доира ташкилотҳои байналмилалӣ вобаста ба савдои хориҷӣ, чораҳои муҳофизатии иқтисодӣ бо мақсади бартараф намудани зарар ба саноати ватанӣ, гардиши потенсиалии молҳои хатарноки зери назорати байторӣ ва санитарӣ қарордошта, муносибатҳои дипломатӣ ва ғ. дохил мешаванд.

Бояд қайд намоем, ки ҳангоми мавҷуд набудани доираи нишондоди «бевосита алоқаманд» дар Қонун ва дигар меъёрҳои қо-

нунгузорӣ, ки мустақиман ба доираи татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба фаъолияти савдои хориҷӣ робита доранд, хусусияти асосии онро меъёри ҳаволакунанда ба муқаррароти қонун ё ин ки мавҷудияти мафҳумҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор шуморидан мумкин аст.

2. Дар қисми 2 моддаи тафсиршаванда доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ муайян шудааст, ки нисбати онҳо талаботи Қонуни тафсиршаванда татбиқ намегарданд, зеро муносибатҳои ҷамъиятии мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои ба онҳо хос тавассути дигар Қонунҳо ба танзим даровarда мешаванд.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

**Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:**

**– фаъолияти савдои хориҷӣ - ҳама намуди фаъолияти марбут ба интиқоли мол, дигар молу мулки моддӣ, ҳуқуқҳо ё хизматрасонӣ, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар ё дар қаламрави берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад;**

**– субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, ки мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур бо фаъолияти савдои хориҷӣ машғуланд;**

**– шахс - ҳар шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахси воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷии эътирофнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;**

**– мол - ҳар молу мулки моддӣ, ба истиснои қоғазҳои қимматнок, хуҷҷатҳои тиҷоратӣ ё маблағҳои пулӣ, ки барои мубодила ва фурӯш пешбинӣ шудааст;**

**– содирот - баровардани мол аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қаламрави давлати дигар мутобиқи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;**

**– воридот - ворид намудани мол аз қаламрави давлати дигар ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;**

**– транзит - интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар чунин интиқол танҳо аз қисми роҳе амалӣ гардад, ки берун аз ҳудуди қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ва анҷом меёбад;**

**– иҷозатдиҳӣ (ғайриавтоматӣ) - иҷозате, ки барои амалӣ намудани воридот ё содирот шарти пешакӣ буда, дар ҳолатҳои махсус дар асоси аризаи шахси манфиатдор аз мақомоти давлатӣ дар доираи расмиёти маъмурӣ гирифта мешавад:**

**– иҷозатдиҳии автоматӣ - иҷозати воридот ё содирот, ки танҳо барои мақсадҳои маъмурӣ ё оморӣ зарур буда, бидуни истисно дар ҳар ҳолат аз тарафи мақомоти давлатӣ дода мешавад;**

**– ҳузури тиҷоратӣ - ҳар шакли бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатдодашудаи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти дигари иқтисодии шахси хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё бо қонунгузории давлати хориҷӣ иҷозатдодашудаи фаъолияти шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави давлати хориҷӣ бо мақсади савдои мол ё хизматрасонӣ, аз ҷумла бо роҳи таъсиси шахси ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ ё иштирок дар сармояи оинномавии (шариконаи) шахси ҳуқуқӣ;**

**– чораҳои маҳдудкунӣ - ҳамаи навъҳои мамнӯот, маҳдудиятҳои миқдорӣ, боҷҳои махсус (ба ғайр аз боҷҳои гумрукӣ, андозҳои дохилӣ ва хаққи хизматрасонӣ), шартҳо, иҷозатномаҳо, иҷозатҳо ва ё чораҳои дигари аз ҷониби мақомоти давлатҳои дахлдор муқарраргардида, ки хусусияти маҳдудкуниро дар фаъолияти савдои хориҷӣ, ба истиснои регламентҳои техникӣ, дороянд;**

**– маҳдудиятҳои миқдорӣ – дараҷаи интиҳоии арзиши умумӣ ва ё ҳадди ниҳоии молҳои муайяне, ки дар фосилаи муайяни вақт метавонан дсодирот ва ё воридот шаванд, ҳамчунин манъи содирот ва ё воридот;**

**– квота - ҳисса дар арзиш ё миқдори умумии содирот ё воридоти ба шахс ё гурӯҳи шахсон (содироткунандагон ё воридкунандагон) – тақсимшуда;**

**– боҷи зиддидемпингӣ – боҷи махсусе, ки ба воридоти мол ҷиҳати талофии оқибатҳои демпинг муқаррар карда мешавад;**

**– демпинг - воридоти молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархи пасттар аз арзиши аслии онҳо, ки боиси расонидани зарари моддӣ ба саноати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёдшуда мегардад ё хатари расонидани онро дорад ва ё бунёди саноатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас бозмедорад;**

**– арзиши муқаррарӣ – нархи қиёсӣ барои моли шабеҳе, ки дар кишвари содиркунанда дар ҷараёни муқаррарии савдо пешбинӣ шудааст. Агар ин молҳо дар бозори кишвари содироткунанда фурӯхта нашаванд, пас нархи муқаррарӣ нархи болотарини қиёсии моли шабеҳе мебошад, ки барои содирот ба кишвари сеюм бо шароити бозори бо ҳамин шароит дар Тоҷикистон қиёсшаванда пешбинӣ шудааст, ба шарте ки ин нарх намунавӣ бошад ё арзиши истеҳсоли чунин молҳо дар кишвари истеҳсолкунанда ба маблағи қобили қабул барои хароҷоти маъмурӣ, савдо, хароҷоти умумӣ ва барои фоида зиёд карда шуда бошад;**

**– боҷи ҷубронӣ– боҷи махсусе, ки ба воридоти молҳо бо мақсади рафъи оқибатҳои ҳар як субсидияи дар кишвари истеҳсолкунанда ё содиркунанда мустақиман ё ба таври ғайримустақим барои истеҳсол ё содироти чунин молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда муқаррар карда мешавад;**

**– мусоидати молиявӣ (субсидия)–ҳар саҳми мустақим ё ғайрмустақими молиявӣ ё саҳми дигари ҳукумати кишвари истеҳсол ё содиркунанда ва ё мақомоти он, ки тавассути он ба истеҳсолкунанда ё содиркунанда бартарият дода мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки саҳми молиявии мазкур субсидияе бошад, ки барои андешидани тадбирҳо мутобиқи муқаррароти созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо асос нагардад;**

**– саноати ватанӣ– истеҳсолкунандагони молҳои шабеҳи ватанӣ дар маҷмӯъ ё он истеҳсолкунандагоне, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли молҳои мазкури онҳо қисми асосии ҳамаи ин молҳои истеҳсоли ватаниро ташкил медиҳад;**

**– молҳои шабеҳ– маҳсулоте, ки аз ҳар лиҳоз бо маҳсулоти баррасишаванда айнияти комил доранд, яъне шабеҳ мебошанд ва ё дар сурати набудани чунин маҳсулот, маҳсулоти дигар, гарчанде аз ҳар лиҳоз шабеҳ набошанд  ҳам, хусусиятҳои хеле монанд ба хусусиятҳои маҳсулоти баррасишавандаро доранд;**

**– истеҳсоли ватанӣ– истеҳсолкунандагони молҳои айниятдошта, шабеҳ ё бевосита рақобаткунанда, ки маҳсулоти умумии онҳо ҳиссаи назарраси ҳаҷми умумии истеҳсоли ватании чунин маҳсулотро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунад;**

**– зарари ҷиддӣ– бадшавии умумии назарраси вазъи истеҳсоли ватанӣ.**

Дар моддаи тафсиршаванда мафҳумҳои бештар муҳим, ки дар Қонун мавриди истифода қарор гирифтаанд, пешбинӣ шудаанд. Талаботи умумие, ки ба фаҳмо, ҳаммаъно будани мафҳумҳои асосӣ пешбинӣ мегардад, аз муқаррароти қисми 3 моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26 марти соли 2009 бармеояд. Мафҳумҳои асосӣ имкон медиҳанд, ки меъёрҳои Қонуни мазкур дақиқ, дуруст ва бечунучаро татбиқ карда шаванд.

Аввалин мафҳуми калидӣ, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст, мафҳуми «фаъолияти савдои хориҷӣ» аст. Фаъолияти савдои хориҷӣ ҳамчун як намуди фаъолияти соҳибкорӣ дониста мешавад, ки дар ҷараёни амалисозии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ба вуҷуд меояд. Фаъолияти мазкур ба интиқоли мол, дигар молу мулки моддӣ, ҳуқуқҳо ё хизматрасонӣ, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ ё дар қаламрави берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, марбут аст. Қонунгузор соҳибкориро ҳамчун фаъолияти  мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае пешбинӣ менамояд, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ равонакарда шудааст (қисми 3 моддаи 1 қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Фаъолияти мазкур натанҳо тавассути истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, балки истеҳсоли [3] он низ пешбинӣ гардидааст (моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 26 июли соли 2014, № 1107). Соҳибкороне, ки дар фаъолияти савдои хориҷӣ ширкат менамоянд, мубодилаи молҳо, кор, хизматрасонӣ, иттилооот ва моликияти зеҳниро натанҳо дар дохил, балки берун аз он дар сатҳи байналмилалӣ амалӣ менамоянд, фаъолияти савдои хориҷӣ дар ду шакл ба роҳ монда мешавад:

1. Содирот;

2. Воридоти молҳо, кор, хизматрасонӣ, иттилооот ва моликияти зеҳнӣ.

Ба ибораи дигар фаъолияти савдои хориҷӣ ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти

иқтисодии хориҷӣ дар радифи фаъолияти сармоягузории хориҷӣ, истеҳсолоти муштараки байналмилалӣ, ҳамкории байналмилалии илмӣ-техникӣ, амалиётҳои байналмилалии асъорӣ, қарздиҳӣ-молиявӣ қарор гирифтааст.

Дар Қонуни мазкур инчунин мафҳуми субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ пешбинӣ гардидааст. Қонунгузор доираи субъектҳои мазкурро дар фарқият аз субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки яке аз шарти асосии баҳамин сифат эътироф гардидани онҳо бақайдгирӣ аст, васеътар пешбинӣ менамояд. Ба ҳайси субъектони фаъолияти савдои хориҷӣ дар баробари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, ки мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур ба фаъолияти савдои хориҷӣ машғуланд, эътироф карда мешаванд. Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ дар нисбати шахсони хориҷӣ ба маънои васеъ истилоҳи “субъекти хоҷагидори хориҷӣ” истифода мегардад [4]. Истилоҳи мазкур фарогири фаъолияти савдои хориҷӣ низ буда, барои ба ҳамин сифат эътироф гардидан ва муайян намудани мансубияти шахсони хориҷӣ ба ҳайси субъектони фаъолияти савдои хориҷӣ дар Тоҷикистон маҳакҳои гуногун, ки дар шартномаҳои байналмилалии дуҷониба, аз ҷумла, шартномаҳо оид ба сармоягузорӣ пешбинигардида ва муқаррароти қонунгузории шаҳрвандӣ, андоз ва асъор ба инобат гирифта мешавад [4, с. 41]. Ба ҳар сурат, шарти муҳими ба ҳайси субъекти фаъолияти савдои хориҷӣ баромад намудани шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ,ба қайд гирифтани онҳо ба сифати соҳибкори инфиродӣ ё, ки соҳибкори дастҷамъӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Дар баробари мафҳуми “субъектони фаъолияти савдои хориҷӣ” дар Қонуни мазкур мафҳуми “шахс” ба маънои васеъ, ки шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқиро дарбар мегирад, пешбинӣ гардидааст. Бояд зикр намуд, ки ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти савдои хориҷӣ ду гурӯҳи ба ҳам наздики шахсон, яъне шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқии ватанӣ ва шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ иштирок менамоянд. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми “шаҳрвандон” ва “шахсони воқеӣ” ҳаммаъно пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, мутобиқи моддаи 17 қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мафҳуми шаҳрвандон (шахсони воқеӣ) шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои дигар, инчунин шахсони бешаҳрвандӣ фаҳмида мешавад. Дар як қатор қонунҳо, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи занбӯриасалпарварӣ” аз 16 апрели соли 2012, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ” аз 19 марти соли 2013 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” аз 13 июни соли 2013 танҳо истилоҳи “шахсони воқеӣ” мавриди истифода қарор дода шудааст.

Мафҳуми шахси ҳуқуқӣ дар қонунгузории шаҳрвандӣ оварда шудааст. Мутобиқи қисми 1 моддаи 48 қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери мафҳуми “шахси ҳуқуқӣ” ташкилоте дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад. Инчунин, тақозо мегардад, ки шахси ҳуқуқӣ тавозун ё сметаи мустақил дошта бошад. Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон ду гурӯҳи ташкилотҳо: тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро ҷудо менамоянд, ки ба фаъолияти савдои хориҷӣ низ метавонанд робита дошта бошанд.

Ҳарчанд ки дар қонунгузорӣ мафҳуми “шахс”якзайл набошад ҳам, дар зери ин мафҳум ягонагии ду мафҳуми мустақим, яъне шахсони воқеӣ ва шахсони хукуқиро фаҳмидан мумкин аст. Аз ин рӯ, ҳангоми татбиқи Қонуни мазкур мафҳуми “шахс” дар сатҳи дохилӣ ва хориҷӣ гузошта мешавад. Иштирокчии фаъолияти савдои хориҷӣ, ки ба он шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқии ватанӣ дохил мешаванд, фаҳмида мешаванд:

– шахсони воқеие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи ҷойи истиқомати доимӣ (суроғае, ки дар он ҷой шахси воқеӣ ба қайд гирифта шудааст), суроғаи ҷойи истиқомати муваққатӣ ва маҳалли анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд;

– шахсони ҳуқуқие, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ (роҳбари шахси ҳуқуқӣ) ба қайд гирифта шудаанд [5].

Шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқии ватанӣ, ки минбаъд хостори гирифтани мақоми иштирокчии фаъолияти савдои хориҷӣ мешаванд, қабл аз ҳама бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳибкор ба қайд гирифта шаванд. Талабот оид ба бақайдгирӣ, аз ҷумла, бақайдгирии шахсони воқеӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ яке аз талаботҳои муҳимест, ки дар қонунгузории граждании ва қонунгузории андоз муайян гардидааст.

Фаъолияти савдои хориҷии шахсони воқеӣ мутобиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд [6], ба низом дароварда шудааст. Шарт гузошта мешавад, ки ба истиснои воридот ва содироти молҳои ниёзи мардум ба маблағи то 500 ҳазор сомонӣ фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, дар фарқият аз дигар намудҳои фаъолият, ки тибқи патент ба роҳ монда мешаванд, дар асоси шаҳодатнома амалӣ гардад (банди “б)” қисми 28 Қоидаҳои зикргардида).

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, қонунгузории андоз ва қонунгузории танзими асъор, мафҳумҳои “резидент”, “ғайрирезидент” пешбинӣ мегарданд, ки дар таносуб бо мафҳуми “шахс” қарор доранд. Мафҳумҳои зикргардида танҳо бо мақсади андозбандӣ арзёбӣ мешаванд, гарчанде, ки дар фаъолияти савдои хориҷӣ ба онҳо рӯ оварда мешавад.

Ба шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ки фаъолияти савдои хориҷиро пеш мебаранд, дохил мешаванд:

1. Шахсони ҳуқуқӣ ва ташкилотҳое, ки дар дигар шакли ҳуқуқӣ ташкил гардида, қобилияти ҳуқуқдории гражданиашон тибқи ҳуқуқи кишвари хориҷие муқаррар карда мешавад, ки дар он ҷой таъсис ёфтаанд. Ба қонунгузор дар ин маврид, албатта зарур аст, ки тафовутеро, ки вобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки байни низоми ҳуқуқии кишварҳои дунё мавҷуд аст, мадди назар нанамояд;

2. Шахсони воқеии хориҷӣ, аз ҷумла:

– шаҳрвандони хориҷӣ, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкуниашон бо ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки шаҳрвандии онро доранд;

– шахсони бешаҳрвандӣ, ки қобилияти амалкуниашон бо ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки дар ҷойи зисти доимӣ доранд.

Боиси зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ вобаста ба ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва мурофиавии онҳо дар санадҳои меъёрӣ, аз ҷумла, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин муайян карда мешавад:

– Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 16);

– Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (моддаи 14, ки дар он мафҳумҳои “шаҳрвандии дигар” “шаҳрванди хориҷӣ” ва “шахси бешаҳрванд” пешбинӣ гардидааст);

– Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисмҳои 1 ва 2 аз 30 июни соли 1999, қисми 3 аз 1 марти соли 2005;

– Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 3, 7 ва 31) аз 13 ноябри соли 1998;

– Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон (боби 3) аз 28 декабри соли 2012;

– Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (моддаҳои 14,26,31, боби 28 ва ғ.);

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 1 феврали соли 1996;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” (моддаҳои 4,13 ва 35) аз 13 декабри соли 1997;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» (моддаи 1) аз 3 сентябри соли 1999;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» (моддаи 30) аз 6 августи соли 2001;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти хусусии тиббӣ» (моддаҳои 2 ва 5) аз 2 декабри соли 2002;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» (моддаи 1) аз 1 августи соли 2003;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” аз 2 августи соли 2011;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати содирот” аз 31 декабри 2014 сол ва ғ.

Мафҳуми дигаре, ки дар Қонуни тафсиршаванда мавриди истифода қарор гирифта-

аст, мафҳуми “мол” аст. Ба сифати мол дар Қонуни мазкур ҳамагуна предмети фаъолияти савдои хориҷӣ, намудҳои молу мулки манқул ва ашёе, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба молу мулки ғайриманқул мансубанд, дохил карда мешаванд. Дар қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми мазкур васеътар пешбинӣ мегардад. Тибқи муқаррароти моддаи 10 Кодекси гумуруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати мол ҳама гуна амволи манқули ҳам ба мақсадҳои тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда, инчунин воситаҳои нақлиёти марбут ба амволи ғайриманқул, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд, фаҳмида мешавад. Яке аз масъалаи муҳиме, ки дар ин робита дар қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, гузоштани фарқият байни мол ва гурӯҳи дахлдори воситаҳои нақлиёт аст. Воситаҳои нақлиёт, аз ҷумла, ҳама гуна киштии дарёӣ (аз ҷумла лихтерҳои худгард ва ғайрихудгард, баржаҳо, инчунин киштиҳои болдор), киштиҳои дорои болиштҳои пурбод, тайёраҳо, нақлиёти автомобилӣ (аз ҷумла ядакҳо, нимядакҳо, воситаҳои нақлиёти омехта) ё воҳиди ҳаракаткунандаи роҳи оҳанро дарбар мегирад, ки барои ҳамлу нақли байналмилалии интиқоли пулакии шахсон ё ҳамлу нақли пулакӣ ва ройгони бори саноатӣ ва тиҷоратӣ истифода мешаванд, инчунин қисмҳои эҳтиётии штатӣ, олот ва таҷҳизот, сӯзишворию равғанҳои молидании дар бакҳои штатӣ мавҷуда, агар онҳо якҷоя бо воситаҳои нақлиёт интиқол дода шаванд, ба ҳайси мол бо мақсади пардохти гумрукӣ эътироф намегарданд. Гурӯҳбандии молҳо якранг нест. Ба он молҳои ватанӣ, моли хориҷӣ ва моли зери назорати гумрукӣ қарордоштаро шомил менамоянд. Ҳамин тавр, муқаррар мегардад, ки ба предмети фаъолияти савдои хориҷӣ ашёҳои манқул ва ғайриманқул, ба истиснои воситаҳои нақлиёт барои ҳамлу нақли байналмилалии интиқоли пулакии шахсон ё ҳамлу нақли пулакӣ ва ройгони бори саноатӣ ва тиҷоратӣ истифодашаванда ва қоғазҳои қимматнок, ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ё маблағҳои пулии барои мубодила ва фурӯш пешбинишуда, дохил мешаванд.

Дар меъёри тафсиршаванда мафҳуми “содирот” тариқи умум пешбинӣ мегардад, ки ҳамчун ҷараёни баровардани мол аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қаламрави давлати дигар мутобиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мегардад. Мафҳуми мазкур асосан ба меъёрҳои қонунгузории гумрукӣ ҳавола менамояд. Дар қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, мафҳуми “содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳамчун пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ё анҷом додани амалҳои ки мустақиман ба содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт, инчунин дигар амалҳое, ки мувофиқи ҳамин Кодекс барои мол ва воситаҳои нақлиёт то замони интиқоли ҳақиқии онҳо аз сарҳади гумрукӣ пешбинӣ шудааст. Ба амалҳое, ки мустақиман ба содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, амали дохил шудани (вуруди) шахси воқеии аз Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷшаванда ба минтақаи назорати гумрукӣ, ворид шудани воситаҳои нақлиёт ба нуқтаи гузаргоҳ аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баровардани он аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоридани мол ба ташкилотҳои нақлиётӣ ва (ё) муросилоти байналмилалӣ тавассути ташкилотҳои (муассисаҳои) алоқаи почта барои ирсол берун аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амали шахс ҷиҳати бо мол ва воситаҳои нақлиёт мустақиман баромадан аз сарҳади гумрукӣ берун аз маҳалҳое, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд, ба ҳисоб меравад (моддаи 10 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Воридот дар меъёри тафсиршаванда ҳамчун ҷараёни ворид намудани мол аз қаламрави давлати дигар мутобиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мегардад. Дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми воридоти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон возеҳу равшан ҳамчун интиқоли воқеии мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ба қаламрави гумрукӣ ва ҳамаи дигар амалҳои мувофиқи ҳамин Кодекс пешбинишуда бо мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт то замони иҷозати онҳо аз ҷониби мақомоти гумрукӣ ифода меёбад. Аз ин бармеояд, ки шарти муҳими ба ҳайси воридот эътироф гардидани ин ё он амалиёти молӣ ё воситаҳои нақлиётии интиқоли воқеӣ ва гирифтани иҷозати дахлдор аз ҷониби мақомоти гумрук аст.

Мафҳуми дигаре, ки дар меъёри тафсиршаванда пешбинӣ мегардад, “транзит” [7],

яъне интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, агар чунин интиқол танҳо аз қисми роҳе амалӣ гардад, ки берун аз ҳудуди қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ва анҷом меёбад.

Ҳамчунин дар Қонуни мазкур ду мафҳуми ба ҳам алоқаманд, иҷозатдиҳӣ (ғайриавтоматӣ) ва иҷозатдиҳии автоматӣ пешбинӣ мегардад. Дар ҳар ду ҳолати зикргардида иҷозат барои амалӣ намудани воридот ва ё содироти мол аз ҷониби мақомоти давлатӣ дода мешавад. Ҳангоми додани иҷозати ғайриавтоматӣ, ки шарти пешакӣ аст, дар ҳолатҳои махсус дар асоси аризаи шахси манфиатдор аз мақомоти давлатӣ дар доираи расмиёти маъмурӣ иҷозат гирифта мешавад. Баръакс, шартҳои иҷозати автоматӣ сабуктар буда, танҳо барои мақсадҳои маъмурӣ ё оморӣ зарур дониста шуда, бидуни истисно дар ҳар ҳолат аз тарафи мақомоти давлатӣ дода мешавад.

Дигар мафҳуме, ки дар Қонуни мазкур истифода гардидааст, мафҳуми "ҳузури тиҷоратӣ" аст. Ҳузури тиҷоратӣ ба ташкили фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд аст. Мафҳуми мазкур дар Созишномаи умумӣ оид ба савдои хизматрасониҳо ҳамагуна навъи фаъолияти соҳибкорӣ (ё ки касбӣ), аз ҷумла, миёнаравие фаҳмида мешавад, ки дар ҳудуди кишвари узви СУС бо мақсади расонидани хизмат амалӣ карда мешавад. Он ҳамчун яке аз воситаҳои паҳнгардидаи расонидани хизмат эътироф гардида, тавассути ба даст овардани муассиса, таъсис ё нигоҳ доштани ширкат дар ҳудуди дигар давлат бо мақсади истеҳсолот ва расонидани хизмат, инчунин истифода ё созмон додани филиалу намояндагӣ фаҳмида мешавад. Маҳз ҳамин усул имрӯзҳо дар тамоми дунё паҳн гардида, дар бозори хизматрасонии умумиҷаҳонӣ дар масири сармоягузории бевосита қарор дорад.

Яке аз хусусиятҳои фарққунанда мафҳуми ҳузури тиҷоратии ватанӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ имкони муайян карданиқарорҳои шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба омилҳои зерин дода мешавад:

– вобаста ба иштироки афзалиятнок дар сармояи оинномавӣ;

– вобаста ба шартномаи байни онҳо басташуда;

– вобаста ба дигар омилҳо.

Тартиби ҳузури тиҷоратии сармоягузорони хориҷӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 12 майи соли 2007 муайян карда мешавад. Инчунин ҳузури тиҷоратӣ дар Созишномаи умумӣ оид ба савдои хизматрасониҳо ҳамчун яке аз чаҳор воситаи расонидани хизмат, ки тавассути кушодани филиал дар кишвари воридкунанда амалӣ мегардад, дониста мешавад [7, с. 8].

Ҳамин тавр, ҳузури тиҷоратӣ ҳар шакли бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатдодашудаи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти дигари иқтисодии шахси хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё бо қонунгузории давлати хориҷӣ иҷозатдодашудаи фаъолияти шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави давлати хориҷӣ аст, ки бо мақсади савдои мол ё хизматрасонӣ, аз ҷумла бо роҳи таъсиси шахси ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ ё иштирок дар сармояи оинномавии (шариконаи) шахси ҳуқуқӣ амалӣ гардонида мешавад.

Чораҳои маҳдудкунӣ мафҳуми дигарест, ки дар Қонуни мазкур ба таври миқдорӣ ва махсус татбиқ карда мешаванд. Дар зери мафҳуми мазкур ҳамаи навъҳои мамнуият, маҳдудиятҳои микдорӣ, боҷҳои махсус (ба ғайр аз боҷҳои гумрукӣ, андозҳои дохилӣ ва хаққи хизматрасонӣ), шартхо, иҷозатномаҳо, иҷозатҳо ва ё ҷораҳои дигари аз ҷониби мақомоти давлатҳои дахлдор муқаррargардидае-фаҳмида мешавад, ки хусусияти маҳдудкуниро дар фаъолияти савдои хориҷӣ ба истисноi регламентҳои техникӣ дорад.

Мафҳуми маҳдудиятҳои миқдорӣ дар Қонуни мазкур ҳамчун дараҷаи интиҳоии арзиши умумӣ ва ё ҳадди ниҳоии молҳои муайяне, ки дар фосилаи муайяни вақт метавонанд содирот ва ё воридот шаванд, ҳамчунин манъи содирот ва ё воридоти молҳои мазкур пешбинӣ мегардад.

Квота [9] мафҳуми дигарест, ки дар Қонуни мазкур ҳамчун ҳисса дар арзиш ё миқдори умумии содирот ё воридотӣ ба шахс ё гурӯҳи шахсон (содиркунандагон ё воридкунандагон)тақсимшуда пешбинӣ мегардад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ тариқи оммавӣ квотаҳоро дар фаъолияти савдои хориҷӣ нисбати молҳо, хизматрасониҳо, давлат ва ё давлатҳо (иттиҳоди давлатҳо) муқаррар менамоянд. Намудҳои квотаҳо ба мисли мутлақ,

муҳоҷиратӣ, андозӣ ва амонатӣ маълум аст. Мақсад аз ҷорӣ намудани квота, масалан, квотаи воридотӣ, муқаррар намудани маҳдудиятҳо, ё ин ки ҳадди ниҳоии арзиш, ҳаҷми молҳо аст, ки аз хориҷа оварда мешавад. Чораи мазкур ба ҳифзи истеҳсолкунандаи ватанӣ нигаронида шуда, хусусияти пешгирикунандаро доро аст. Квотаи воридотӣ имкон медиҳад, ки маснуоти пастсифату арзон ба ин ё он кишвар камтар ворид карда шаванд. Аз мазмуни мафҳуми мазкур бармеояд, ки он танҳо ба квотаи воридотӣ ва содиротӣ дахл дорад.

Боҷи зиддидемпингӣ баръакси демпинг аст. Аз мафҳуми мазкур бармеояд, ки он махсус нисбати воридоти мол ҷиҳати талофӣ намудани оқибатҳои демпинг равона карда мешавад. Он ҳамчун чораи махсус дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот ба муҳлати муайян аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ карда мешавад. Боҷи зиддидемпингӣ то бартараф намудани зарари ҷиддӣ, ки дар натиҷаи воридоти демпингӣ ба истеҳсолкунандаи ватанӣ расонида шудааст, амал менамояд.

Демпинг шакли рақобати бевиҷдонона аст, ки ҳамчун зуҳуроти номатлуб пайгирӣ карда мешавад. Бар зидди демпинг дар сатҳи қонунгузории дохилӣ ва байналмилалии кишварҳо мубориза бурда мешавад. Барои он ки воридоти мол ҳамчун демпинг муайян карда шавад, ду бузургӣ, яъне арзиши содиротии мол ва нархи муқаррарии он дар кишвари содиркунанда муқоиса карда мешавад. Дар заминаи муқоисаи мазкур маржаи демпингӣ ба вуҷуд меояд. Шарти асосии демпинг эътироф гардидан расонидани зарар ё таҳдид ба расонидани он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан соҳаи саноат аст, ки дар натиҷаи бо нархи пасттар аз арзиши аслии онҳо ворид намудани молҳо ба вуҷуд меояд.

Дар Қонун мафҳуми «арзиши муқаррарӣ», ки тобиши иқтисодӣ низ дорад, пешбинӣ гардидааст.Он ҳамчун нархи қиёсӣ барои моли шабеҳе, ки дар кишвари содиркунанда дар ҷараёни муқаррарии савдо пешбинӣ шудааст, муайян гардидааст. Агар ин молҳо дар бозори кишвари содиркунанда фурӯхта нашаванд, пас нархи муқарраррӣ нархи болотарини қиёсии моли шабеҳе аст, ки барои содир ба кишвари сеюми бо шароити бозори бо ҳамин шароити дар Тоҷикистон қиёсшаванда пешбинӣ шудааст, ба шарте ки ин нарх намунавӣ бошад ё арзиши истеҳсоли чунин молҳо дар кишвари истеҳсолкунанда ба маблағи қобили қабул барои хароҷоти маъмурӣ, савдо, хароҷоти умумӣ ва барои фоида зиёд карда шуда бошад.

Дар баробари мафҳуми боҷи зиддидемпингӣ мафҳуми “боҷи ҷубронӣ” дар Қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст. Боҷи мазкур низ ҳамчун боҷи махсусе, ки ба воридоти молҳо  бо мақсади рафъи оқибатҳои ҳар як субсидияи дар кишвари истеҳсолкунанда ё содиркунанда мустақиман ё ба таври ғайримустақим барои истеҳсол ё содироти чунин молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда муқаррар карда мешавад, пешбинӣ мегардад. Тартиби ситонидани боҷи ҷуброниро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Мусоидати молиявӣ (субсидия) [10] мафҳумест, ки дар Қонуни мазкур бо мақсадҳои танзимнамоӣ истифода гардидааст. Дар зери мафҳуми мазкур ҳар саҳми мустақим ё ғайримустақими молиявӣ ё саҳми дигари ҳукумати кишвари истеҳсол ё содиркунанда ва ё мақомоти он фаҳмида мешавад, ки тавассути он ба истеҳсолкунанда ё содиркунанда бартарият дода мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки саҳми молиявии мазкур субсидияе бошад, ки барои андешидани тадбирҳо мутобиқи муқаррароти созишномаҳои СУС асос нагардад.

Тибқи муқаррароти моддаи 1 Созишнома оид ба субсидия ва чораҳои ҷубронӣ, ки дар доираи СУС баста шудааст, якчанд шартҳо муайян гардидаанд, ки барои субсидия эътироф гардидани ҳаракатҳои ҳукуматҳои кишварҳои узв асос мегарданд. Барои мисол, дар ҳолати пешниҳоди молҳо ва хизматрасониҳо ба ҷузъ аз инфрасохтори умумӣ ё ин ки харидори намудани онҳо, ки аз ҷониби ҳукуматҳои кишварҳои узви СУС анҷом мепазирад, субсидия эътироф мегардад. Ба ҳамин монанд додани дотатсияҳо, қарзҳои имтиёзнок, имтиёзҳои андоз ва кафолатҳои давлатӣ ба иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ субсидия дониста мешавад.

Дар Қонуни мазкур мафҳуми «саноати ватанӣ» бори аввал пешбинӣ гардидааст, ки истеҳсолкунандагони молҳои шабеҳи ватанӣ дар маҷмӯъ ё истеҳсолкунандагонеро дарбар мегирад, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли молҳои онҳо қисми асосии ҳамаи молҳои истеҳсоли ватаниро ташкил медиҳад. Ба мафҳуми маз-

кур асосан як соҳаи иқтисодиёт, яъне саноат дахл дорад, ки дар шаклҳои гуногуни саноати вазнин, сабук ё ин ки саноати хӯрокворӣ зуҳур меёбад.

Дар зери мафҳуми "молҳои шабеҳ" қонунгузор маҳсулотеро пешбинӣ намудааст, ки дар муомилоти фаъолияти савдои хориҷӣ қарор дошта, аз ҳар лиҳоз бо маҳсулоти баррасишаванда айнияти комил доранд, яъне шабеҳ мебошанд ва ё дар сурати набудани чунин маҳсулот, маҳсулоти дигар, гарчанде аз ҳар лихоз шабеҳ набошанд ҳам, хусусиятҳои хеле монанд ба хусусиятҳои маҳсулоти баррасишавандаро доранд. Шабеҳияти молҳоро аз рӯи модел, тамға, хел, артикул ва ғайра муайян намудан мумкин аст (моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004).

Мафҳуми «истеҳсоли ватанӣ» истеҳсолкунандагони молҳои айниятдошта, шабеҳ ё бевосита рақобаткунанда, ки маҳсулоти умумии онҳо, ки ҳиссаи назарраси ҳаҷми умумии истеҳсоли ватании чунин маҳсулотро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунад, дарбар гирифтааст.

Зарари ҷиддӣ мафҳуми абстрактиест, ки ҳамчун бадшавии умумии назарраси вазъи истеҳсоли ватанӣ муаррифӣ мегардад. Яке аз шартҳои муайян намудани он гузаронидани таҳқиқот аст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ин мафҳум васеътар пешбинӣ гардида, ҳамчун бадшавии назарраси соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, ки бо далелҳо тасдиқ гардидааст ва дар натиҷаи зиёд гаштани воридоти молҳои дар рақобат қарордошта, ё ин, ки воридоти демпингии молҳо аз ҷониби кишварҳои (иттиҳоди кишварҳои) хориҷии субсидиякунандаи молҳои воридотӣ, ки ба ҳудуди гумрукӣ ворид шудаанд, ба миён омадааст, фаҳмида мешавад [11, с. 230]. Ҳамзамон, зарари ҷиддӣ дар ин робита дар тағйирёбии нишондодҳои зерин ифода меёбад:

– дар ихтисори ҳаҷми истеҳсоли молҳо, фурӯши он дар бозори дохилӣ;

– паст гардидани фоиданокии истеҳсоли молҳо;

– суст гаштани рушди соҳаи иқтисодӣ;

– таъсири манфӣ ба захираҳои молҳо, таъминот бо кор, сатҳи музди маош;

– фаъолии умумии сармоягузорӣ ва дигар нишондодҳо.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ**

**Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон иборат мебошад.**

Дар моддаи тафсиршаванда сухан на танҳо дар бораи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ, балки дар бораи дигар сарчашмаҳои танзими ҳуқуқӣ, махсусан дар бораи принсипу меъёрҳои маъмули ҳуқуқи байналмилалӣ низ меравад. Бинобар ин, дар моддаи 3 қонунгузор базаи (асосҳои) меъёрӣ-ҳуқуқиро баён кардааст, ки фаъолияти савдои хориҷиро танзим менамояд, яъне фаъолияти соҳибкориро дар самти мубодилаи байналмилалии молҳо, корҳо, хизматҳо, иттилоот, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ.

Дар ин сершумории меъёрӣ – ҳуқуқӣ дар қатори қонунгузории дохилӣ ҷойи махсусро сарчашмаҳои гуногуне, ки табиати ҳуқуқии байналмилалӣ доранд, ишғол мекунанд, ки бо хусусияти предмети танзими ҳуқуқӣ баён карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, санади асосии банизомдароварандаи қонунгузорӣ Қонуни тафсиршаванда – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» мебошад.

Ба ғайр аз он, бисёр муқаррароти қонунгузорӣ, ки ба танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ дахл доранд, дар қонунҳои гуногун ҷой дода шудаанд ва предмети онҳо бо масъалаҳои савдои хориҷӣ мустақиман (бевосита) ё ғайримустақиман (бавосита) алоқаманд аст. Чунин меъёрҳоро, масалан дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» ва ғайраҳо пайдо кардан мумкин аст.

Хусусияти танзими ҳуқуқии фаъолияти савдои хориҷӣ дар ҳудудҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» муайян карда мешаванд.

Ҷойи махсусро дар низоми танзими ҳуқуқии фаъолияти савдои хориҷӣ меъёрҳои хусусияти ҳуқуқии байналмилалидошта ишғол менамоянд:

– меъёру принсипҳои маъмули ҳуқуқи байналмилалӣ;

– шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар иерархияи сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти савдои хориҷӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар муқоиса бо санадҳои қонунгузории дохилӣ эътибори афзалиятнок доранд, ки ин дар моддаи 10 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст: «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти савдои хориҷӣ мебошанд, метавонанд ҳам бисёртарафа (масалан, Созишнома оид ба номенклатураи ягонаи молии фаъолияти савдои хориҷии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 03.11.1995) ва ҳам дутарафа (масалан, Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар хусуси тартиби ягонаи танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз 12.02.1997) бошанд.

Тартиби бастан, иҷро кардан ва қатъи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда шудааст.

**Моддаи 4. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ**

**Агар дар санади ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба меъёрҳои дар Қонуни мазкур дарҷгардида меъёрҳои дигар муқаррар шуда бошанд, пас меъёрҳои санади ҳуқуқии байналмилалӣ истифода мешаванд.**

Қайд кардан бамаврид аст, ки масъалаи мазкурро моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ танзим менамояд. Аз ҷумла дар он гуфта мешавад: «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд».

Сарчашмаҳои берунии (хориҷии) танзими ҳуқуқии фаъолияти савдои хориҷӣ, ин шартномаю созишномаҳои байналмилалӣ мебошанд.

Ба созишномаҳои байналмилалӣ Конвенсия «Дар бораи лизинги байнидавлатӣ», Конвенсияи байналмилалӣ «Оид ба соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ» ва ғайраҳо мансубанд.

Дар қатори созишномаҳои байналмилалӣ нақши хеле калонро ҳангоми танзими муносибатҳое, ки оид ба амалӣ намудани фаъолияти савдои хориҷӣ ба вуҷуд меоянд, урфу одатҳои байналмилалӣ мебозанд. Ин қоидаҳо аз ҷониби ташкилотҳои ғайриҳукуматии байналмилалӣ, асосан аз ҷониби Палатаи Байналмилалии Савдо таҳия гардидаанд. Санадҳои мазкур LEX MERCATORIA низ номида мешаванд. Дар байни қоидаҳои мазкур аз ҳама бештар маълум ва муҳимаш ИНКОТЕРМС – Қоидаҳои Байналмилалии маънидодкунии истилоҳҳои тиҷоратии байналмилалӣ (INTERNATIONAL COMMERCIAL TERMS) мебошанд. Ин Қоидаҳо вариантҳои (моделҳои) гуногуни шартномаи хариду фурӯши байналмилалии молҳоро бо дарназардошти амалияи (таҷрибаи) тиҷоратии байналмилалӣ муқаррар менамоянд. Ҳамчунин ба қоидаҳо – урфу одатҳои байналмилалӣ инҳоро мансуб донистан мумкин аст:

– Қоидаҳо ва урфу одатҳои якхела (унификатсия) кардашуда барои аккредитивҳои ҳуҷҷатнок кардашуда;

– Қоидаҳои якхела (унификатсия) кардашуда оид ба инкассо.

**Моддаи 5. Принсипҳои асосии танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ**

**Принсипҳои асосии танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ инҳо мебошанд:**

**– ягонагии сиёсати савдои хориҷӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;**

**– ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ аз тарафи давлат;**

**– баробарӣ ва поймол накардани ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ;**

**– ягонагии қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ;**

**– интихоби чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, ки барои иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ ба он андозае вазнин набошанд, ки ҷиҳати таъмини ноилшавии самаранок ба мақсадҳое, ки барои амалӣ намудани онҳо андешидани тадбирҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ лозим аст, зарур мебошанд;**

**– ошкорбаёнӣ зимни таҳия, қабул ва истифодаи чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ;**

**– истиснои дахолати беасоси давлат ё мақомоти он ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва расонидани зарар ба субъектҳои фаъолияти савдоихориҷӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;**

**– масъулияти мутақобилаи давлат ва субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ.**

Дар моддаи тафсиршавандаи Қонун принсипҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти савдои хориҷӣ дарҷ гардидаанд. Принсипҳо асосҳои ибтидоиро дар механизми танзими ҳуқуқӣ ифода менамоянд. Дар байни принсипҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ принсипҳои умумӣ (эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, қонуният, баробарии ҳуқуқӣ ва ҳифзи судии ҳуқуқҳои субъективӣ ва ғайра) ва махсусро қайд менамоянд. Принсипҳои махсус сабти худро дар моддаи 5-и Қонуни тафсиршаванда ёфтаанд.

1. Ягонагии сиёсати савдои хориҷӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сиёсати савдои хориҷӣ қисми сиёсати хориҷӣ – самти умумии давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Сиёсати савдои хориҷӣ ба мақсадҳо ва талаботи сиёсати хориҷии давлат тобеъ аст ва хилофи он буда наметавонад. Ин зарурати мувофиқа кардани қарорҳои мушаххасро дар самти савдои хориҷӣ бо нишондодҳои умумии сиёсати хориҷӣ дар назар дорад.

2. Ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ аз тарафи давлат.

Давлат ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиеро, ки дар фаъолияти савдои хориҷӣ иштирок менамоянд, таъмин мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷиро кафолат медиҳад. Қайд кардан зарур аст, ки дар сурати аз ҷониби мақомоти давлатӣ қабул гардидани санадҳое, ки ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти савдои хориҷиро вайрон мекунанд, зарари ба онҳо расонидашуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон бе тариқи судӣ аз ҷониби ин мақомот ҷуброн карда мешавад.

3. Баробарӣ ва поймол накардани ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ.

Ин принсип бо принсипи конститутсионии баробарии ҳуқуқӣ (м. 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ) зич алоқаманд аст.

Бояд қайд кард, ки принсипи конститутсионии баробарии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавҷудияти ҳуқуқҳои махсус, имтиёзҳо ва афзалиятҳоро барои категорияи алоҳидаи шахсон истисно намекунад. Дар ҳолати мазкур мувофиқати принсипҳои баробарӣ ва адолат дар асоси дар қонунгузорӣ ба назар гирифтани фарқиятҳои табиӣ ва иҷтимоии категорияи алоҳидаи шахсон аён аст.

Давлат набояд ҳуқуқи иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷиро поймол намояд, яъне барои як гурӯҳи субъектон нисбати дигар субъектҳо барои фаъолияти савдои хориҷӣ шароити бадтар фароҳам орад.

4. Ягонагии қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ.

Бо мафҳуми «қаламрави гумрукӣ» қаламраверо ишорат менамоянд, ки дар он дар ҳаҷми пурра қонунгузории гумрукии мамлакати мазкур амал мекунад.

Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо тарзи зерин муайян менамояд:

– Қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қаламрави ягонаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

– Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷойгир бошанд, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда, қисми минтақаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Моли дар қаламрави минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷойгиршуда бо мақсади истифодаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин мамнӯият ва маҳдудияти дорои хусусияти иқтисодӣ, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун моли берун аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиршуда ба ҳисоб мераванд.

Барои муайян намудани ҳадди фазоии қаламрави гумрукӣ мафҳуми «сарҳади гумрукӣ»-ро истифода мебаранд. Дар зери мафҳуми «сарҳади гумрукӣ» хате фаҳмида мешавад, ки қаламрави гумрукиро маҳдуд менамояд. Сарҳади гумрукӣ ҳадди фазои амали қонунгузории гумрукии мамлакати мазкурро тасвир менамояд ва қаламрави гумрукии мамлакатҳои ҳамсарҳадро ҷудо менамояд. Дигар хел карда гӯем, сарҳади гумрукӣ самти амали истиқлолияти гумрукии давлатро муқаррар менамояд.

5. Интихоби чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, ки барои иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ ба он андозае вазнии набошанд, ки ҷиҳати таъмини ноилшавии самаранок ба мақсадҳое, ки барои амалӣ намудани онҳо андешидани тадбирҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ лозим аст, зарур мебошанд.

Сиёсати давлатии савдои хориҷӣ ба воситаи татбиқи методҳои иқтисодӣ ва маъмурии танзими фаъолияти савдои хориҷӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Ин ё он методи танзим воситаҳои мушаххаси танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷиро дар назар дорад, ки шартан ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид кардан мумкин аст:

1) воситаҳои гумрукӣ-тарифӣ (тарифҳои воридотӣ ва содиротӣ);

2) воситаҳои паратарифӣ (ё квазитарифӣ), ки истифодабарии онҳо расман бо танзими гумрукӣ-тарифӣ алоқаманд нест, вале амалан ба фаъолияти савдои хориҷӣ таъсири монанд мерасонанд (боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукии хусусияти андознадошта, аксизҳо, ки аз ҷониби мақомоти гумрук ситонида мешаванд);

3) танзими асъорӣ-молиявӣ (тартиби иҷро кардани амалиётҳои асъорӣ, маҳдудиятҳои асъорӣ, назоратбарии асъорӣ нисбати фаъолияти савдои хориҷӣ ва ғ.);

4) боҷҳои антидемпингӣ ва ҷубронӣ, ки бо ёрии онҳо ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагонӣ миллӣ, мубориза бо паст кардани нархи молҳои содиротшаванда ва истифодабарии субсидияҳои содиротӣ амалӣ карда мешавад;

5) монополияи давлатӣ аз болои савдои хориҷии молҳои алоҳида;

6) муқаррар кардани монеаҳои техникӣ, ки имконият медиҳанд мувофиқатии молҳои воридотӣ бо стандартҳои миллии бехатарӣ ва сифат назорат карда шаванд;

7) контингентирикунии (квотакунии) амалиётҳои савдои хориҷӣ, ки маънои ба миқдори муайян маҳдуд кардани маҳсулотҳои содиротӣ ва воридотӣ ё арзиши умумии он барои давраи муқарраркардаи вақтро дорад;

8) литсензиякунӣ, ки ба мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия додани иҷозатро (литсензияро) барои анҷом додани амалиётҳои содиротӣ ё воридотӣ дар назар дорад.

Дар марҳалаи ҳозираи инкишоф давлат кӯшиш менамояд, ки фаъолияти савдои хориҷиро на бо маҳдудияту манъкуниҳои маъмурӣ, балки ба воситаи фароҳам овардани шароитҳои мусоиди иқтисодӣ барои амалӣ намудани он амалиётҳои савдои хориҷӣ, ки барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт мусоидат менамояд, тибқи вазифаҳои мушаххаси рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон танзим намояд. Ва баръакс, барои амалиётҳое, ки метавонад ба иқтисодиёти мамлакат таъсири номусоид расонанд, шароити на он қадар мусоиди иқтисодӣ фароҳам оварда мешаванд. Бо ин мақсадҳо воситаҳои иқтисодии танзими савдои хориҷӣ – паст ё баланд кардани ставкаҳои тарифҳои гумрукии воридотӣ, тағйирот дар тартиби иҷро кардани амалиётҳои асъорӣ ва ғ. истифода бурда мешаванд.

Чораҳои маъмурӣ метавонанд танҳо дар он ҳолате истифода шаванд, ки агар бо кума-

ки чораҳои иқтисодӣ ба мақсадҳои гузошташуда ноил шудан имконнопазир бошад.

6. Ошкорбаёнӣ зимни таҳия, қабул ва истифодаи чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ.

Принсипи мазкур маънои ошкоро будани раванди танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, ташкил ва татбиқи сиёсати савдои хориҷиро дар ҳамаи марҳалаҳои он дорад. Татбиқи ин принсип дар амалия (таҷриба) имконият медиҳад, ки дар бораи муносибатҳои баробари шарикии байни мақомоте, ки танзими давлатиро амалӣ менамоянд ва иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ сухан кард. Принсипи ошкорбаёнӣ риояи як қатор талаботи расмиро дар назар дорад, ки муҳимтарини онҳо  дар воситаҳои ахбори омма ҳатман интишор кардани санадҳои қонунгузории савдои хориҷӣ, инчунин ҳамаи қарору нишондодҳои мақомоти давлатӣ, ки вобаста ба амалӣ намудани танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ қабул карда мешаванд, мебошад.

Татбиқи принсипи ошкорбаёнӣ ва умумияти танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ дар амалия ин маъноҳоро дорад:

– хабардоркунӣ дар бораи сабабҳои қарорҳои қабул кардашуда, амал ё беамалии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он;

– хабардоркунӣ дар бораи санадҳои ҳуқуқии амалкунанда дар самти (соҳаи) мазкур;

– машваратдиҳӣ (маслиҳатдиҳӣ) аз ҷониби мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдори онҳо оид ба масъалаҳои танзими савдои хориҷӣ;

– ҷавобгарӣ барои пешниҳод намудани иттилооти нодуруст.

7. Истиснои дахолати беасоси давлат ё мақомоти он ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва расонидани зарар ба субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барои танзими муносибатҳое, ки дар самти (соҳаи) савдои хориҷӣ ба вуҷуд меоянд, ба андозаи пурра принсипҳое татбиқ карда мешаванд, ки дар моддаи 3 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидаанд: баробарии тарафҳои муносибатҳои гражданӣ, дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ҳар кас ба муносибати тарафҳо, зарурати татбиқи бемонеаи ҳуқуқ, таъмини барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронгардида, ҳифзи судии онҳо.

Эҳтимол аст ки бо принсипҳои зикргардида имконияти дахолати давлатӣ ба фаъолияти савдои хориҷӣ истисно карда намешавад. Дар Қонун сухан дар бораи истиснои ҳолатҳои дахолати беасос меравад. Дар ҳолатҳои муайяншуда бошад, давлат натанҳо метавонад, балки ҳатман бояд ба фаъолияти савдои хориҷӣ дахолат намуда, бо ин ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, ахлоқӣ, саломатӣ, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии дигар шахсон, таъмини мудофиаи мамлакат ва амнияти давлатро амалӣ намояд.

8. Масъулияти мутақобилаи давлат ва субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ.

Боз як принсипи муҳими танзими давлатӣ ҷавобгарии тарафайни давлат ва субъектони фаъолияти савдои хориҷӣ мебошад. Принсипи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки давлат иҷрои ҳамаи ҳуқуқҳоро дар самти (соҳаи) фаъолияти савдои хориҷӣ бо ҳамаи воситаҳои ҳуқуқӣ кафолат медиҳад ва дар айни замон давлат ҳуқуқ дорад, ки аз субъектони фаъолияти савдои хориҷии дар қаламрави он воқеъбуда риояи қонунҳои мамлакатро талаб намояд.

Дар ҳолати риоя накардани ҳуқуқҳо ё иҷро накардани уҳдадориҳо аз ҷониби яке аз тарафҳо тарафи дигар имконияти воқеӣ дорад, ки вайронкунандаро ба ҷавобгарӣ кашад.

**Моддаи 6. Низоми миллӣ**

**1. Ба шахсони хориҷие, ки мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур бо воридот ё содироти мол машғуланд, ҳамон навъ низоме пешниҳод карда мешавад, ки ба шахсони ватанӣ пешниҳод шудааст.**

**2. Молҳои воридшаванда ба таври мустақим ё ғайримустақим мавриди ситонидани ҳар намуд андозҳои дохилӣ ё пардохтҳои дохилии дигари зиёдтар аз онҳое, ки мустақим ё ғайримустақим нисбат ба маҳсулоти шабеҳи истеҳсоли ватанӣ истифода мешаванд, қарор намегиранд. Нисбат ба молҳои воридотӣ дар қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботи марбут ба фурӯш дар дохил, ба фурӯш гузоштан, харид, интиқол, тақсимот ё истеъмол низоми на камтар мусоид аз низоми барои молҳои шабеҳи ватанӣ пешниҳодшаванда муқаррар карда шуда, бо ҳамин роҳ**

**истифода намудани чунин андозҳо, пардохтҳои дохилӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё талабот ба хотири ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ татбиқ карда намешаванд.**

**3. Ба хизматрасониҳо ва таҳвилгарони хизматрасоние, ки аз дигар давлат ё қаламрави хориҷӣ бармеоянд, нисбат ба низоми ба хизматрасониҳои шабеҳ ва таҳвилгарони ватании хизматрасониҳо низоми на камтар мусоид пешниҳод мешавад.**

**4. Низоми миллӣ мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва дар ҳолатҳои дигар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.**

Дар қисми 1 моддаи тафсиршаванда низоми миллӣ ҳамчун принсип, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, моддаи 16 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор шартномаҳои байналмилалии дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистондар самти фаъолияти сармоягузорӣ пешбинӣ гардидааст, муқаррар мегардад. Аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон реҷаи миллие татбиқ мешавад, ки тибқи он шаҳрвандони хориҷӣ дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳуқуқу озодӣ ва масъулият мебошанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ мекунад [12, с. 93]. Албатта, дар тафовут аз меъёри зикргардида дар Қонуни мазкур низоми миллӣ нисбати натанҳо шаҳрвандони хориҷӣ, балки ба маънои васеъ умуман нисбати шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеии хориҷӣ, ки бо воридот ё содироти мол машғуланд,татбиқ мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба низоми миллӣ зикр мегардад, ки он ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ мутобиқ ба ҳамон низоме пешниҳод мешавад, ки ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии ватанӣ дода шудааст [13]. Дар ин маврид натанҳо фаъолияти хоҷагидорӣ, аз ҷумла фаъолияти савдои хориҷии шахсон, балки молҳои истеҳсоли хориҷӣ дар низоми мазкур дар ҳолати баробари ҳуқуқӣ қарор гирифта, аз афзалиятҳои муайян бархурдор мешаванд. Дар баробари низоми миллӣ, режими мусоидати бештар, низоми ғайритабъиз ва низоми преференсияҳо [14], ки ахирӣ як қатор имтиёзҳо, сабукиҳоро, ки аз рӯи шартномаҳои байни мамлакатҳо басташуда, барои рушд додани савдои байни тарафайн ба ин ё он давлат (масалан, собиқ мустамликаҳои кишварҳо) дода мешавад, пешбинӣ менамояд. Инчунин, дар тафовут аз низоми миллӣ дар низоми мусоидати бештар ташкилот ва шаҳрвандони хориҷӣ байни якдигар дар ҳолати баробар гузошта мешаванд (муфассалтар ниг. ба тафсири моддаи 7 Қонун).

Дар маҷмӯъ, ҷорӣ гаштани низоми миллӣ дар фаъолияти савдои хориҷӣ на ҳамавақт қобили қабул аст. Низоми мазкур дар муносибатҳои шартномавии танзимкунандаи савдо, масалан, ҳангоми савдои баҳрӣ васеъ истифода мешавад.

Дар қисми 2 моддаи тафсиршаванда пешбинӣ гардидааст, ки молҳои воридшаванда ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мустақим ё ғайримустақим мавриди ситонидани ҳар намуд андозҳои дохилӣ ё пардохтҳои дохилии дигари зиёдтар аз онҳое, ки мустақим ё ғайримустақим нисбат ба маҳсулоти шабеҳи истеҳсоли ватанӣ истифода мешаванд, қарор намегиранд. Ҳамзамон, дар тақвияти меъёри мазкур шартҳои амалигардонии он нишон дода мешавад. Қонунгузор наметавонад нисбат ба молҳои воридотӣ дар қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботи марбут ба фурӯш дар дохили ҷумҳурӣ, ба фурӯш гузоштан, харид, интиқол, тақсимот ё истеъмол низоми на камтар мусоид аз низоми барои молҳои шабеҳи ватанӣ пешниҳодшавандаро муқаррар намояд ё ин, ки бо ҳамин роҳ истифодаи андозҳо, пардохтҳои дохилӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё талаботро ба хотири ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ татбиқ намояд.

Қисми 3 моддаи тафсиршаванда муқаррар намудааст, ки низоми миллӣ ба хизматрасониҳо ва таҳвилгарони хизматрасоние, ки аз дигар давлат ё қаламрави хориҷӣ бармеоянд, нисбат ба низоми ба хизматрасониҳои шабеҳ ва таҳвилгарони ватании хизматрасонанда тариқи на камтар мусоид пешниҳод мешавад.

Низоми миллие, ки нисбати хизматрасониҳо, таҳвилгарони хизматрасониҳо паҳн мегардад, хусусиятҳои худро дорад:

1. Дар ҳолатҳои бо қонунгузорӣ, шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад;

2. Асосан ба иҷрокунандагони хориҷии хизматрасонӣ дахл дорад;

3. Татбиқи низоми миллӣ ба хизматрасониҳо дар ҳолатҳое имконпазир аст, ки берун аз ҳудуди кишвари хориҷӣ дар Тоҷикистон қарор доранд, дар ҳудуди кишвари хориҷӣ ба фармоишгари ватании хизматрасонӣ хизмат мерасонанд, иҷрокунандагони хориҷии хизматрасонӣ, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ҳузури тиҷоратӣ надоранд, тавассути миёнаравҳо фаъолият менамоянд;

4. Ба хизматрасониҳо низоми на камтар мусоид аз низоме, ки нисбати иҷрокунандагони хизматрасонии ватанӣ пешниҳод мегардад, паҳн мегардад;

5. Баҳогузории мусоиди низоми миллӣ вобаста ба шароитҳои рақобати субъектони хизматрасони ватанӣ ва хориҷӣ муайян карда мешавад;

6. Татбиқ нагардидани низоми миллӣ ба хизматрасонӣ (иҷрои кор), ки барои эҳтиёҷоти давлатӣ анҷом дода мешаванд.

Дар сатҳи байналмилалӣ санадҳои меъёрие қабул гардидаанд, ки савдои хизматрасонии байналмилалиро ба танзим медароранд. Аз ҷумла, дар доираи СУС Созишномаи умумӣ оид ба савдои хизматрасониҳо қабул гардидааст, ки мафҳумҳои «савдои хизматрасониҳо», «хизматрасониҳо» ва «хизматрасониҳое, ки ҳангоми амалисозии функсияҳои давлат расонида мешаванд», пешбинӣ гардидаанд (моддаи 1 Созишномаи кулл доир ба тиҷорат дар соҳаи хизматрасонӣ). Ҳангоми татбиқи санади меъёрии ҳуқуқии байналмилалии мазкур классификатори ягонаи молҳои СММ мавриди истифода қарор мегирад. Татбиқи низоми миллӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фаросарҳадии хизматрасониҳо, истеъмол ва расонидани онҳо тавассути миёнаравии тиҷоратӣ имконпазир аст.

Мувофиқи қисми 4 моддаи тафсиршаванда низоми миллӣ мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва дар ҳолатҳои дигар бо санади меъёрии ҳуқуқӣ – Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад. Меъёри мазкур ҳангоми таҳвили молҳо, кор ва хизматрасонӣ байни субъектони фаъолияти савдои хориҷӣ татбиқ мегардад. Масалан, низоми миллӣ дар як қатор шартномаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба савдои озод, ки бо ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қирғизистон, Қазоқистон, Украина ва Ӯзбекистон баста шудаанд, муайян гардидааст.

Дар меъёри тафсиршаванда муқаррарот оид ба татбиқ нагардидани низоми миллӣ ба хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ пешбинӣ намегардад. Вале аз муқаррароти қисми 2 моддаи 1 ҳамин Қонун бармеояд, ки меъёрҳои он вобаста ба низоми миллӣ нисбат ба хизматрасониҳои савдои хориҷии ба танзими давлатӣ дахлдошта, хизматҳои ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидашаванда татбиқ карда намешаванд (ниг. ба тафсири моддаи 1 Қонун).

**Моддаи 7. Низоми мусоидати бештар**

**1. Низоми мусоидати бештар нисбат ба молҳо аз низоме, ки ба моли шабеҳи дар дигар давлат ё қаламрави дигар истеҳсолшуда ё барои ҳар давлат ё қаламрави дигар пешбинишуда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он дар мавриди воридот ё содирот ба давлат ё қаламрави хориҷӣ, ҳар намуд боҷу хироҷи гумрукии вобаста ба воридот ё содироти мол, инчунин пардохтҳои байналмилалӣ барои воридот ё содирот ситонидашаванда ва усули андухтани чунин боҷу хироҷ ва дар мавриди қоидаҳо ва расмиёти марбут ба воридоту содирот ва ҳамаи талаботи марбут ба фурӯш дар дохил, ба фурӯш баровардан, харид, интиқол, тақсимот ва истифодаи ухдадориҳои байналмилалӣ дорад, низоми на камтар мусоид пешниҳод карда мешавад.**

**2. Низоми мусоидати бештар нисбат ба чораҳои марбут ба савдои хизматрасониҳо низомеро дар назар дорад, ки ба хизматрасониҳо ва таҳвилгарони хизматрасониҳои ҳар кишвар ё қаламраве пешниҳод шуда, он нисбат ба низоми ба хизматрасониҳо ва таҳвилгарони хизматрасониҳои шабеҳи ҳар кишвари дигар пешниҳодшуда на камтар мусоид аст.**

**3. Низоми мусоидати бештар ба имтиёзҳое, ки ба кишвари ҳамсоя бо мақсади мусоидат намудан ба савдои наздисарҳадӣ дода шудаанд, инчунин ба имтиёзҳое, ки мутобиқи созишнома дар бораи бунёди минтақаи савдои озод ё иттиҳоди гумрукии дуҷониба ё бисёрҷониба ва ё мутобиқи созишномаи муваққатӣ ҷиҳати мусоидат барои бунёди минтақаи савдои озод ё иттиҳоди гумрукӣ пешбинигардида дода мешавад, дахл надорад.**

**4. Низоми мусоидати бештар ба молҳои воридшаванда ва хизматрасониҳо тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва дар ҳолати дигар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.**

Мувофиқи қисми 1 моддаи тафсиршаванда мазмуни низоми мусоидати бештар муайян гардидааст. Низоми мусоидат умуман яке аз унсури асосии шартномавист, ки мавриди тиҷорат бо кишварҳои хориҷӣ баста шудани шартномаҳо ба инобат гирифта мешавад. Мувофиқи низоми мазкур шахсони хориҷӣ ба маънои васеъ аз ҳадди аксари ҳуқуқҳое бархурдор мегарданд, ки ба шахсони кишвари сеюм дода мешавад. Маҳз пешниҳоди ҳадди аксари ҳуқуқҳо моҳияти мусоидати бештарро дар ин низом муайян менамояд. Одатан низоми мазкур ҳангоми савдои баҳрӣ васеъ татбиқ гардида, шароитҳои баробареро нисбат ба давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои онҳо, ширкатҳои хориҷӣ вобаста ба масъалаҳои савдо, ки бо шартномаҳои дахлдор пешбинӣ мегарданд, ба вуҷуд меорад. Ҳамин тавр, низоми мазкур аз принсипи истифодаи ғайритабъизи маҳдудиятҳои миқдорӣ, ки дар моддаи 17 Қонуни мазкур муқаррар гардидааст, бо он фарқ менамояд, ки агар тибқи принсипи ғайритабъиз ҳар як кишвар ҳуқуқи аз дигар давлатҳо пешниҳоди шароитҳои умумӣ ва якхелаеро намояд, ки аз он дигар кишварҳо истифода мебаранд, пас дар низоми мусоидати бештар танҳо шароити имтиёзнок ва мусоид фароҳам оварда мешаванд.

Низоми мазкур мувофиқи меъёри тафсиршаванда нисбати молҳо, аз ҷумла молҳои шабеҳи дар давлати (қаламрави) дигар истеҳсолшуда ё барои ҳар давлати (қаламрави) дигар пешбинишуда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он дар мавриди воридот ё содирот ба давлати (қаламрави) хориҷӣ, ҳар намуд боҷу хироҷи гумрукии вобаста ба воридот ё содироти мол, инчунин пардохтҳои байналмилалӣ барои воридот ё содирот ситонидашаванда ва усули андухтани чунин боҷу хироҷ ва дар мавриди қоидаҳо ва расмиёти марбут ба воридоту содирот ва ҳамаи талаботи марбут ба фурӯш дар дохил, ба фурӯш баровардан, харид, интиқол, тақсимот ва истифодаи уҳдадориҳои байналмилалӣ дорад, паҳн мегардад.

Дар қисми 2 моддаи тафсиршаванда низоми мусоидати бештар, ки дар моддаи II Созишномаи умумӣ оид ба савдои хизматрасониҳо пешбинӣ гардидааст, оварда шудааст. Низоми мусоидати бештар маънои онро дорад, ки кишвари узви СУС барои пешниҳоди хизматрасонӣ ва таҳвилгарони хизматрасонии дигар кишварҳои аъзо низоми на камтар мусоид нисбати хизматрасонӣ ва таҳвилгарон дар қиёс ба хизматрасонии ҳамагуна кишварҳои узви СУС пешниҳод менамояд. Вобаста ба давраҳо низоми мазкур нисбати на ҳамаи фаъолият дар соҳаи хизматрасонӣ якранг татбиқ мегардад. Масалан, дар давраи гузариш кишварҳои дохилшаванда ба СУС имкон доранд, ки дар замимаи махсус истисно аз низоми мазкурро номбар намоянд, ки амали онҳо дар ҳудуди на бештар аз 10 сол маҳдуд карда мешавад [15].

Қисми 3 меъёри тафсиршаванда истисноҳоеро дарбар гирифтааст, ки ба татбиқи низоми мусоидати бештар дахл менамояд. Мувофиқи ҳамин меъёри тафсиршаванда низоми мусоидати бештар ба имтиёзҳои зерин паҳн намегардад:

– имтиёзҳое, ки ба кишвари ҳамсоя бо мақсади мусоидат намудан ба савдои наздисарҳадӣ дода шудаанд;

– имтиёзҳое, ки мутобиқи созишнома дар бораи бунёди минтақаи савдои озод ё иттиҳоди гумрукии дуҷониба ё бисёрҷониба дода мешаванд;

– имтиёзҳое, ки мутобиқи созишномаи муваққатӣ ҷиҳати мусоидат барои бунёди минтақаи савдои озод ё иттиҳоди гумрукӣ пешбинигардида дода мешавад, дахл надорад.

Дар қисми 4 меъёри тафсиршаванда асосҳои ҳуқуқие пешбинӣ мегардад, ки мутобиқи онҳо низоми мусоидати бештар ба молҳои воридшаванда ва хизматрасониҳои савдои хориҷӣ дода мешавад. Ба ҳайси санадҳои меъёрии мазкур санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда метавонанд. Мавриди санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки меъёрҳои мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» эътироф карда мешаванд.

**Моддаи 8. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ**

**Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ инҳо мансубанд:**

**– муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ;**

**– таъмини пешбурди сиёсати ягонаи савдо ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати татбиқи он, қабули қарорҳои дахлдор ва таъмини иҷрои онҳо;**

**– татбиқи чораҳои махсус ҳангоми амалӣ намудани савдои хориҷии молҳо;**

**– мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Тоҷикистон ва Қонуни мазкур қабул намудани қарорҳо дар бораи ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои микдории содирот ва воридоти молҳо;**

**– мутобиқи Қонуни мазкур муқаррар намудани тартиби иҷозатдиҳии содирот ва (ё) воридоти навъҳои алоҳидаи молҳо, инчунин муайян намудани номгӯи молҳои алоҳидае, ки нисбат ба онҳо чунин тартиб истифода мешавад;**

**– муайян намудани тартиби назорати содирот ва (ё) воридоти навъҳои алоҳидаи мол;**

**– амалӣ намудани салоҳияти дигари муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ.**

Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи санади меъёрии зикргардида салоҳият дорад, ки:

– дар татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намояд (моддаи 13);

– раванди иқтисодиро танзим мекунад (моддаи 14);

– фазои ягонаи иқтисодӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ, гардиши озодонаи мол, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи коргариро таъмин менамояд (моддаи 14);

– дурнамои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешгӯӣ мекунад, барномаҳои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиётро таҳия ва амалӣ менамояд (моддаи 14);

– барномаҳои давлатии иқтисодӣ ва сармоягузориро таҳия менамояд ва барои татбиқи онҳо тадбирҳо меандешад (моддаи 14);

– моликияти давлатиро идора мекунад (моддаи 14);

– сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ, молиявӣ ва сармоягузорӣ таҳия менамояд ва дар амал татбиқ мекунад (моддаи 14);

– роҳбарии умумии фаъолияти гумрукиро ба амал мебарорад (моддаи 14);

– дар бобати татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон барои ҳифзи саломатӣ ва таъмини некӯаҳволии санитарию эпидемиологӣ тадбирҳо меандешад (моддаи 16);

– дар амалӣ намудани сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамояд (моддаи 21);

– намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ аз ҷиҳати моддӣ таъмин менамояд (моддаи 21);

– иҷрои ухдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро мувофиқи шартномаҳои байналмилалӣ таъмин менамояд, инчунин аз ҷониби иштироккунандагони шартномаҳои мазкур ба иҷро расидани ухдадориҳои онҳоро назорат мекунад (моддаи 21);

– ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз қаламрави он ҳимоя менамояд (моддаи 21);

– танзим ва назорати давлатиро дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳамкории байналмилалии илмию техникӣ ва фарҳангӣ анҷом медиҳад (моддаи 21).

Инчунин, Низомномаи Вазорати рушд ва иқтисод дар сархати 8, 13, 14, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 26, 27, 28, 29 қисми 5 худ соҳаи фаъолияти савдои хориҷиро дар доираи салоҳияти худ ҳамчун мақомоти ваколатдор ба танзим медарорад.

– консепсия ва принсипҳои асосии сиёсати иқтисодии хориҷиро таҳия менамояд;

– ҳамоҳангсозӣ ва назорати иҷрои ухдадориҳоро аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидор, ки аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ, созишномаҳо оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию техникӣ бармеоянд, анҷом медиҳад;

– оид ба бастани санадҳои байниҳукуматӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, молиявӣ, илмию техникӣ пешниҳодҳо омода менамояд;

– хусусияти башардӯстона доштани борҳои ба ҷумҳурӣ воридгардидаро муайян менамояд ва барои додани имтиёзҳои андозбандӣ хулосаҳо омода менамояд;

– тартибу усулҳои танзими давлатии тарифию ғайритарифии савдои хориҷиро муайян мекунад, таклифҳоро оид ба меъёрҳои тарифи гумрукӣ, дақиқ намудани номгӯи молҳо ва кору хизматрасониҳое, ки содироту воридоти онҳо маҳдуд ё манъ карда шудааст, омода менамояд;

– истифодаи низоми аксизии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар қисмати воридот ва содироти молҳо ҳамоҳанг месозад;

– ҳамоҳангсозии корҳоро оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва такмили минбаъдаи онҳо амалӣ менамояд;

– бо мақсади пешрафти молҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ тадқиқоти маркетингӣ мегузаронад, оид ба такмили сиёсати бахши истеҳсолии иқтисодиёт дар асоси омӯзиши бозори дохилию берунӣ таклифҳо омода мекунад;

– ташкил ва ҳамоҳангсозии умумии корҳоро бо СУС анҷом медиҳад;

– оид ба танзими техникии савдо ва маҳдуд намудани шумораи стандартҳои ҳатмӣ тибқи талаботи СУС пешниҳодҳо омода мекунад;

– дар бораи тартиби воридот ва содироти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти онҳо, шикастапораҳои металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, партовҳои коркарди онҳо ва омехтаҳои кимиёвӣ дорои металлҳои қиматбаҳо пешниҳодхо таҳия менамояд;

– дар бораи содироти навъҳои алоҳидаи ашёи хом ва молҳоихусусияти стратегӣ дошта пешниҳодот омода мекунад;

– дар бораи таъсиси намояндагиҳои тиҷоратӣ дар хориҷа ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо пешниҳодҳо омода менамояд.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ**

**Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ (минбаъд - мақоми ваколатдори давлатӣ) инҳо дохил мешаванд:**

**– гузаронидани мониторинги татбиқи Қонуни мазкур;**

**– пешниҳоди маълумоти ҳарсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои мониторинги гузаронидашуда;**

**– таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ;**

**– таҳияи пешниҳодҳо оид ба истифодаи чораҳои танзими тарифию ғайритарифии фаъолияти савдои хориҷӣ;**

**– таҳияи пешниҳодҳо оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти савдои хориҷӣ;**

**– бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон додани иҷозат барои содирот, воридот ё транзити молҳои алоҳида;**

**– анҷоми ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ.**

Дар меъёри тафсиршаванда ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ ба таври возеҳу равшан дарҷ гардидааст. Мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки ба зиммаи он танзими фаъолияти савдои хориҷӣ вогузор гардидааст, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – мақомоти ваколатдор) аст, ки Қонуни тафсиршаванда бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва ибтикори он қабул гардидааст. Вобаста ба меъёри тафсиршаванда ҳамзамон, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ» аз 11 июли соли 2013, №313 қабул гардидааст, ки дар он мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ расман Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Аз ин рӯ, қонунгузор ба мақомоти ваколатдор вогузор намудааст, ки:

Аввалан, оид ба татбиқи ҳамин Қонун мониторинг гузаронад. Барои мониторинги Қонун дар сохтори мақомоти ваколатдор сохторҳои дахлдор, аз ҷумла дар Дастгоҳи марказии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон сарраёсатҳои сиёсати савдо ва бозори истеъмолӣ, раёсати ҳамкорӣ бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва раёсати ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ таъсис ёфтаанд.

Дуввум, мувофиқи тартиби муқarrargardida оид ба натиҷаҳои мониторинги

дар сархати якуми Қонуни мазкур пешбинигардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти хаттӣ ирсол менамояд. Тибқи банди 38 Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2001 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст, ки назорати фаъолияти вазорату кумитаҳои давлатӣ, идораҳо ва мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳоро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ анҷом диҳад ва вобаста ба ин ҳангоми зарурат дар маҷлисҳои худ масъалаи аз тарафи онҳо иҷро гардидани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, Фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи онҳо, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои худи ҳукуматро баррасӣ намояд. Аз мазмуни меъёри тафсиршаванда бармеояд, ки мақомоти ваколатдор дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда аст.

Сеюм, оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ пешниҳодҳо таҳия менамояд. Ҳамчун қоида пешниҳодҳои мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи хаттӣ пешкаш мегарданд.

Чорум, азбаски муайян намудани сиёсати тарифӣ ва ғайритарифии фаъолияти савдои хориҷиро мақомоти ваколатдор ба уҳда дорад, бинобар ин пешниҳодҳо оид ба истифодаи чораҳои танзими онро низ таҳия менамояд.

Панҷум, мақомоти ваколатдор пешниҳодҳо оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти савдои хориҷиро таҳия менамояд. Пешниҳодҳои мазкур метавонанд дар шакли хаттӣ таҳия гардида, таҳлили амиқи вазъи иқтисодӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии рушди фаъолияти савдои хориҷиро дарбар гиранд.

Шашум, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содирот, воридот ё транзити молҳои алоҳида иҷозат медиҳад.

Ҳафтум, мақомоти ваколатдор ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷиро низ анҷом дода метавонад. Аз мазмуни меъёри тафсиршаванда бармеояд, ки он хусусияти диспозитивӣ дошта, ваколатҳои зикргардидаи мақомоти ваколатдорро бо номгӯйи қаблан зикргардида маҳдуд наменамояд.

**Моддаи 10. Кафолати ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ**

**1. Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷиро кафолат медиҳад.**

**2. Дар сурати аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани санадҳое, ки ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти савдои хориҷии муайяннамудаи Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, зарари ба онҳо расонидашуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон бо тариқи судӣ аз ҷониби ин мақомот ҷуброн карда мешавад.**

Кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ заминаи воқеии рушди иқтисодиётро фароҳам меоваранд. Азбаски субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ ба ҳайси соҳибкор баромад менамоянд, тамоми кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳое, ки ба соҳибкорон дахл дорад, ба онҳо низ тааллуқ доранд. Қонунгузор асосан дар мавриди зикргардида бо такя ба талаботи моддаи 12 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд, ки мутобиқи он «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад». Азбаски, субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ дар заминаи моликияти хусусӣ амал менамоянд, пас кафолати конститутсионии мазкур нисбати онҳо бечунучаро ва бевосита дар робита ба озодии фаъолияти соҳибкорӣ татбиқ мегардад. Ҳамин тавр, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ дар шакли моддӣ ва мурофиавӣ кафолат дода шуда, аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти судӣ, ҳифз карда мешаванд. Ҳамчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектони фаъолияти савдои хориҷӣ тариқи ғайрисудӣ ба воситаи мақомоти нотариати давлатӣ [16] ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ [17] амалӣ мешавад.

Дар қисми 2 моддаи тафсиршаванда ҳолати ба ҷавобгарӣ кашидани мақомоти давлатӣ барои вайрон намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони фаъолияти савдои хориҷӣ пешбинӣ мегардад. Ҳангоми аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани санадҳое, ки ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти савдои хориҷиро, ки дар Қонуни мазкур пешбиннӣ гардидаанд, вайрон менамоянд, зарари ба онҳо расонидашуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тариқи судӣ ҷуброн карда мешавад.

Асосҳои ҳуқуқии ба ҷавобгарӣ кашидани мақомоти давлатӣ бинобар қабули санадҳое, ки ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти савдои хориҷиро вайрон менамоянд, мутобиқи моддаҳои 21, 32 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои 16, 1084-1086 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд. Муқаррар намудани чунин як принсип барои рушди фаъолияти савдои хориҷӣ дар фазои муътадили ҳуқуқӣ, пешгирии вайронкуниҳои Қонуни мазкур ҳангоми амалӣ намудани ҳокимияти оммавӣ аз ҷониби ҳамаи мақомоти давлатӣ, мақомоти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар маҷмӯъ шахсони мансабдори давлатӣ мусоидат менамояд. Барои ба ҷавобгарӣ кашидани мақомоти давлатӣ муайян намудани шартҳои он, аз ҷумла, тасдиқ гардидани зарари расонидашуда дар натиҷаи содир намудани рафтори ғайриқонунии мақомоти давлатӣ муҳим аст.

Бо дарназардошти ҳамин омилҳо шартҳои ба ҷавобгарӣ кашидани мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ баробари шартҳои умумӣ, ба мисли гуноҳ, робитаи сабабӣ ва мавҷудияти зарар барои ба ҷавобгарӣ кашидани мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо шартҳои махсус пешбинӣ гардидаанд, аз ҷумла:

1. Мавҷудияти санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки дар асоси он зарар расонида шудааст;

2. Зарар бояд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти судӣ, инчунин шахсони мансабдори онҳо расонида шуда бошад;

3. Зарар бояд танҳо ҳангоми иҷрои функсияҳои хизматӣ расонида шуда бошад [18, с. 565].

Яке аз масъалаи баҳсбарангез, ки дар заминаи меъёри тафсиршаванда ба вуҷуд омада метавонад, муқаррар намудани сарҳади воқеии ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ аз ҳисоби шахсони мансабдор аст. Зарар дар ҳама ҳолат аз ҳисоби буҷети (хазинаи) давлатӣ пардохт мешавад, навобаста аз он, ки аз ҷониби шахси мансабдор содир карда мешавад.

**Моддаи 11. Боздоштан ва қатъ намудани фаъолияти савдои хориҷӣ**

**Фаъолияти субъектҳои савдои хориҷӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо қарори суд боздошта ё қатъ карда мешавад. Нисбат ба қарор дар бораи боздоштан ё қатъ намудаин фаъолияти савдои хориҷӣ бо тариқи судӣ шикоят кардан мумкин аст.**

Фаъолияти савдои хориҷии субъект метавонад бо қарори суд дар ҳолатҳои зерин боздошта ё қатъ карда шавад:

1) вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ, риоя накардани муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ, инчунин вайрон кардани қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ки боиси зарари иқтисодӣ ё сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон шудаанд;

2) анҷом додани амалиётҳои иқтисоди хориҷӣ бо вайрон кардани қобилияти ҳуқуқдорӣ, инчунин амалиётҳои бартерии иҷозат доданашуда;

3) хабар додани маълумотҳои ошкоро бардурӯғ дар реклама, ҳуҷҷатҳои гумрукӣ, асъорӣ-молиявӣ ва бақайдгирӣ;

4) ҳангоми мавҷуд будани маълумотҳо оид ба иштирок дар фаъолияти террористӣ (фаъолияти экстремистӣ, маблағгузории терроризм);

5) ҳангоми мавҷуд будани асосҳои кофии тасдиққунандаи амалӣ намудан ё кушиши легализатсияи даромадҳое, ки бо роҳи ҷинояткорӣ ба даст оварда шудаанд.

Қарор оид ба боздоштан метавонад ҳангоми бартараф намудани сабабҳое, ки боиси он шудаанд, тағйир ё бекор карда шавад. Аз рӯи қарор оид ба қатъ кардани фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба суд шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 12. Иттилооти махфӣ**

**1. Ҳар иттилооте, ки аз рӯи хусусияташ махфӣ мебошад ё аз ҷониби тарафҳо нисбат ба ҳар як расмиёти бо Қонуни мазкур танзимшаванда ба таври махфӣ пешниҳод мегардад, ҳамчун иттилооти махфӣ баррасӣ мешавад.**

**2. Иттилооте, ки аз рӯи хусусияташ махфӣ мебошад, иттилоотеро дарбар мегирад, ки ифшои он метавонад барои рақиб афзалиятро дар рақобат таъмин намояд ё ба тарафи пешниҳоднамудаи иттилоот ё тарафе, ки аз он иттилоот гирифта шудааст, таъсири назарраси манфӣ расонад.**

**3. Мақоми ваколатдори давлатӣ ё ҳар мақоми давлатие, ки дар расмиёти марбут ба фаъолияти савдои хориҷӣ иштирок менамояд ё шахсони мансабдори онҳо барои ифшои иттилооте, ки дархост дар бораи махфӣ будани он аз ҷониби таҳвилгари он пешниҳод гардида, мутобиқи Қонуни мазкур бе иҷозати махсуси таҳвилгари (соҳиби) иттилоот ба даст оварда шудааст, ҳуқуқ надоранд.**

Дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳумҳои «иттилооти махфӣ», «принсипи махфият», «сирри тиҷоратӣ», «сирри давлатӣ», «махфияти муҳокимаи ҳакамӣ», «махфият» ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002 мафҳуми «иттилооти пинҳонӣ (конфиденсиалӣ)» ҳамчун маълумоти дар соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдории шахсони алоҳидаи воқеӣ ё ҳуқуқӣ қарордошта, ки метавонанд бо хоҳиши молик ба таркиби маълумоти давлатӣ дохил карда шаванд, пешбинӣ гардидааст. Мувофиқи қисми 1 моддаи тафсиршаванда ба таври умум ҳар иттилооте, ки аз рӯи хусусияташ махфӣ мебошад ё аз ҷониби тарафҳо нисбат ба ҳар як расмиёти бо Қонуни мазкур танзимшаванда ба таври махфӣ пешниҳод мегардад, ҳамчун иттилооти махфӣ баррасӣ мешавад.

Иттилоот дар фаъолияти савдои хориҷӣ ба мисли дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Зеро, пешрафти фаъолияти савдои хориҷӣ ва рушди босуботи он аз дараҷаи ҳифзи иттилоот ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам берун аз он нишондиҳандаи муҳимест, ки ба он субъектони фаъолияти савдои хориҷӣ такя менамоянд. Таъмини махфияти иттилоот навобаста аз шакли он ҷузъи таркибии фаъолияти савдои хориҷӣ аст, ки ба он ҳамарӯза рӯ оварда мешавад. Вале на ҳамагуна иттилоот дар фаъолияти савдои хориҷӣ метавонад дар низоми махфӣ қарор гирад. Дар фаъолияти савдои хориҷӣ сирри тиҷоратӣ ва умуман ҳамагуна иттилооте, ки бо мақсадҳои соҳибкорӣ мувофиқ аст, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Вобаста ба ҳамин ҳам қонунгузор ба сирри тиҷоратӣ низоми махфияти иттилоотеро ҷоиз медонад, ки имконият медиҳад ба дорандаи он дар ҳолати мавҷуда ё имконпазир даромадашро зиёд гардонад, ба хароҷоти беҳуда роҳ надиҳад, мавқеашро дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ нигоҳ дорад ё худ фоидаи дигари тиҷоратӣ ба даст орад (моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 18 июни соли 2008).

Низоми ҳифзи иттилоот дар як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, аз ҷумла, Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ (минбаъд – ТРИПС) дар доираи СУС қабул гардидааст, пешбинӣ мегардад. Мувофиқи моддаи 42 ҳамин Созишнома иштирокчиёни он уҳдадор гардидаанд, ки тавре амал намоянд, ки расмиёти истеҳсол воситаҳои идентификатсия ва ҳифзи иттилооти махфиро дошта бошад, агар ҷиҳати мазкур ба нишондодҳои конститутсионии амалкунанда мухолифат надошта бошад. Зикр намудан зарур аст, ки дар санади меъёрии мазкур оид ба иттилооти пӯшида як қатор талаботҳо мавҷуд аст. Дуруст аст, ки иттилооти пӯшида мувофиқи ҳамин санади меъёрии байналмилалӣ тиҷоратро аз ҳама гуна ифшокунӣ ва ё истифодаи иҷозатдоданашудаи иттилооти махфӣ эмин нигоҳ медорад [19, с. 107]. Доираи иттилооти пӯшида муайян гардида, ба он ихтирооти давраи топатентикунонӣ, сохтори ташкилии корхона, рӯйхати муштариён, талабот ба маҳсулоти супоридашаванда ва ғайра барин маълумот дохил карда мешавад.

Ҳамин тавр, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мувофиқи Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ имкон дода мешавад, ки иттилооти зери назорати ҳуқуқии онҳо қарордоштаро бе розигии онҳо

аз ҷониби шахсони дигар тавассути ҳамагуна усулҳои бовиҷдононаи ама-лияи тиҷоратӣ мухолиф ифшо, гирифта ва ё истифода карда натавонанд ба шарте, ки иттилоот:

а) ба он маънӣ махфӣ бошад, ки пурра ва ё қисман ба ҳамагон маълум ва осон дастрас ба шахсоне набошад, ки одатан бо ҳамин гуна иттилоот сару кор менамоянд;

б) вобаста ба махфияташ арзиши тиҷоратӣ дошта бошад;

в) предмети чораҳое бошад, ки барои нигаҳдории махфияташ аз ҷониби шахсе, ки тариқи назоратӣ ин иттилоотро бар дӯш дорад.

Ба ҳар ҳол, дар доираи созишномаи мазкур механизми ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба ухдадориҳои байналмилалии давлатҳои узви СУС муайян гардидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун аксари кишварҳои пешрафтаи дунё вобаста ба иттилоот санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқие қабул намудааст, ки ҳифзи иттилоотро натанҳо аз ҷониби тарафҳои шартнома [20], балки дар сатҳи давлатӣ кафолат медиҳанд. Аз ҷумла, ҳифзи иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муқаррароти қонунҳои соҳавии зерин кафолат дода мешавад:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2 декабри соли 2002;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» аз 10 майи соли 2002;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 22 апрели соли 2003;
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30 июли соли 2007;
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооот» аз 18 июни соли 2008;
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 18 июни соли 2008;
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» аз 26 декабри соли 2011;
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» аз 25 марти соли 2011.

Вобаста ба хусусиятҳои иттилооти махфӣ дар қисми 2 моддаи тафсиршаванда пешбинӣ мегардад, ки иттилооте, ки махфӣ мебошад, асосан иттилоотеро дарбар мегирад, ки ифшои он метавонад барои рақиб афзалиятро дар рақобат таъмин намояд ё ба тарафи пешниҳоднамудаи иттилоот ё тарафе, ки аз он иттилоот гирифта шудааст, таъсири назарраси манфӣ расонад.

Қонунгузор дар меъёри тафсиршаванда ду шарти муҳимеро пешбинӣ менамояд, ки мутобиқи он иттилоот метавонад хусусияти махфи гирад:

Шарти аввал, ифшои иттилоот аст, ки барои рақиб дар фаъолияти субъектони савдои хориҷӣ афзалиятро таъмин менамояд. Дар ин маврид рақобати бевиҷдонона ба вуҷуд меояд, ки он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиз дониста намешавад.

Шарти дувум, ҳангоми ифшои иттилооте, ки ба тарафи пешниҳоднамудаи иттилоот ё тарафе, ки аз он иттилоот гирифта шудааст, ба тарафҳо таъсири назарраси манфӣ расонида бошад. Қонунгузор дар ин ҳолат таъсири назарраси манфиро пешбинӣ нанамудааст. Ба ҳар ҳол, таъсири назарраси манфӣ метавонад дар ҳамагуна шакле ба вуҷуд ояд, ки боиси оқибатҳои ногувор барои субъекти фаъолияти савдои хориҷӣ гардад.

Таъмини ҳифзи иттилоот, ки хусусияти махфӣ дорад, мувофиқи қисми 3 меъёри тафсиршаванда ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатӣ ё ҳар мақоми давлатие, ки дар расмиёти марбут ба фаъолияти савдои хориҷӣ иштирок менамояд ё шахсони мансабдори онҳо вогузор гардидааст. Қонунгузор муқаррар намудааст, ки барои ифшои иттилооте, ки дархост дар бораи махфӣ будани он аз ҷониби тахвилгари он пешниҳод гардида, мутобиқи Қонуни мазкур бе иҷозати махсуси тахвилгари (соҳиби) иттилоот ба даст оварда шудааст, манъ аст.

Тартиби монанд нисбати намудҳои алоҳидаи иттилоот, мисли сирри давлатӣ, сирри бонкӣ, сирри андоз ва сирри суғуртавӣ паҳн мегардад. Аз ин рӯ, нигоҳ доштан ва ҳифз намудани иттилооте, ки дастрасии он маҳдуд гардидааст, яке аз масъалаҳои асосие аст, ки дар ҳама давру замон муҳим арзёбӣ мегардад. Дар меъёри тафсиршаванда ба иттилооти дастрасиаш маҳдуд рӯ оварда шудааст, ки мувофиқи қонунгузории ҷумҳурӣ вобаста ба низоми ҳуқуқиаш ба пинҳонӣ ва махфӣ ҷудо гардидааст. Навобаста аз ин алҳол табиати ҳуқуқии иттилооти пинҳонӣ ва махфӣ, ки метавонад дар фаъолияти савдои хориҷӣ

истифода гардад, ба пуррагӣ мавриди таҳлил қарор нагирифтааст. Аз ҷониби дигар давлат ба иттилоот ва дар маҷмӯъ дахлнопазирии шахс дар сатҳи конститутсионӣ, аз ҷумла меъёрҳои моддаҳои 23 ва 30 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ овар-да, кафолати ҳифзи он дода мешавад.

Аҳамияти иттилоот, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, аз ҷумла Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451 дарҷ гардидааст. Бо таваҷҷуҳ ба амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қисми 1.1. Консепсияи зикргардида сиёсати давлатии иттилоотӣ маҷмӯи тадбирҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ташкилии давлатро дарбар гирифтааст, ки ҳадафи он таъмини ҳуқуқи конститутсионии дастёбии шаҳрвандон ба иттилоот мебошад. Дар маҷмӯъ сиёсати давлатии иттилоотӣ манфиатҳои шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ васохторҳои тиҷоратиро инъикос намуда, ба инобат мегирад.

Махфият принсипест, ки дар моддаи 9 Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шахси мансабдори мақомоти маъмурӣ паҳн мегардад, ки ҳақ надорад иттилооти дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё шахсиро, ки дар ҷараёни расмиёти маъмурӣ ба даст овардааст, ошкор намояд ё ба мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода барад. Дар ин робита қонунгузор муқаррар менамояд, ин амал барои рад намудани расониданиёрии ҳуқуқӣ ба шахси муроҷиаткунандаи расмиёти маъмурӣ асос шуда наметавонад.

Ҳамин тавр, мақоми ваколатдори давлатӣ ё ҳар мақоми давлатие, ки дар расмиёти марбут ба фаъолияти савдои хориҷӣ иштирок менамояд ё шахсони мансабдори онҳо, ки дар баробари мавҷудияти дархости аз ҷониби таҳвилгар (соҳиби иттилооот) оид ба махфӣ будани иттилоот пешниҳод гардида мутобиқи ҳамин Қонун бе иҷозати махсус онро ифшо менамоянд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ба инобат гирифтан зарур аст, ки нисбати шахсони мансабдор барои вайрон намудан тартиби истифодаи иттилооти махфӣ, аз ҷумла, сирри давлатӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноӣ пешбинӣ гардидааст.

**Моддаи 13. Шаффофият**

**1. Ҳеҷ як чораи маҳдудкунанда то гузаштани 30 рӯз пас аз нашри расмии он эътибор пайдо карда наметавонад, агар бевосита дар Қонуни мазкур тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.**

**2. Мақоми ваколатдори давлатӣ бояд бо дархости хаттии шахси манфиатдор иттилоотро дар бораи татбиқи Қонуни мазкур пешниҳод намояд.**

Қисми 1 моддаи тафсиршаванда талаботи ягонаро оид ба таъмини принсипи шаффофият дар муносибатҳои савдои хориҷӣ муқаррар намудааст. Риояи принсипи шаффофият дар муносибатҳои савдоии хориҷӣ асосан дар заминаи механизми азназаргузаронии сиёсати савдо ва ба нашр расонидани ҳуҷҷатҳое, ки савдои хориҷиро ба танзим медароранд, имконпазир аст. Зеро, чунин як талабот аз муқаррароти моддаи X Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо бармеояд. Агар барои мисол дар доираи СУС мақсади азназаргузаронии сиёсати савдо мусоидат намудан ба низоми савдои бисёрҷониба тавассути ташхиси доимӣ, дастҷамъонаи сиёсати савдои кишварҳои узви СУС ҷиҳати таъмини уҳдадориҳои онҳо, дар шароити ошкоро, баҳогузорӣ ба оқибатҳои чораҳои қабулшавандаи сатҳи байнидавлатӣ ва байналмилалӣ бошад, пас иҷроиши он тавассути нашри ҳуҷҷатҳои дахлдори соҳа таъмин мегардад. Айни замон суръати азназаргузаронии сиёсати савдои кишварҳои алоҳида вобаста ба ҳиссаи онҳо дар савдои байналмилалӣ муқаррар мегардад.

Котиботи СУС азназаргузаронии сиёсати савдои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Ҷопон ва Канадаро дар 2 сол як маротиба, 16 кишвари дигари узвро вобаста ба аҳамияташон як маротиба дар 4 сол ва кишварҳои на он қадар рушднамударо як маротиб дар 10 сол мегузаронад. Кишвари ҳисоботдиҳанда оид ба савдои хориҷӣ ва сиёсати савдои худ маърӯзаи муфассал дар шакли хаттӣ пешниҳод менамояд. Ҳамин тариқ, иттилоот оид ба сиёсати савдои кишвар дар Шӯрои генералии СУС аз ҷониби намояндаи дахлдор тариқи шифоҳӣ пешниҳод мегардад. Дар навбати худ, Коти-

боти СУС такя ба манбаъҳои иттилооотии худ маърӯзаи алтернативӣ омода менамояд. Умуман маҷлисҳо дар шакли мубоҳиса гузаронида шуда, ба намояндаи кишвари дахлдор саволҳо, мулоҳизоти танқидӣ пешниҳод мегарданд. Маводҳои маҷлисҳои мазкур нашр гардида, итилоооти оморӣ бошад, ҳамасола дар шакли қаблан муқарраргардида ба Котиботи СУС пешниҳод мегардад.

Азназаргузаронии сиёсати савдоро баробари СУС, Конфронси СММ оид ба савдо ва рушд, ХБА, Бонки Умумиҷаҳонӣ, ТҲИУО [21], ТҲИР [22], ОЭСР ва сохторҳои ғайриҳукуматӣ ба мисли Форуми умумиҷаҳониии иқтисодӣ, ташкилотҳои илмӣ ва ширкатҳои хусусӣ гузаронида метавонанд.

Ҳамин тариқ, принсипи шаффофият алалхусус дар доираи фаъолияти СУС пешбинӣ менамояд, ки кишварҳои узв:

– уҳдоранд санадҳои меъёриро, ки соҳаи савдои хориҷиро ба танзим медоранд, ба нашр расонанд;

– институтҳои таҳқиқотиро барои ҳалли қарорҳое, ки ба фаъолияти савдои хориҷӣ дахл менамоянд, созмон дода, дастгирӣ намоянд;

– ба дархостҳои дигар кишварҳои узви СУС оид ба пешниҳоди иттилоот ҷавоб диҳанд;

– СУС-ро оид ба тағйиротҳо дар сиёсати савдои хориҷӣ огаҳ намоянд.

Нашри қоидаҳои савдо ба ҳукуматҳои кишварҳо ва соҳибкороне, ки ба фаъолияти савдо машғуланд, имкон медиҳад, ки бо иттилооти дахлдор саривақт шинос шаванд. Ҳамчун анъана санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳо, қоидаҳо, қарорҳои судӣ ва фармоишҳои маъмурӣ, ки хусусияти умумӣ дошта, ба фаъолияти савдои хориҷӣ дахл менамоянд, бояд ба нашр расонида шаванд. Дар иртибот ба ин масъала тартиби нашри расмӣ ва ғайрирасмии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла боби 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26 марти соли 2009 муайян намудааст.

Ягона истисное, ки дар ҳолати мазкур пешбинӣ мегардад, фош насохтани иттилооти махфиест, ки ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф бошад ва ба манфиатҳои қонунии корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ зарар расонад.

**Меры доверия** – чораҳои боварӣ, чораҳои эътимод
**Меры поощрения** – чораҳои ҳавасмандкунӣ
**Меры попечения** – чораҳои парасторӣ
**Меры предосторожности** – чораҳои эҳтиётӣ, тадбирҳои эҳтиётӣ
**Меры пресечения** – чораи пешгирӣ

| | |
|---|---|
| **Местничество** | – маҳалгароӣ, маҳалпарастӣ |
| **Местное самоуправление** | – худидоракунии маҳаллӣ |
| **Местное управление** | – идоракунии маҳаллӣ |
| **Местные налоги** | – андозҳои маҳаллӣ |
| **Место жительства гражданина** | – маҳалли зисти шаҳрванд |
| **Место нахождения обособленного подразделения юридического лица** | – маҳалли ҷойгиршавии воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ |
| **Место нахождения юридического лица** | – маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ |
| **Местожительство** | – истиқоматгоҳ, маҳалли зист |
| **Месть** | – интиқом, қасос |
| **Мститель** | – интиқомгир, қасосгир |
| **Место пребывания** | – ҷойи ҳозиршавӣ, маҳалли ҳозиршавӣ, маҳалли қарордошт |
| **Место жертвоприношения** | – қурбонгоҳ |
| **Место** | – ҷой, маҳал |
| **Место казни** | – қатлгоҳ |
| **Место наказания** | – ҷои ҷазо |
| **Мстящий** | – қасосгиранда |
| **Места лишения свободы** | – ҷойи (маҳалли) аз озодӣ маҳрумнамоӣ |
| **Места отбывания наказания** | – ҷойи (маҳалли) адои ҷазо |
| **Местная власть** | – ҳокимияти маҳаллӣ |
| **Местнические интересы** | – манфиатҳои маҳал |
| **Местные сборы** | – ғункуниҳои маҳаллӣ, ҷамъоварии маҳаллӣ |
| **Местный бюджет** | – буҷети маҳаллӣ |
| **Место заключения** | – маҳбусгоҳ |
| **Место происшествия** | – ҷои воқеа |
| **Место открытия наследства** | – ҷои кушодашавии мерос |
| **Месторождение** | – ҷои таваллуд |
| **Место совершения преступления** | – ҷои содир кардани ҷиноят |
| **Метод** | – метод |
| **Метод правового регулирования** | – методи танзими ҳуқуқӣ |
| **Метрическое свидетельство о рождении** | – шаҳодатномаи таваллуд |
| **Метрическая выписка о рождении** | – нусхаи шаҳодатномаи таваллуд |
| **Меценат** | – ҳомӣ |
| **Меценатство** | – ҳомигӣ, ҳимоят |
| **Меч правосудия** | – шамшери адолат |
| **Мечеть** | – масҷид |
| **Мешочник** | – ҳаннот, фиребгар |
| **Мёртвый** | – мурда |
| **Мысль** | – фикр |
| **Мыслитель** | – мутафаккир |
| **Мысленный образ** | – тасвири тасаввурӣ |
| **Мигранты** | – муҳоҷирон |
| **Миграция** | – муҳоҷират |
| **Миграция рабочей силы** | – муҳоҷирати қувваи корӣ |
| **Миграция капитала** | – интиқоли сармоя |
| **Мизантропия** | – одамбезорӣ, мардумгурезӣ |
| **Милость** | – эҳсон, накӯкорӣ |
| **Милиция** | – милитсия |
| **Милиционер** | – милитсионер |
| **Министр** | – вазир |
| **Министерство** | – вазорат |
| **Министерство внутренних дел** | – вазорати корҳои дохилӣ |

**Министерство иностранных дел** – вазорати корҳои хориҷӣ
**Министерство финансов** – вазорати молия
**Министерство юстиции** – вазорати адлия
**Мир** – сулҳ
**Миролюбивый** – сулҳдӯст
**Миролюбие** – сулҳдӯстӣ
**Мирно** – сулҳдӯстона, созишкорона
**Мировое соглашение** – созишномаи мусолиҳа
**Митинг** – гирдиҳамоӣ
**Микрокредит** – кредити хурд
**Микрокредитная депозитная организация** – ташкилоти амонатии кредитии хурд
**Микрокредитная организация** – ташкилоти кредитии хурд
**Микрокредитный фонд** – фонди кредитии хурд
**Микрозайм** – қарзи хурд
**Миловать** – аз гуноҳ гузаштан, авф кардан
**Минимальная прожиточная норма** – меъёри ҳадди ақали зист
**Минимальная заработная плата** – музди ақали меҳнат
**Министерский портфель** – мартабаи вазир
**Министр без портфеля** – вазири бевазифа
**Мировая валютная система** – низоми асъори ҷаҳонӣ
**Мирное разрешение международных споров** – бо роҳи осоишта ҳал намудани баҳсҳои байналмилалӣ
**Мировая сделка** – аҳди хушӣ ба хушӣ
**Мировая экономика** – иқтисоди ҷаҳонӣ
**Мировое соглашение** – созишномаи оштишавӣ
**Мировое сообщество** – ҷомеаи ҷаҳонӣ
**Мировой посредник** – миёнарави оштидиҳанда
**Мировой рынок** – бозори ҷаҳонӣ
**Мировой суд** – суди мусолиҳа
**Мировой судья** – судяи мусолиҳа
**Мироед** – муфтхӯр, ҳаққимардумхӯр, золим
**Мироедство** – муфтхӯрӣ, золимӣ
**Миролюбивая политика** – сиёсати сулҳпарварона
**Миротворческая деятельность** – фаъолияти сулҳоварӣ
**Миротворчество** – сулҳоварӣ, оштидиҳӣ
**Миссия** – рисолат
**Мистификатор** – фиребгар, қаллоб
**Мистификация** – фиребгарӣ, қаллобӣ
**Мнение** – фикр, андеша, мулоҳиза
**Мнимая сделка** – аҳди сохта
**Многобрачие** – бисёрникоҳӣ
**Многовластие** – бисёрҳокимиятӣ
**Многогражданство** – бисёршаҳрвандӣ
**Многодетность** – серфарзандӣ
**Многодетный** – серфарзанд
**Многоженство** – бисёрзанӣ, серзанӣ
**Многомужество** – сершавҳарӣ
**Многонациональное государство** – давлати сермиллат
**Многосемейный** – оилааш калон
**Многостепенные выборы** – интихоби бисёрдараҷагӣ (бисёрзинагӣ)
**Мнительный** – васвосӣ, ваҳмак, нобовар
**Многозначный** – сермаъно
**Многомандатный избирательный округ** – ҳавзаи интихобии бисёрмандатӣ

| | |
|---|---|
| **Многоотраслевой** | – серсоҳа, бисёрсоҳа |
| **Многопартийность** | – бисёрҳизбӣ |
| **Многосторонний договор** | – шартномаи бисёртарафа |
| **Многосторонний международный договор** | – шартномаи бисёртарафаи байналмилалӣ |
| **Мобилизационный резерв** | – захираи сафарбарӣ |
| **Мобилизация** | – сафарбаркунӣ |
| **Могильный вор** | – дузди гӯрӣ |
| **Модельный закон** | – қонуни намунавӣ |
| **Молодая женщина** | – ҷавонзан, зани ҷавон |
| **Молодая семья** | – оилаи ҷавон |
| **Молодежное общественное объединение** | – иттиҳоди ҷамъиятии ҷавонон |
| **Молодёжь** | – ҷавонон |
| **Молодой** | – ҷавон |
| **Молодые специалисты** | – мутахассисони ҷавон |
| **Молчание** | – хомӯшӣ, сукут |
| **Момент фактического задержания** | лаҳзаи воқеан дастгиркунӣ |
| **Монарх** | монарх |
| **Монархия** | – шоҳӣ, мутлақият |
| **Мониторинг** | – мушоҳида, мониторинг |
| **Монополизм** | – инҳисорӣ, монополизм |
| **Монополистическая деятельность** | – фаъолияти инҳисорӣ |
| **Монополистические действия** | – амалҳои инҳисорӣ |
| **Монополия** | – инҳисор |
| **Монопольная цена** | – нархи инҳисорӣ |
| **Монета** | – танга, сикка |
| **Моногамия** | – якникоҳӣ |
| **Монопольно высокая цена** | – нархи баланди инҳисорӣ |
| **Монопольно низкая цена** | – нархи пасти инҳисорӣ |
| **Монопсония** | – бозори моли серфурӯшандаю камхаридор |
| **Мораль** | – маънавият, ахлоқ, хулқ |
| **Моральная ответственность** | – ҷавобгарии маънавӣ |
| **Моральные права автора** | – ҳуқуқи маънавии муаллиф |
| **Моральные терзания** | – азоби рӯҳӣ |
| **Моральные устои** | – қоидаҳои ахлоқ |
| **Моральный вред** | – зарари маънавӣ |
| **Моральный дух** | – рӯҳияи маънавӣ |
| **Моральный облик** | – симои маънавӣ |
| **Мораторий** | – моратория (дароз кардани муҳлати иҷрои – уҳдадориҳо) |
| **Морг** | – мурдахона |
| **Морское право** | ҳуқуқи баҳрӣ |
| **Морское страхование** | – бимаи баҳрӣ |
| **Морской протест** | – эътирози баҳрӣ |
| **Морской разбой** | – роҳзании баҳрӣ |
| **Морфий** | – морфий, ҷавҳари тарёк |
| **Морфилизм** | – нашъамандӣ |
| **Морфинист** | – нашъаманд, бангӣ |
| **Мотив** | – сабаб, ҳадаф, ангеза |
| **Мотив преступления** | – сабаби ҷиноят, ангезаи ҷиноят |
| **Мотивированность** | – сабабнокӣ |
| **Мотивированный** | – сабабнок, ангезанок |
| **Мотивировать отказ** | – ради асоснок |
| **Мотивировочная часть резолюции** | – қисми асоснокии қатънома |

**Мотивировка** – асосноккунӣ
**Мошенник** – фиребгар, маккор, қаллоб
**Мошеннические замашки** – кирдорҳои фиребгарона
**Мошеннические проделки** – ҳилаю найранги фиребгарона
**Мошенничество** – қаллобӣ
**Мститель** – интиқомҷӯй, интиқомгир, ниқоргир, қасосгир
**Мстить** – интиқом, қасос
**Мужеложство** – бачабозӣ
**Мужеубийство** – шавҳаркушӣ
**Мужчина** – мард
**Мулла** – мулло
**Муссировать** – муболиға кардан
**Муссировать слухи** – овозаҳоро муболиға кардан
**Мусульманин** – мусулмон
**Мусульманский законовед** – фақеҳ
**Мусульманское право** – ҳуқуқи мусулмонӣ
**Муфтий** – муфтӣ
**Мучить** – азиятдиҳӣ
**Мучение** – азият
**Муштра** – таъдиб
**Мятеж** – исён
**Мятежник** – исёнгар
**Мятежно** – исёнгарона

# НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ СОХТОРИ ДАВЛАТӢ, МАҚОМОТИ СУДӢ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

Дар соли 2015 ба Қонунҳои зерин тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд:

– Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар қисми дуюми моддаи 25 дар сархати чорум калимаи «дархости» ба калимаи «пешниҳоди» иваз карда шуд. Дар сархати панҷум калимаҳои «унвонҳои пасттари» ва «ато менамояд» мувофиқан ба калимаҳои «бо унвонҳои якуми» ва «сарфароз менамояд» иваз карда шуданд. Дар сархати ҳаштум калимаҳои «ҳалок гардидаанд, вафот кардаанд» ба калимаҳои «ҳалок гардидаанд (вафот кардаанд)» иваз карда шуданд. Аз сархати даҳум калимаҳои «, иҷрои хизмати қаровулҳо ва дастаҳои посбонони ҳарбӣ» хориҷ карда шуданд.

Дар қисми 3 моддаи 26 сархати дуюм дар таҳрири зайл ифода карда шуд: «- мувофиқи фармоиши Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба такмили фаъолият, сохтори қӯшунҳои дохилӣ ва гузаронидани чорабиниҳои ташкилӣ таклифҳо пешниҳод менамояд;»

Аз сархати чорум калимаҳои «, дар штатҳои қисмҳо, муассисаҳо ва таълимгоҳҳои ҳарбӣ дар ҳудуди шуморае, ки барои қӯшунҳои дохилӣ муқаррар шудааст, тағйирот ба амал меоварад» хориҷ карда шуд. Сархати шашум дар таҳрири зайл ифода карда шуд: «- афсаронро ба мансабҳои то муовини командири қисми ҳарбӣ, муовини сардори шуъбаи Раёсати қӯшунҳои дохилӣ таъин мекунад;».

Дар қисми якуми моддаи 27 калимаҳои «воҳиди сохтории дастгоҳи марказии» ба калимаҳои «дар нақшаи идоракунии» иваз карда шуданд.

– Ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 2 моддаи 69 пас аз калимаи «махсусгардонидашуда» калимаҳои «, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ муқаррар намудаанд» илова карда шуданд. Дар моддаи 87 ба қисми 2 пас аз калимаи «намунааш» калимаҳои «аз тарафи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шуданд. Дар қисми 3 калимаи «намунаи» ба калимаҳои «намунааш аз тарафи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шуданд.

Ба моддаи 229 қисми 5 бо мазмуни зайл илова карда шуд: «5. Ҳангоми дар мӯҳлати пешбининамудаи Кодекси мазкур иҷро накардани қарор оид ба таъин кардани ҷазои маъмурӣ дар намуди ҷарима, иҷрои маҷбурии қарори мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» амалӣ карда мешавад.».

– Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сархати панҷуми қисми 2 моддаи 33 пас аз калимаҳои «маъмурие, ки» калимаҳои «тавассути воситаҳои махсуси техникии низоми худкори идоракунӣ дар соҳаи нақлиёт сабт шудаанд ё» илова карда шуданд.

Моддаи 315 дар таҳрири зерин ифода карда шуд. «Моддаи 315. Идора кардани воситаи нақлиёт бе муоинаи ҳатмии техникии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ

1. Барои аз тарафи ронанда идора кардани воситаи нақлиёте, ки дар мӯҳлати муқаррарнамуда аз муоинаи ҳатмии техникии давлатӣ нагузаштааст, -

ба андозаи се нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

2. Барои аз тарафи ронанда идора кардани воситаи нақлиёт ҳангоми надоштани ҳуҷҷат дар бораи суғуртаи ҳатмӣ, -

ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.».

Дар моддаи 323 қисми 2 бо мазмуни зерин ифода карда шуд: «2. Барои дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдорҳое, ки дар қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, -

ба андозаи аз ду то се нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.»;

Дар моддаи 324 қисми 1 дар таҳрири зайл ифода карда шуд: «Барои аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёт риоя накардани талаботи аломатҳои роҳ, нишонаҳои роҳ, истифодаи асбобҳои равшанкунанда ҳангоми шаб ё равшании начандон зиёд, истгоҳи нақлиёти ҷамъиятӣ, гузаргоҳҳо барои пиёдагардон, ҳаракат тавассути пайроҳаҳо, роҳҳои пиёда-

гард, хатти ҳаракат барои воситаҳои нақлиёти маршрутӣ ё аз канори чапи роҳ ҳангоми мавҷудияти хатти холӣ дар ҳамон самт, барои нигоҳ доштани воситаҳои нақлиёт дар хатти ҳаракат барои воситаҳои нақлиёти маршрутӣ, ҳудуди чорроҳаҳо ва роҳҳои пиёдагард, дар хатҳои ҳаракат дар роҳ, ба ғайр аз хатти якуми ҳаракат дар ҳамон самт, инчунин ба вуҷуд овардани монеа ба ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳ дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои истгоҳ, -

ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад».

– қисми 2 ҳамин модда хориҷ карда шуд.

Дар қисми 1 моддаи 462 калимаҳои «ё таҷҳизоти таъмирии садобардор» ба калимаҳои «, техника ё таҷҳизоти сохтмонию таъмирии садобардор» иваз карда шуданд.

Санксияи қисми 1 дар таҳрири зайл ифода карда шуд: «ба шахсони воқеӣ огоҳӣ дода мешавад ё ба андозаи аз ду то се, ба шахсони мансабдор аз панҷ то ҳафт ва ба шахсони ҳуқуқӣ огоҳӣ дода мешавад ё ба андозаи аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад».

– ба санксияи қисми 3 пас аз калимаҳои «аз даҳ то понздаҳ» калимаҳои «ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз бист то сӣ» илова карда шуданд.

– Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи $307^{1}$:

– санксияи қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шуд: «бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад».

– санксияи қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шуд: «бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад».

Дар моддаи $307^{2}$ :

– дар санксияи қисми 1 калимаҳои «аз панҷ то ҳашт сол» ба калимаҳои «аз ҳашт то дувоздаҳ сол» иваз карда шуданд.

– дар санксияи қисми 2 калимаҳои «ҷарима ба андозаи як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё» хориҷ карда шуда, калимаҳои «аз ду то панҷ сол» ба калимаҳои «аз чор то ҳафт сол» иваз карда шуданд.

– дар санксияи қисми 3 калимаҳои «аз ҳашт то дувоздаҳ сол» ба калимаҳои «аз дувоздаҳ то понздаҳ сол» иваз карда шуданд.

Дар моддаи $307^{3}$:

– дар санксияи қисми 1 калимаҳои «аз панҷ то ҳашт сол» ба калимаҳои «аз ҳафт то даҳ сол» иваз карда шуданд.

– санксияи қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шуд: «бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо дода мешавад».

Дар моддаи $307^{4}$:

– дар санксияи қисми 1 калимаҳои «аз панҷ то ҳашт сол» ба калимаҳои «аз ҳашт то дувоздаҳ сол» иваз карда шуданд.

– дар санксияи қисми 2 калимаҳои «аз ҳашт то дувоздаҳ сол» ба калимаҳои «аз дувоздаҳ то понздаҳ сол» иваз карда шуданд.

– Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қисми 5 моддаи 13 бо мазмуни зерин илова карда шуд: «5. Шаҳрванде, ки ба хизмати давлатӣ қабул шудааст, бояд дар муҳлати на дертар аз понздаҳ рӯз баъди ба хизмати давлатӣ дохил шудан ҳиссаи дар сармояи оинномавии (шариконаи) ташкилотҳои тиҷоратӣ доштаашро ба шахси дигар бо ҳуқуқи идораи ба боварӣ асосёфта диҳад».

Дар қисми 2 моддаи 14 калимаи «давлатиро» ба калимаҳои «давлатӣ ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои ба он дӯхташавандаро,» иваз карда шуд.

Ба қисми 1 моддаи 19 пас аз калимаҳои «муассисаҳои таълимии» калимаи «таҳсилоти» илова карда шуд.

Дар қисми 1 моддаи 23:

– сархати сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шуд: «-қатъ намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гирифтани шаҳрвандии давлати хориҷӣ ё тарки доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон;».

– сархати панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шуд: «-эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунии суд;»

– сархати шашум бо мазмуни зерин илова карда шуд: «-эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи маҳдуд намудани қобилияти амал ё ғайри қобили амал эътироф шудани хазматчии давлатӣ;».

Дар қисми 1 моддаи 27:

– ба сархати шашум пас аз калимаҳои «дахл дорад,» калимаҳои «аз ҷумла делои шахсӣ» илова карда шуданд.

– ба сархати ҳаштум пас аз калимаҳои «талаб намояд» калимаҳои «ва бо натиҷааш шинос шавад» илова карда шуданд.

Ба моддаи 30 сархати чорум-ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шуданд: «-ба ҳайати мақомоти идоракунӣ, шӯроҳои нозирон ё парасторон, мақомоти дигари ташкилотҳои ғайритиҷоратии хориҷӣ ва воҳидҳои сохтори онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардад, агар қонунгузорӣ ё шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд;

– дар идораи фаъолияти ҷамъияти хоҷагидор ё дигар ташкилоти тиҷоратӣ иштирок кунад, аз ҷумла ба ҳайати мақомоти идоракуни ташкилоти тиҷоратӣ, ки узвият дар онҳо бе изҳори иродаи махсуси фардӣ ғайриимкон аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст;

– дар бонкҳои хориҷие, ки берун аз аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд, суратҳисобҳо кушояд ва пасандозҳо дошта бошад, пули нақд ва ашёи қиматнокро нигоҳ дорад, дигар воситаҳои молиявии хориҷӣ дошта бошад ва (ё) аз онҳо истифода барад;

– ба фаъолияти мақомоти дигари давлатӣ, ки ба доираи ваколати мансабиаш дохил нест, дахолат намояд;».

Дар моддаи 42 пас аз калимаҳои «метавонанд ба» калимаҳои «мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ ё» илова карда шуданд.

– Ба моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» қисми 3 бо мазмуни зайл илова карда шуд: «Бо дархости субъекти асосии бевосита бар зидди терроризм мубориза баранда, хизматрасонии алоқаи барқӣ ва истифодабарии воситаҳои вобаста ба он дар минтақаи гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ, инчунин дар тамоми қаламрави кишвар ва ё минтақаҳои ҷудогонаи он метавонад муваққатан боздошта шавад».

Ҳамзамон, соли сипаригашта, бо мақсади тақвияти асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии Ватан, пойдориву бардавомии давлати Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» қабул гардид, ки тибқи он ба сифати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки барои халқи Тоҷикистон хизматҳои бузургу беназир кардаанд, эътироф карда шуд.

Қонуни мазкур мафҳум ва вазъи сиёсӣ-ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, имтиёзу кафолатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ӯро дар давраи фаъолият ва баъди қатъ гардидани фаъолияти президентиаш муайян менамояд. Ба монанди: ҳатмӣ будани ба инобатгирии муроҷиати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ба халқи Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба масъалаҳои муҳими сохтори давлатӣ, амнияти кишвар, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ барои мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ; таъсиси орден ва ҷоизаи давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат; дахлнопазирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат; таъмини фаъолият ва амнияти ӯ; таъмини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат бо воситаҳои алоқа, манзили истиқоматӣ, нақлиёт, хизматрасонии тиббӣ ва табобатию истироҳатӣ, нафақа ва суғуртаи ҳаёт ва саломатӣ; таъсиси осорхона, китобхона ва бойгонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат.

**Алиева П.Ҳ.,**
**муовини сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ ГРАЖДАНӢ, СОҲИБКОРӢ ВА ОИЛАВӢ

Дар семоҳаи якуми соли 2016 дар қонунгузории граждании ва соҳибкорӣ як қатор навигариҳо ба вуҷуд омаданд. Аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 қонуни нав қабул гардид ва ба 3 қонуни амалкунандаи зерин тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шудааст:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ»;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ»;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор».

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» аз 10 майи соли 2002, таҳти № 56 якчанд тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии танзим ва идоракунии фаъолият дар соҳаи бунёд, амал ва рушди алоқаи барқиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, салоҳияти мақомоти идораи давлатӣ ва танзими соҳаи мазкур, инчунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки дар ин кор иштирок мекунанд ё аз хизмати алоқаи барқӣ истифода мебаранд, муайян мекунад. Ба қисми якуми моддаи 6 сархатҳои чорум ва панҷум илова карда шуд, ки тасдиқи тартиб ва талаботи пайвастшавӣ ба шабакаи алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он ва тасдиқи тартиби хизматрасонӣ ва истифодабарии алоқаи радифиро дарбар мегирад. Сархати даҳуми қисми якуми моддаи 10 хориҷ карда шуд. Ба қисми якуми моддаи 20 сархати панҷум илова карда шуд, ки он тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи азнав бақайдгирии симкортҳои истифодабарандагонро дарбар мегирад. Ва ба қисми якуми моддаи 21 сархати чорум илова шуд: *«– симкортҳои худро дар операторони хизмати алоқаи барқӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба қайд гиранд;»*

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ » аз 28 феврали соли 2004, таҳти № 16 муносибатҳои молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ба онҳо алоқамандро, ки бинобар офариниш, ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодабарии намунаҳои саноатӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, танзим мекунад. Тағйиру иловаҳо бо мақсади мутобиқ будан ба санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» ва дигар қонунҳои амалкунанда ворид гардидааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 2 августи соли 2011, таҳти № 751 қабул шудааст. Дар тағйироти воридшуда сархати шашуми банди 5, сархати сеюми банди 7 ва сархатҳои дуюм, нуҳум, даҳуми банди 11 моддаи 29 хориҷ карда шуданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» 25 декабри соли 2015, таҳти № 1269 қабул шуда, аз 6 бобу 46 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии гузаронидани санҷиш, тартиб ва расмиёти ягонаи гузаронидани он, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидор, шахсони мансабдори мақомоти санҷиширо муқаррар намуда, ба ҳифзи саломатӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, муҳити зист, амнияти миллӣ ва ҳимояи фаъолияти субъектҳои хоҷагидори санҷидашаванда, новобаста аз шакли моликияташон, равона карда шудааст.

**Исмоилова М.,**
**мутахассиси пешбари**
**шуъбаи қонунгузории**
**граждании, соҳибкорӣ ва оилавӣ**

# НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ

Дар семоҳаи чоруми соли 2015 дар қонунгузории соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоӣ як қатор навигариҳо вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда ба назар мерасанд, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» аз 25 декабри соли 2015, №1264.

Ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ва инчунин вобаста ба талаботи ҳаёти ҷомеа 25 декабри соли 2015 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1994 «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» як қатор тағйирот ворид карда шуданд.

Аз ҷумла, дар қисми якуми моддаи 1 банди а) дар сархати якум калимаҳои «Вазоратҳои амният ва корҳои дохилӣ ва қӯшуни» ба калимаҳои «Бехатарии давлатӣ, қӯшунҳои дохилӣ ва» иваз карда шуданд; дар сархати сеюм калимаҳои «судяҳо, коркунони прокурорию тафтишотии мақомоти прокуратураи» ба калимаҳои «судяҳои Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои ҳарбии гарнизонҳо (минбаъд – судяҳои суди ҳарбӣ) ва кормандони мақомоти прокуратураи ҳарбии» иваз карда шуданд; дар қисми дуюм калимаҳои «шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» иваз карда шуданд.

Дар моддаи 2 дар ном ва қисми сеюм калимаҳои «Дар асосҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «Тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ» иваз карда шуданд; дар қисмҳои якум ва дуюм калимаҳои «шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» иваз карда шуданд; қисми чорум бо мазмуни зайл илова карда шуд: «Ба шахсони дар қисми якуми моддаи 1 ҳамин Қонун номбаршуда, ки дар ташкилотҳои худмаблағгузори ҳарбикунонидашуда хизмат мекунанд ва таъминоти пулии онҳо аз ҳисоби ин ташкилот пардохт мешаванд, таъин ва пардохти нафақаашон тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» амалӣ карда мешаванд.

Дар моддаи 4 калимаҳои «судяҳо ва кормандони прокурорию тафтишотии мақомоти прокуратураи» ба калимаҳои «судҳои суди ҳарбӣ ва кормандони мақомоти прокуратураи ҳарбии» иваз карда шуданд.

Дар банди а) қисми якуми моддаи 5 калимаи «судя» ба калимаҳои «судяи суди ҳарбӣ» ва калимаи «прокуратура» ба калимаҳои «прокуратураи ҳарбӣ» иваз карда шуданд.

Ба моддаи 10 пас аз калимаи «онҳо» калимаҳои «(ба истиснои дар қисми чоруми моддаи 2 ҳамин Қонуни зикршуда)» илова карда шуданд.

Дар моддаи 11 ба банди а) қисми якум пас аз калимаҳои «Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон,» калимаҳои «судяҳои суди ҳарбӣ, кормандони мақомоти прокуратураи ҳарбӣ ва» илова карда шуданд; аз банди д) қисми якум калимаҳои «Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати судҳо, ки аз мақомоти суд озод карда шудаанд ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати кормандони прокурорию тафтишотӣ, ки аз мақомоти прокуратура озод карда шуданд,» хориҷ карда шуданд; дар қисми дуюм калимаҳои «Ҷузъу томҳои Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон, воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,» хориҷ карда шуда, калимаҳои

«суд, мақомоти прокуратураи» ба калимаҳои «суди ҳарбӣ ва прокуратураи ҳарбии» иваз карда шуданд.

Матни моддаи 13 дар таҳрири зайл ифода карда шуд: «Барои аз рӯи собиқаи хизмат ба нафақа баромадан шахсони дар қисми якуми моддаи 1 ҳамин Қонун зикршуда, ки то рӯзи аз хизмат ҷавоб шуданашон дар хизмати ҳарбӣ ва (ё) хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ, системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, гумрук, Агентии назорати маводи нашъовари назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон, воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Точикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти прокуратураи ҳарбӣ ва дар вазифаи судяи суди ҳарбӣ 25 сол ва зиёда аз он собиқаи хизмат доранд, ҳуқуқ доранд.»

Матни моддаи 14 дар таҳрири зайл ифода карда шуд: «Андозаи нафақа ба шахсони дар қисми якуми моддаи 1 ҳамин Қонун зикршуда, ки 25 сол собиқаи хизмат доранд, 65 фоизи маблағи дахлдори таъминоти пулӣ, ки дар моддаи 43 ҳамин Қонун пешбинӣ шудааст ва барои ҳар соли зиёда аз 25 сол 3 фоизи маблағи таъминоти пулӣ, вале ҷамъан на зиёда аз 80 фоизи маблағи таъминоти пулӣ, муқаррар карда мешавад.

Дар мавриди такроран ба хизмати ҳарбӣ ё ба мақомоти корҳои дохилӣ, муассиса ва мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, мақомоти гумрук, ҷузъу томҳои Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар вазифаи судяи суди ҳарбӣ, мақомоти прокуратураи ҳарбӣ ва инчунин дар хизмати давлатӣ ба хизмат таъин шудани шахсони дар ҳамин мода зикршуда, ки нафақа мегиранд, нафақаи онҳо қатъ карда мешавад ва ҳангоми минбаъд аз хизмат ҷавоб додани онҳо пардохти нафақа ба онҳо дар асоси собиқаи хизмат дар рӯзи охирини аз хизмат ҷавоб шуданашон аз нав барқарор карда мешавад.»

Дар моддаи 18 дар қисми якум дар ҷумлаи якум калимаҳои «банди «а»-и» хориҷ карда шуда, калимаҳои «судя», «прокуратура» ва «судяҳо, кормандони прокурорию тафтишотии мақомоти прокуратура» мувофиқан ба калимаҳои «судяи суди ҳарбӣ», «прокуратураи ҳарбӣ» ва «судяҳои суди ҳарбӣ, кормандони мақомоти прокуратураи ҳарбӣ» иваз карда шуданд; ҷумлаи дуюм хориҷ карда шуд; ҷумлаи сеюм қисми дуюм ҳисобида шуд. қисми чорум бо мазмуни зайл илова карда шуд: «Ба собиқаи хизматии умумӣ барои таъин намудани нафақа ба шахсони дар моддаи 1 ҳамин Қонун зикршуда ҳисоб намудани собиқаи ғайринизомӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.».

Дар моддаи 43 калимаи «судяҳо, кормандони прокурорию тафтишотии мақомоти прокуратура» ба калимаҳои «судяҳои суди ҳарбӣ ва кормандони мақомоти прокуратураи ҳарбӣ» иваз карда шуда, пас аз калимаҳои «шароитҳои махсус» калимаҳои «ва ҷубронпулиҳо барои ивази сару либоси махсус ва хӯрокворӣ» илова карда шуданд.

Дар моддаи 48 ба номи модда пас аз калимаи «ноҳиявӣ» калимаҳои «ва коэффисиентҳо барои минтақаҳои биёбон, беоб ва баландкӯҳ» илова карда шуданд; ба матни модда пас аз калимаи «ноҳиявӣ» калимаҳои «ва коэффисиентҳо барои минтақаҳои биёбон, беоб ва баландкӯҳ» пас аз калимаҳои «муқаррар шудааст,» калимаҳои «Тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон» илова карда шуданд.

Аз моддаи 50,51 калимаҳои «Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шуд; дар қисми дуюм калимаҳои «шаҳрвандон дар Ҷумҳурии тоҷикистон» ба калимаҳои «шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» иваз карда шуд.

Дар моддаи 65 калимаҳои «Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шуда, калимаҳои «Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шуданд.

**Нуров Ҳофиз,**
**мутахассиси пешбари шуъбаи**
**қонунгузорӣ оид ба меҳнат,**
**муҳоҷират ва иҷтимоӣ**

**Саидвализода Барно Саидбек,**
*муовини Сардори Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ, дотсент*

# ПЕШВОИ СУЛҲОФАРИН

Дар партави ҷашни 25 – солагии Истиқлолияти кишварамон қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» бори дигар муҳаббату қадршиносии мардумро ба Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нишон дод. Ин санади муҳим баёнгари эҳсоси худшиносии милливу ифтихори ватандорӣ ва самимияти беандозаи ҳар фарди худогоҳи кишвар ба Сарвари давлатамон мебошад.

Агар ба таърих рӯй оварем, Президенти кишвар дар марҳилаи бениҳоят ҳассос, ки ҷанги таҳмилӣ кишварамонро фаро гирифта буд, дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гашт. Аз рӯзҳои аввали ба мансаби Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шудан, Сарвари давлат бо амалӣ намудани иқдому амалҳои шоистаи хеш баҳри барқарор намудани сулҳ, баргардонидани гурезаҳо, халъи силоҳ намудани гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ, бо озуқа таъмин кардани мардум боварию маҳбубияти мардумро соҳиб шуд. Дар чунин вазъияти хатарнок, ки мардум ба ояндаи нек бовар надоштанд, бо сарварии Раиси Шӯрои Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 74 санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, ба монанди қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», «Дар бораи Парчами давлатӣ», «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд», қабул гаштанд. Сиёсати сулҳпарваронаи Сарвари давлатамон ва тавсиби ин қонунҳо ба барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишварамон мусоидат намуд. Бо ин тадбирҳои амалисохтаашон Президенти кишвар ба фаъолияти қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол ибтидо гузоштанд. Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ба даст овардани якдигарфаҳмӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ нафаронеро, ки ба гумроҳӣ рафта, ғайриқонунӣ силоҳ гирифта, ба кирдорҳои зиддиҳуқуқии мусаллаҳона даст зада буданд, авф намуд. Дарвоқеъ, авф кардан, бахшидани гуноҳи ҳамдигар бузургтарин ойини ҷавонмардист ва на ҳар фард метавонад инро ба мухолифи худ раво бинад. Аммо Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки худ дили бузургу бахшанда доранд, ин бахшоишро ба хотири сулҳи пойдор, зиндагии шоистаи мардум ба мухолифон раво донистанд. Рисолати ҷавонмардӣ, саховату бахшандагии Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади оромию тинҷии кишвар дар фармонҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз моҳи июли соли 1993, аз моҳи августи соли 1994, қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 1997 «Дар бораи авфи иштироккунандагони муқовиматҳои сиёсӣ ва низомӣ» таҷассум ёфтааст. Чунин сиёсати хирадмандонаю сулҳофарини Сарвари давлатамон буд, ки санаи 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба тавсиб расид.

Муҳимтарин дастоварди таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид, он аст, ки вай тавонист дар кӯтоҳтарин муддат оташи ҷанги хонумонсӯзи дохилиро дар Тоҷикистон хомӯш ва давлати тозаистиқлоли тоҷиконро аз фаношавӣ раҳо созад.

Фаъолияти минбаъдаи ҳуқуқэҷодкунии Сарвари давлатамон дар таҳия ва тасвиби Конститутсияи (Сарқонуни) кишварамон дарҷ гаштааст, ки ин ҳуҷҷати тақдирсоз баъдан аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ дар қатори панҷ Конститутсияи (Сарқонуни) беҳтарину мардумтарин давлатҳои узви Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо dониста шудааст.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз давраи истиқлолият пайдо намудани кишвар то имрӯз

аз ҷониби Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зиёда аз 350 қонун ва 20 Кодекс, ба монанди кодексҳои гражданӣ, мурофиаи гражданӣ, ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, меҳнат, оила, манзил, андоз, гумрук, замин ва ғайраҳо ба тасвиб расидааст.

Таҳия ва қабули қонунҳо, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заҳмати бениҳоят зиёдро тақозо мекунад ва чунин заҳматро танҳо нафаре дарк карда метавонад, ки худ дар таҳияи санади меъёрии ҳуқуқие саҳм гузоштааст ва ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ машғул аст. Боиси қайд аст, ки тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тасвиб мерасанд, ифодагари манфиатҳои мардум, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти кишвар, тақвият бахшидани қонун, рушди иқтисодиёт ва соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ мебошанд.

Агар аз сиёсати хориҷии кишвар ҳарф занем, имрӯз бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишварамон бо зиёда аз 150 давлати ҷаҳон, аз ҷумла бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, ба мисли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони умумиҷаҳонии Савдо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай ва ғайраҳо ҳамкориҳои судманд дорад.

Барои дастгириву ҳавасмандгардонии ҷавонон бошад, аз ҷониби Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор имтиёзҳо, аз қабили стипендияҳои президентӣ, квотаи президентӣ, стипендияи байналмилалии президентӣ “Дурахшандагон”, грантҳои Ҳукумати Тоҷикистон барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон, ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ, дастгириҳои давлатӣ оид ба ҷудо кардани манзил, қитъаи замин муқаррар гардидааст, ки моро водор месозад, ки тамоми қувва, неру ва донишамонро баҳри ободию осоиштагии кишвар равона созем.

# ҲИСОБОТИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2015

Дар соли 2015 Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани сифату самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар асоси Низомномаи Марказ, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро идома дода, як зумра корҳоро ба анҷом расонид.

Ҷиҳати баланд бардоштани сифати қонунҳо, бартараф кардани мухолифати байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мукаммалсозии онҳо Марказ ба зиёда аз 100 лоиҳаи қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, созишномаҳои байналмилалӣ, консепсияҳо ва барномаҳо хулосаҳои ҳуқуқӣ дод, ки дар маҷмӯъ зиёда аз 500 таклифу пешниҳодҳоро дарбар мегирад, аз ҷумла: хулосаҳо ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; ба лоиҳаи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон; «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; ба лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҳуқуқуйронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва лоиҳаи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон; «Дар бораи асосҳои фаъолият оид ба пешгирии ҷиноят»; «Дар бораи силоҳ»; «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»; «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»; «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи гарави молу мулки манқул»; «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор»; «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»; «Дар бораи истифодаи манъбаҳои барқароршавандаи энергия» ва «Дар бораи монополияҳои табиӣ»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатӣ»; «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»; «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»; «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»; «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»; «Оид

ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодӣ»; ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи фаъолияти башардӯстонаи зидди минаҳо»; «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)»; «Дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ»; «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»; «Дар бораи ташкилоти мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»; «Дар бораи хизмати давлатӣ»; «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку»; «Дар бораи сармоягузорӣ»; ба лоиҳаҳои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қоидаҳои гузаронидани муоинаи ҳатмии тиббии шахсоне, ки ақди никоҳ мебанданд», «Дар бораи тасдиқи Тартиби сафари шаҳрвандон барои адои ҳаҷ ва умра», «Дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Оид ба тартиби хизматрасонии тиббӣ ва машваратдиҳӣ дар соҳаи солимии репродуктивии наврасону ҷавонон, аз ҷумла гурӯҳҳои хатар», «Дар бораи Консепсияи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Тоҷикистон», Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатӣ», оид ба тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани муоинаи ҳатмии тиббии шахсоне, ки ақди никоҳ мебанданд, «Дар бораи муассисаи давлатии Маркази миллӣ оид ба акредитатсия», «Дар бораи таъсиси Маркази ягонаи коммуникатсионии алоқаи барқӣ», «Дар бораи Барномаи давлатӣ оид ба таъмини солимӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони маъюбиятдошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Дар бораи фурӯши маҳсулоти алюминийи КВД «Ширкати алюминии Тоҷик» ва «Дар бораи Номгӯй ва ҳаҷми намудҳои асосии молҳои (ба истиснои молҳои зераксизӣ) барои истеҳсоли алюминийи аввалия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, ки аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд»; ба лоиҳаҳои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.09.2010, №932; ба лоиҳаи Созишнома дар бораи ҳамкории тарафайн байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таъовун, кор ва рифои иҷтимоии Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкории тарафайн; ба лоиҳаи байнипарлумонии вобаста ба ҳуқуқҳои ашёӣ; ба лоиҳаи байнипарлумонии вобаста ба ташкилотҳои ғайридавлатӣ; ба лоиҳаи Созишнома байни Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чораҳои боварӣ дар минтақаи сарҳади давлатӣ аз 13 апрели соли 2015, №111090 (29-9); ба лоиҳа оид ба масъалаи имкониятҳо ва оқибатҳои ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага оид ба созишномаҳои интихоби суд аз 22 апрели соли 2015, №111306 (29-8); лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Молдова ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реадмиссия ва Протоколи иҷроияи тартиби амаликунии он аз 10 июли 2015, №112223 (29-3); лоиҳаи Созишномаи байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират аз 17 августи 2015, №112656 (29-8); лоиҳаи Конвенсия оид ба ҳамкории байниминтақавии давлатҳо-аъзои ИДМ ва қарорҳои дахлдори Шӯрои иқтисодӣ ва Шӯрои Вазирони корҳои хориҷии ИДМ аз 22 июли 2015, №29258 (29-3); лоиҳаи Низомномаи ташкилоти бунёдии омодасозии кадрҳо дар соҳаи идоракунии давлатии давлатҳо-аъзои ИДМ бо дарназардошти эродҳои муайянкунандаи Ҷумҳурии Беларус аз 19 августи 2015, №29292 (29-3); лоиҳаи «Қоидаҳои дастгирии давлатии молрасонии дохила дар мавриди анҷом додани хариди давлатӣ», лоиҳаи Стратегияи миллии бехатарӣ дар роҳ ва нақшаи амалиёт, ҳуҷҷатҳои таъсиси корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии «Пажуҳишгоҳи лоиҳакашии «Нурофар», корхонаи воҳиди давлатии «Корхонаи фаръии Нерӯташхисгар», пешниҳоди ҷониби Қазоқистон дар бораи барҳамдиҳии як қатор мақомотҳои ИДМ ва ғ.

Кормандони Марказ дар ҳайати зиёда аз 30 гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолона ширкат намуданд. Аз ҷумла, оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав; оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав; оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тахрири нав; оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон; оид ба дар тахрири нав таҳия намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм»; оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии кормандон», оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба санҷиши субъектҳои хоҷагидор»; оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»; оид ба бартараф намудани ихтилофот байни қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи манбаъҳои барқароршавандаи энергия»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави молу мулки манқул»; оид ба гузаронидани ташхиси гендерии қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ»; оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба тартиб даровардани гузаронидани ҳаҷ ва умра»; оид ба беҳтар намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; оид ба масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи СММ оид ба ҳимояи ҳуқуқи маъюбон; оид ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо; доир ба тасдиқ намудани Конвенсияи Гаага вобаста ба созишномаҳо дар бораи интихоби суд; оид ба лоиҳаи «Баҳодиҳии рушди инноватсионии Тоҷикистон»; оид ба никоҳи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шаҳрвандони хориҷӣ-муҳоҷирони меҳнатӣ ва ба миён омадани оқибатҳои муайяни граждано, оилавӣ ва иҷтимоӣ; гурӯҳи корӣ доир ба моликияти зеҳнӣ; оид ба омода намудани лоиҳаи Консепсияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2050 ва ғ.

Дар асоси Амри Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2013, таҳти №АП-2257 гурӯҳи корӣ оид ба таҳрири нави Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Директори Маркази миллии қонунгузорӣ, профессор Раҳимзода М.З. таъсис дода шуда буд. Кор оид ба таҳияи ин лоиҳа аз тарафи гурӯҳи корӣ ба анҷом расонида шуда, барои мувофиқа ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Инчунин, Марказ боби 3 (Рушди давлатдории миллӣ ва ҳуқуқи миллӣ)- и лоиҳаи Консепсияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2050-ро таҳия ва ба Академияҳои илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Дар Марказ инчунин, гурӯҳҳои корӣ тибқи нақшаи дохилӣ оид ба навиштани тафсири Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот», тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таъсис дода шудааст.

Тибқи Низомнома Маркази миллии қонунгузорӣ муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ ва иттилоотию таҳлилӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз ҷониби кормандони Марказ дар асоси омӯзиш ва таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаҳои илмӣ, китобҳо ва тафсирҳо барои кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, ҳокимияти судӣ ва соҳаҳои дигари идоракунӣ таҳия ва нашр гардидааст. Аз ҷумла, китобҳои «Ҳуқуқи Тоҷикистони муосир», қисми дуюм

(Душанбе, 2015, 528 саҳ.), «Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ» (Душанбе, 2015, 328 саҳ.), Истилоҳоти соҳаи гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 2015, 460 саҳ.), тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асъор ва назорати асъорӣ» (Душанбе, 2015, 128 саҳ.), тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» (Душанбе, 2015, 292 саҳ.), тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 2015, 359 саҳ.), тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» (Душанбе 2015, 506 саҳ., дар ҳаммуаллифӣ), маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҷои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии ҷаҳони муосир» (Душанбе, 2015, 296 саҳ.), «Асосҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ» (Душанбе, 2015, 136 саҳ.), «Асосҳои ҳуқуқии ҳуқуқи замин» (Душанбе 2015, дар ҳаммуаллифӣ ) ва «Асосҳои ҳуқуқи замин» (Душанбе 2015, дар ҳаммуаллифӣ).

Аз ҷониби кормандони Марказ дар маҷаллаҳои дохилию хориҷӣ зиёда аз 200 мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ ба чоп расонида шудаанд.

Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ»- и Маркази миллии қонунгузорӣ дар соли равон мунтазам нашр гардид. Дар маҷалла масъалаҳои назариявии илми ҳуқуқ ва қонунгузории соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, аз ҷумла, ҳуқуқи конститутсионӣ, молиявӣ, андоз, ҷиноятӣ, маъмурӣ, замин, гражданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, бонкӣ, байналмилалӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, мурофиаи иқтисодӣ, инчунин тафсири қонунҳо, таҷрибаи судӣ, таҷрибаи мутахассисони дигар кишварҳо дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, навигариҳои қонунгузории Тоҷикистон, луғати русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ ва як қатор проблемаҳои дигари ҳуқуқӣ мавриди таҳлил ва нашр қарор дода шуданд.

Тибқи нақшаи кории Марказ 23 апрели соли 2015 конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Оила дар меҳвари анъанаҳои миллӣ, ахлоқ ва қонун» дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 баргузор гардид. Дар кори конференсия доираи васеи намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ, ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои илмӣ, ходимони ташкилоту иттиҳодияҳои динӣ ва дигар намояндагони аҳли ҷомеа иштирок намуда, доир ба мавзӯъҳои гуногуни соҳа маърӯза намуданд. Хусусан, масъалаи аз никоҳи хешутаборӣ ба дунё омадани фарзандони носолим, ҳуқуқҳои кӯдакон, нақши анъанаҳои миллӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ, ахлоқ ҳамчун арзиши умумиинсонии оиладорӣ, ҷойгоҳи оила дар ислом, таносуби Кодекси оила бо қонунгузории амалкунанда ва дигар масъалаҳои рӯзмарра мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи барномаи конференсия 18 маърӯза аз тарафи иштирокчиён пешбинӣ гардида буд, ки доир ба ҳар кадоме аз онҳо ба таври муфассал ибрози ақида карда шуд.

Ҳамзамон, дар санаи 27 майи соли 2015 дар Марказ бо иштироки намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатии иҷроия, қонунгузорӣ ва судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои илмӣ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҷои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии ҷаҳони муосир» баргузор гардид. Дар конференсияи мазкур масъалаҳои ҷои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низомҳои мухталифи ҳуқуқи ҷаҳон, табиати ҳуқуқӣ ва моҳияти низоми ҳуқуқии соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, низоми ҳуқуқии романо-олмонӣ, низоми ҳуқуқии умумӣ, низоми ҳуқуқии мусалмонӣ, тавсифи умумии дигар низомҳои муосири ҳуқуқ, тафовути ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ ва ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ, низоми ҳуқуқии аврупоӣ, тафовути ҳуқуқи оммавӣ ва ҳуқуқи хусусӣ, соҳаҳои ҳуқуқи комлексӣ, ба ҳамназдикшавӣ ва алоқамандии низомҳои ҳуқуқ, ҳуқуқи одатӣ, ҷои ҳуқуқи муқоисавӣ дар низоми илми ҳуқуқ» ва ғайраҳо баррасӣ шуданд. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Ҷои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии ҷаҳони муосир» дар шакли китоб нашр карда шуд.

Дар санаи 25-уми августи соли равон дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 24-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ аз ҷониби иштирокчиён гузоришҳо дар мавзӯъҳои зерин сурат гирифтанд: «Инкишофи ҳокимияти судӣ дар даврони Истиқлолият», «Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Истиқлоли-

яти давлатӣ ва худшиносии миллӣ», «Истиқлолияти давлатӣ ва нақши он дар таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ», «Истиқлолият гавҳари рушди миллат аст», «Истиқлолият неъмати бебаҳост» ва ғайраҳо. Баргузории мизи мудаввари мазкур ба паҳлӯҳои гуногуни соҳаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ андохта, баҳри таҳқиқи минбаъдаи ҷабҳаҳо ва муайян намудани роҳҳои ояндаи рушду тавсеаи он мусоидат хоҳад намуд.

Санаи 6 октябри соли 2015 дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи «Қонунгузории истифодаи сарватҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил ва инкишоф» бо иштироки кормандон аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо, донишгоҳу донишкадаҳои олӣ, олимон, мутахассисон, намояндагони ВАО ва дигар намояндагони ташкилоту идораҳо баргузор гардид. Дар мизи мудаввар аз ҷониби иштироккунандагон маърӯзаҳои ҷолиб пешниҳод гардиданд. Аз ҷумла, дар мавзӯъҳои «Ҳифзи қонунии сарватҳои табиӣ», «Тафсири санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷангал ва шикори ҶТ», «Мафҳум ва меъёрҳои ҳуқуқи истифодаи самараноки сарватҳои зеризаминӣ», «Захираҳои оби Тоҷикистон: ҳолати кунунӣ, проблема ва пешомад», «Нақши инсон дар инкишоф ва пешрафти ҳифзи муҳити зист» ва «Қонунгузории истифодаи сарватҳои табии ҶТ» ва ғайра.

Санаи 26 ноябри соли 2015 дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мизи мудаввар дар мавзӯи «Қонунгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ: назария ва амалияи он» бо иштироки доираи васеи намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, васоити ахбори омма ва дигар намояндагони аҳли ҷомеа баргузор гардид. Намояндагон аз мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ ва донишгоҳу муассисаҳои илмӣ дар мавзӯъҳои «Низоми таъминоти нафақа: такмили низоми қонунгузорӣ ва татбиқиислоҳоти соҳа», «Мафҳуми ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун арзиши конститутсионӣ», «Ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Баъзе масъалаҳои ҳуқуқи иҷтимоӣ» ва «Шуғли ғайрирасмӣ ва таъсири манфии он» баромад намуданд. Иштирокчиён зарурати қабули Консепсияи таъминоти иҷтимоиро дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ карда, баъзе аз паҳлӯҳои муҳими онро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Инчунин, кормандони Марказ дар соли равон дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок карда, бо маърӯзаҳо баромад намуданд. Аз ҷумла, дар кори конференсияҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Адолати судии конститутсионӣ – кафолати таъмини волоияти Конститутсия» (Душанбе, 17-18 сентябр), «Оила дар меҳвари анъанаҳои миллӣ, ахлоқ ва қонун» (Душанбе, 23 апрел), «Ифротгароии салафӣ ва ихтилофи он бо мазҳабҳои суннатӣ» (Душанбе, 27 май), «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи граждани» (Душанбе, 26 сентябр), Ҷабҳаи ҳуқуқии дастрасии оммавӣ ба ҳалномаҳои судӣ дар Тоҷикистон (Душанбе, 29 сентябр); «Нақши Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар такмили ҳокимияти судӣ» (Душанбе, 26 август), «Хизматрасонии электронӣ» (Бишкек, 28 октябр); дар Форуми миллӣ оид ба волоияти қонун, бахшида ба рӯзи қабулшавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 3 ноябр); «Телекоммуникатсия, телевизион ва радио ва уҳдадориҳои Тоҷикистон дар доираи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо» (Душанбе. 17-18 ноябр); «Масоили мубрами ислоҳоти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе. 27 ноябр); конференсияи «Кутафинхонӣ» (Москва, 26 ноябр); мизҳои мудаввар дар мавзӯи «Ҳуқуқи муосири расмиёти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъ, мушкилот, пешниҳод» (Душанбе, 25 феврал), «Ҳуқуқи муосири расмиёти маъмурӣ дар ҶТ: ҳолат, проблемаҳо ва ташабусҳо» (Душанбе, 25 феврал), «Шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф, ҳамчунин ҳисоботи Эътилофи ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа аз рӯи натиҷаҳои ташриф ба муассисаҳои пӯшида» (Душанбе, 27 март), «Мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дар ҶТ» (Душанбе, 31 март), «Ҷанбаҳои ҳуқуқии дастрасии аҳолӣ ба қарорҳои судӣ дар Тоҷикистон» дар кори семинарҳо оид ба имплементатсияи ҳуқуқи байналмилалии гуманитарӣ (шаҳри Минси Ҷумҳурии Беларус, 18-20 март), «Масоили актуалии ҳуқуқи оилавӣ» (Душанбе, 12 июн), «Ҳукумати электронӣ: муносибати байналмилалӣ ва таҷрибаи Молдова дар мисоли Тоҷикистон» (Душанбе, 5-6 март), оид ба таҳлили қонунгузорӣ

дар соҳаи нашъамандӣ (Душанбе, 6-7 июн), доир ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои кормандони суду прокуратура (Қӯрғонтеппа, 19 май, Кӯлоб, 20 май), доир ба «Моликияти зеҳнӣ: назария ва қонунгузорӣ» (ш. Душанбе, 28 июл), доир ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар (Хуҷанд 27-28 август), «Муносибатҳои молу мулкии ҳамсарон тибқи қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 26 ноябр) ва ғ.

Фаъолият дар самти навиштани рисолаҳои номзадии вобаста ба масъалаҳои гуногуни илмӣ аз тарафи кормандони Марказ дар соли 2015 низ идома ёфт. Аз ҷумла, муовини сардори шуъба Алиева П. Ҳ. рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Ҷабрдида дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти роҳбарии д.и.ҳ., профессор Махов В.Н. дар санаи 28 майи соли равон ва сардори шуъба Табаров Н.А. рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои истисноӣ аз рӯи шартномаи консессияи тиҷоратӣ» таҳти роҳбарии д.и.ҳ., профессор М.З. Раҳимзода дар санаи 30 июни соли равон ҳимоя карданд.

Баҳри амалӣ намудани ташвиқоту тарғиботи қонунгузорӣ ва бо мақсади баланд бардоштани маърифат ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон кормандони Марказ бо намояндагони аҳолӣ вохӯриҳо гузаронида, дар воситаҳои ахбори омма мунтазам баромадҳо намуданд. Тавассути барномаҳои телевизионии «Шабакаи аввал», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Баҳористон», «Пойтахт», радиои «Садои Душанбе», рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Минбари халқ», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Омӯзгор» ва дар вохӯриҳои бевосита бо кормандони мақомоти давлатӣ дар мавзӯъҳои гуногуни ҳуқуқию оммавӣ, аз ҷумла, дар бораи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба Ваҳдати миллӣ, оид ба соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба рушди қонунгузории кишвар, оид ба сиёсати дохилӣ ва берунии мамлакат, вобаста ба вохӯрии Ҷаноби Олӣ бо зиёиёни кишвар, қонунгузории замин, оила, граждановӣ, соҳибкорӣ, ҷиноятӣ, молия, андоз, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва ғ.-ҳо зиёда аз 100 баромадҳо анҷом доданд.

Дар соли 2015 Марказ дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ семинарҳои омӯзиширо доир ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои кормандони суду прокуратура (19 май дар Қӯрғонтеппа, 20 май дар Кӯлоб, 28 июл дар Душанбе ва 27-28 август дар Хуҷанд) баргузор намуд. Дар семинарҳои мазкур масъалаҳои такмили қонунгузорӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар соли ҷорӣ, бо мақсади шарҳу тавзеҳи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон директори Марказ аз санаи 7 то 14 июни соли 2015 дар ноҳияи Роштқалъа ва аз санаи 14 то 17 августи соли 2015 дар ноҳияи Данғара дар сафари хизматӣ қарор дошт. Оид ба сафарҳои мазкур ҳисоботи алоҳида ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ сомонаи Марказ фаъолияти худро давом дод. Дар сомонаи Марказ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, кодексҳо, созишномаҳои байналхалқӣ ҷойгир карда шуда, ба тариқи ройгон мавриди истифодабарии умум қарор дода шуданд. Дар ин давра тамоми маълумотҳо, хабарҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ бо ду забон (тоҷикӣ ва русӣ) қариб ба 700 ҳазор нафар шаҳрвандон, муассисаю ташкилотҳо чӣ дар дохили кишвар ва чӣ берун аз он дастрас гардидааст.

Ҳамзамон, бо мақсади бемамоният дастрас намудани таҳқиқоти илмӣ дар ҷумҳурӣ аз ҷониби Марказ Тартиби дохилиидоравии пешбурди Феҳрасти ягонаи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр карда шуд.

Дар самти сода гардонидани дастрасии матни қонунҳо ба аҳли ҷомеа дар Марказ Супориши техникии зерсомона-базаи иттилоотию ҳуқуқии Марказ - base.mmk.tj тартиб дода шудааст.

Инчунин, бо мақсади шиносоӣ ва омӯзиши таҷрибаи Институти қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди Ҳукумати Федератсияи Россия директори Марказ Раҳимзода М.З. ва сардори шуъба Меликов У. аз санаи 23 ноябр то 28 ноябри соли равон дар сафари хизматӣ дар шаҳри Москва қарор доштанд. Ҳангоми сафар бо марказҳо ва шуъбаҳои Институт шиносоии бевосита гузаронида шуд. Дар натиҷаи омӯзиш равшан гардид, ки фаъолияти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумуҳурии Тоҷикистон ва Ин-

ститути қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди Ҳукумати Федератсияи Россия бо ҳам шабоҳат доранд. Ҳамзамон, самтҳои ояндаи ҳамкорӣ муайян гардиданд, ки он метавонад барои ҳар ду тараф муфид бошад. Тарафҳо тасмим гирифтанд, ки минбаъд дар самтҳои гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқ, гузаронидани чорабиниҳои гуногун, омода намудани кадрҳо ва дигар масъалаҳои вобаста ба фаъолияти кории тарафҳо ҳамкориро ба роҳ мемонанд. Дар бораи сафари мазкур ҳисоботи алоҳида ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Бо мақсади таҳким ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ Марказ ҳамкориҳои худро бо Институти қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди Ҳукумати Федератсияи Русия, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, бо Маркази миллии қонунгузорӣ ва тадқиқоти ҳуқуқии маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Беларус, Институти илмию тадқиқотии ҳуқуқи хусусии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Қазоқистон, Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Федератсияи Русия, Институти давлат ва ҳуқуқи назди Президенти Туркманистон, Донишкадаи давлат ва ҳуқуқи назди Президенти Туркманистон, Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба кор бо гурезагон (UNHR), Ҷамъияти Олмонии ҳамкории байналмилалӣ (GIZ), лоиҳаи «Дастгирии ислоҳоти ҳуқуқӣ ва судӣ дар Тоҷикистон», Филиали Ассотсиатсияи швейтсарӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон «Хелветас», Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ва ғ.-ҳо давом дода истодааст.

Ҷолиби зикр аст, ки рӯзи 16 марти соли 2015 дар толори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» озмуни «Беҳтарин тарғибгари забон» бахшида ба Иди байналмилалии Наврӯз аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст гардид. Дар ин чорабинӣ Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамкориҳои пурсамар ва хидмати шоиста дар тарғиби забони давлатӣ ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» беҳтарин дониста шуда, бо Сипоснома ва Нишони фахрии «Беҳтарин тарғибгари забон» сарфароз гардонида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони Марказ як қатор таҳлилҳои муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузориро ба анҷом расониданд. Аз ҷумла, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории оила, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии қонунгузорӣ дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо соҳаҳои мухталифи қонунгузории Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳо-аъзои ИДМ. Таҳлилҳои мазкур дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба анҷом расонида шуд. Ҳамзамон, таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дастрасии оммавӣ ба ҳалномаҳои судӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расонида шуда, тавсияҳо дар бораи такмили қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ ва иттилоотӣ ба Суди Олии иқтисодӣ пешниҳод карда шуд.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории оила ва ҳуқуқи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳо-аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишон дод, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила ба такмил ниёз дорад. Аз ҷумла, масъалаҳои танзими Кодекси оила; ҳолатҳое, ки монеъи ақди никоҳ мегарданд; бекор кардани ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ; баррасии баҳсҳое, ки дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ дар байни зану шавҳар ба миён меоянд; лаҳзаи қатъ гардидани ақди никоҳ ҳангоми талоқ; бастани никоҳ бо шаҳрвандони хориҷӣ; эътирофи никоҳе, ки берун аз ҳудуди кишвар баста шудааст, ҳуқуқҳои ҳамсарон дар хоҷагии деҳқонӣ ва ғайра.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳо-аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил муайян намуд, ки Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқи байналмилалиро дар сатҳи гуногун вусъат додааст, ки ташаккул ва рушди додани онҳо бо истифодаи дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷониба дар партави сиёсати хориҷии кишвар ба мақсад мувофиқ аст. Дар баробари ин такмил додани ҳуқуқи дипломатӣ дар самтҳои гуногун,

ба мисли, истифодаи истилоҳоти асосӣ дар ҳуқуқи дипломатӣ; ба пуррагӣ ворид намудани санадҳои байналмилалии универсалӣ ба қонунгузории дохилӣ ва ғайра муфид арзёбӣ мегардад.

Аз ин ҷо, пешниҳод карда мешавад, ки:

1. Ҷиҳати такмили қонунгузории дипломатӣ зарур аст, ки низоми муносибатҳои ҳуқуқии дипломатӣ дар ҳамоҳангӣ бо принсипҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла, дастрасии баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати дипломатӣ вобаста ба қобилият, омодагии касбӣ, бенуқсии маънавӣ, тариқи маҷмӯавӣ ва объективӣ баҳогузорӣ намудани ваколатҳои тахассусӣ, сифатҳои шахсӣ, ахлоқӣ ва кории кормандони хизмати дипломатӣ, риояи қатъии талаботи меъёрии ҳуқуқӣ ва расмиёти муқарраршуда дар ҳалли масъалаҳои кадрӣ, ҳалли демократӣ ва афзалиятноки масоили кадрӣ бо риояи талаботи махфияти хидматӣ, мунтазам нав намудани кадрҳо бо дарназардошти нигоҳ доштани пайравӣ ва сифатан такмил додани дастгоҳи хизмати дипломатӣ аз ҳисоби кадрҳои ҷавон ва босаводу лаёқатманд.

2. Тафриқабандии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони хизмати дипломатӣ мушаххас гардида, вазъи ҳуқуқии онҳо дар нисбати хизмати давлатӣ, аз ҷумла, синну соли ниҳоии оғоз ва анҷоми фаъолияти дипломатӣ муайян карда шавад.

3. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи масъулиятшиносии шахсии кормандони хизмати дипломатӣ ва татбиқи бечунучарою сариватии вазифаҳои онҳо нисбати кормандони хизмати дипломатӣ (ба истисноӣ коркунони техникии хизмати дипломатӣ), ба мисли қонунгузории дипломатии Арманистон, меъёр оид ба ҷорӣ намудани савганди дипломатӣ ҷорӣ карда шавад.

4. Маҳдудият, манъкуниҳо ва асосҳои қатъи хизмати дипломатӣ, аз ҷумла, ҳангоми мавҷудияти падидаи душаҳрвандӣ, мушаххас карда шавад.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳо-аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гузаронидашуда нишон дод, ки масъалаҳои танзим намудани муносибатҳо вобаста ба замин ва заминистифодабарӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба замин таҳлил ва бо қонунгузории давлатҳо-аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил муқоиса карда шуд. Аз ҷумла, таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои ҳуқуқи моликият ба замин (қитъаи замин), ҳуқуқи истифодаи меросии якумраи замин, ҳуқуқи истифодаи бемуҳлати замин, ҳуқуқи истифодаи муҳлатноки замин, иҷораи қитъаи замин ва сервитути замин дода шуд.

Ҳамчунин, таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии қонунгузорӣ дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳаҳои мухталифи қонунгузории Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон гузаронида шуд, ки он дар оянда метавонад боиси ба вуҷуд омадани асос барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

Таҳлили муқоисавии қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон нишон дод, ки дар қонунгузории ҳар яке аз ин давлатҳо хусусиятҳои хоси батанзимдароии муносибатҳои бонкӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ асоснок кардашуда ҷой доранд ва ин самти қонунгузорӣ дар оянда ба такмил ниёз дорад.

Матни пурраи ин таҳлилҳо дар рақамҳои 1, 2, 3 ва 4 соли 2015 маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Марказ «Қонунгузорӣ» ба чоп расидаанд.

Дар соли равон муҳлати амалисозии Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба итмом мерасад. Аз ин рӯ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморад, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Кормандони Марказ тибқи Нақшаи корӣ дар оянда тасмим гирифтаанд, ки як қатор корҳоро анҷом диҳанд. Аз ҷумла, дар соли 2016 Марказ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ дар назди худ вазифа гузоштааст, ки чорабиниҳои ташкилиро тибқи Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ амалӣ сохта, заминаҳои гузаронидани таҳлили таҷрибавии таъсири танзимкуниро фароҳам оварад.

Ҳамзамон, аз ҷониби кормандони Марказ дар асоси омӯзиш ва таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани конференсия ва мизҳои му-

даввар, таҳия ва нашри як қатор рисолаҳои илмӣ ва тафсирҳо барои кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, ҳокимияти судӣ ва соҳаҳои дигари идоракунӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, гузаронидани конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва проблемаҳо»; мизҳои мудаввар дар мавзуъҳои «Нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар инкишофи қонунгузории миллӣ» ва «Рушди қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ дар 25 соли Истиқлолияти давлатӣ»; таҳия ва нашри тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»; тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд»; тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот»; тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ»; тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ»; тафсири Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

# НИШАСТИ МАТБУОТИИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО НАМОЯНДАГОНИ ВАО ОИД БА НАТИҶАИ ФАЪОЛИЯТ ДАР НИМСОЛАИ ДУЮМИ СОЛИ 2015

Дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаи фаъолият дар нимсолаи дуюми соли 2015 нишасти матбуотӣ доир гардид. Нишасти матбуотиро директори Марказ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимзода М.З. ифтитоҳ намуда, доир ба фаъолияти Марказ дар нимсолаи дуюми соли 2015 ҳисоботи мухтасар дод. Мавсуф аз ҷумла иброз намуд, ки дар нимсолаи дуюми соли 2015 Марказ бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани сифату самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар асоси Низомномаи Марказ, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро идома дода, як зумра корҳоро ба анҷом расонид.

Ҷиҳати баланд бардоштани сифати қонунҳо, бартараф кардани мухолифати байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мукаммалсозии онҳо Марказ ба зиёда аз 70 лоиҳаи қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ хулосаҳои ҳуқуқӣ дод, ки дар маҷмӯъ зиёда аз 650 таклифу пешниҳодҳоро дарбар мегирад. Кормандони Марказ дар ҳайати зиёда аз 20 гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолона ширкат намуданд



Аз ҷониби кормандони Марказ 4 китоб, 160 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ ба чоп расонида шуда, маҷаллаи Марказ «Қонунгузорӣ» мунтазам нашр гардид. Дар Марказ 3 конференсия ва 3 мизи мудаввар гузаронида шуда, кормандони Марказ дар 17 конференсия ва мизҳои мудаввари ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок ва суханронӣ намудаанд.

Ду корманди Марказ (Табаров Н. ва Алиева П.) рисолаҳои номзадии худро муваффақона ҳимоя намуданд.

Бахри амалӣ намудани ташвиқоту тарғиботи қонунгузорӣ ва бо мақсади баланд бардоштани маърифат ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон кормандони Марказ бо намояндагони аҳолӣ вохӯриҳо гузаронида, дар воситаҳои ахбори омма зиёда аз 70 баромад анҷом доданд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз сомонаи Марказ зиёда аз 370 000 нафар шаҳрвандон, муассисаю ташкилотҳои дохилӣ ва берунӣ истифода бурдаанд, ки ин яке аз воситаҳои ташвиқу тарғиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар нимсолаи дуюми соли 2015 Марказ бо Институти қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди Ҳукумати Федератсияи Русия ҳамкорӣ ба роҳ монда, ҳамзамон бо факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, Ҷамъияти олмонии ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) ва ғ. равобити худро давом дода истодааст.

Директори Марказ баъд аз гузориши худ ба саволҳои намояндагони воситаҳои ахбори омма ҷавоб гардонид.

Дар охир Раҳимзода М.З. ба ҳамаи иштирокчиёни нишасти матбуотӣ изҳори миннатдорӣ намуд.



.

**КИТОБҲОЕ, КИ АЗ ҶОНИБИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2015 ИНТИШОР ГАРДИДААНД:**




**Ҳуқуқи Тоҷикистони муосир / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М. З. Душанбе: Андалеб-Р, 2015.-528 саҳ.**

Дар китоб мақолаҳои илмии кормандони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба проблемаҳои актуалии ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ, ҳолат ва дурнамои инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ оварда шудаанд.

Маҷмӯа ба олимон, кормандони амалӣ, устодони факултети ҳуқуқшиносӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо тавсия карда мешавад.




**Раҳимзода Маҳмад Забир**
**Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ. Душанбе: Бухоро, 2015.-328 саҳ.**

Луғати мазкур зиёда аз 10 000 калима ва истилоҳоти ҳуқуқӣ ва марбут ба онро дарбар мегирад. Он барои донишҷӯён, ва устодони факултети ҳуқуқшиносӣ, кормандони мақомоти қонунгузор, судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ба ҳамаи шахсоне, ки ба он зарурат доранд, тавсия карда мешавад.

Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст.




**Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муаллифон: д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М.З., н.и.ҳ. Каримов А., Фархудинов Ҷ. Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. 360 саҳ.**

Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал нашр карда шудааст. Дар китоби мазкур ҳар як модда дар алоҳидагӣ бо дарназардошти қонунгузории амалкунанда ва таҷриба мавриди таҳлил қарор гирифта, бо тағйиру иловаҳои охирин рӯи кор омадааст.

Тафсир барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судӣ, адлия, ҳуқуқшиносон, соҳибкорон, аспирантон, донишҷӯён ва ҳамаи шахсоне, ки ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии замин ҳавасманд мебошанд, тавсия карда мешавад.

**КИТОБҲОЕ, КИ АЗ ҶОНИБИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2015 ИНТИШОР ГАРДИДААНД:**




**Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» / Муаллифон: Пулатов А.С., Азизов И.М., Ғуломҳайдаров Ҷ.М., Фархудинов Ҷ.И., Ш. Орифӣ. Зери таҳрири Раҳимзода М. З. – Душанбе: Империал-Групп, 2015.-292 саҳ.**
Тафсири мазкур ба кормандони вазорату идораҳо оид ба истифодаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист, инчунин доираи васеи хонандагон тавсия карда шуда, барои омӯзиши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамин замина баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат хоҳад кард.




**Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҷои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии ҷаҳони муосир» (Душанбе, 27 майи соли 2015) / Зери назари д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М.З. Душанбе: «Империал-Групп», 2015. 296 саҳ.**
Китоб мақолаҳои илмии олимон ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносиро дарбар гирифтааст, ки ба масъалаҳои гуногунҷабҳаи соҳаҳои ҳуқуқии ҷаҳони муосир бахшида шудаанд.
Маводҳои китоб ба таҳлилгарон, муҳаққиқони ҷабҳаи назариявӣ-амалии низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, донишҷӯёни бахши ҳуқуқшиносӣ ва умуман доираи васеи хонандагон тавсия мегардад.




**Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М.З. Муаллифон: Азизов И.М., Баротова М.С., Баҳриддинзода С.Э., Бобоев Ҷ.Қ. ва ғайра. Душанбе, 2015. 126 саҳ.**
Дар китоби мазкур тафсири меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар он тафсири меъёрҳои қонун дар алоқамандӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои зерқонуние, ки бо қонуни мазкур алоқамандии зич доранд, омода гардидааст.
Китоби мазкур барои кормандони мақомоти соҳавӣ, ҳуқуқшиносон, донишҷӯён ва нафароне, ки ба масъалаҳои асъор ва танзими асъорӣ таваҷҷуҳ доранд, тавсия карда мешавад.

**Замимаи 1**

**Маълумотҳои библиографӣ ва дигар маълумоти зарурӣ барои мутобиқсозии маҷаллаи «Қонунгузорӣ» ба ИИИР (Индекси илмии иқтибосоварии Россия - РИНЦ)**

Дар ҳар як мақолаи илмии маҷалла бояд маълумотҳои зерин нишон дода шаванд:

**1. МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФОН**

**Ҳатмӣ:**

– насаб, ном ва номи падари ҳамаи муаллифон ба таври пурра (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);

– номи пурраи мақомот, муассиса, ташкилот – ҷои кори ҳар як муаллиф, шаҳр давлат дар шакли ифодаи исм (именительный падеж), (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). Агар муаллифон дар як ҷой кор кунанд, ҷудогона қайд кардан зарур нест;

– суроғаи почтаи электронии ҳар як муаллиф (телефон барои тамос бо муаллиф);

– сурати муаллиф дар формати JPEG.

**Иловагӣ** (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ):

– воҳиди ташкилот, муассиса;

– вазифа, рутба, унвони илмӣ;

– дигар маълумоти муаллифон.

**2. НОМИ МАҚОЛА**

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

**3. КАЛИДВОЖАҲО**

Калидвожаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

**4. АННОТАТСИЯ**

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

**5. РУБРИКАИ МАВЗӮӢ** (Тематическая рубрика - код) :

**Ҳатмӣ** – рамзи «УДК» ё «ГРНТИ» ё рамзи «ВАК» (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ);

**Иловагӣ** – дигар индексҳои мавзӯии таснифоти китобӣ-библиографӣ.

**6. ОРОИШИ МАТН**

Доираи саҳифа: 3 см аз чап; 1 см аз рост; 2 см аз дигар тарафҳо.

Шрифт: Times New Roman 14 кгл; Times New Roman TJ 14 кгл (барои матни тоҷикӣ).

Фосилаи камтарин аз 1.5.

Сархат: 1.25.

Ориентатсия: «книжная»; бе гузоштани саҳифа; бе кӯчонидан аз сатр ба сатр; истиноди баъдиматнӣ (затекстовая ссылка) бо ишораи рақамҳои арабӣ дар дохили қавси кунҷӣ «[1]».

Барномаи таҳририӣ: бастаи Microsoft Office - Word 2003 ё Word 2007.

Номи мақола: дар маркази сатр; бе фосила; бо ҳарфҳои калон.

Матни мақола: «по ширине».

Ҳаҷми саҳифа: на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаҳои илмӣ).

**Замимаи 2**

**Шакли ягонаи ба расмиятдарории рӯйхатҳои библиографӣ мутобиқи ГОСТ Р 7.05-2008 «Библиографическая ссылка»**

(Намунаҳои барасмиятдарории истинодҳо ва рӯйхати адабиёт аз мақолаҳо)

**МАҚОЛА АЗ МАҶАЛЛАҲО ВА МАҶМӮАҲО:**

Адорно Т. В. К логике социальных наук // Вопросы философии. – 1992. – № 10. – С. 76–86.

Кузнецов А. Ю. Консорциум - механизм организации подписки на электронные ресурсы // Российский фонд фундаментальных исследований: десять лет служения российской науке. - М.: Научный мир, 2003. -С. 340-342.

**МОНОГРАФИЯҲО:**

Тарасова В. И. Политическая история Латинской Америки: учебник для вузов. – 2-е изд. – М.: Проспект, 2006. – С. 305–412.

Райзберг, Б. А. Современный экономический словарь / Б. А. Райзберг, Л. Ш. Лозовский, Е. Б. Стародубцева. -5-е изд., перераб. и доп. -М.: ИНФРА-М, 2006. -494 с.

**АВТОРЕФЕРАТҲО**

Глухов В.А. Исследование, разработка и построение системы электронной доставки документов в библиотеке: Автореф. дис. канд. техн. наук. - Новосибирск, 2000. -18 с.

**ДИССЕРТАТСИЯҲО**

Фенухин В. И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона : дис. … канд. полит. наук. - М., 2002. - С. 54–55.

**ШАРҲҲОИ ИТТИЛООТӢ:**

Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. - М.: ИМЭМО, 2007. - 39 с.

**МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯҲО**

Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. 350с.

Марьинских Д.М. Разработка ландшафтного плана как необходимое условие устойчивого развития города (на примере Тюмени) // Экология ландшафта и планирование землепользования: тезисы докл. Всерос. конф. (Иркутск, 11-12 сент. 2000 г.). - Новосибирск, 2000. - С.125-128.

**ҲУҶҶАТҲО АЗ ИНТЕРНЕТ:**

Логинова Л. Г. Сущность результата дополнительного образования детей // Образование: исследовано в мире: междунар. науч. пед. интернет-журн. 21.10.03. URL: http://www.nlr.ru/index.html (санаи мурочиат: 20.02.2007).

Рынок тренингов Новосибирска: своя игра [Электронный ресурс]. -Режим доступа: http://nsk.adme.ru/news/2006/07/03/2121.html (дата обращения: 17.10.08).

**Приложение 1**

**Библиографические и прочие данные, необходимые для обработки журнала «Законодательство» в РИНЦ**

В каждой научной статье издаваемого журнала должны быть указаны следующие данные:

**1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ**

**Обязательно:**

– фамилия, имя, отчество всех авторов (на таджикском, русском и английском языке);
– полное название организации - места работы каждого автора в именительном падеже, город, страна (на таджикском, русском и английском языке). Если все авторы работают в одном месте, указывать по отдельности необязательно;
– адрес электронной почты каждого автора (телефон для контактов с авторами статьи);
– фотография в формате JPEG.

**Опционально:** (все пункты на трех языках)

– подразделение организации;
– должность, звание, ученая степень;
– другая информация об авторах.

**2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ**

Приводится на таджикском, русском и английском языке.

**3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**

Приводятся на таджикском, русском и английском языке. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точкой с запятой (;)

**4. АННОТАЦИЯ**

Приводится на таджикском, русском и английском языке.

**5. ТЕМАТИЧЕСКАЯ РУБРИКА (КОД)**:

**Обязательно –** код УДК или ГРНТИ или ВАК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников)

**Опционально –** другие библиотечно-библиографические предметные классификационные индексы.

**6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА**

Поля: 3 см слева; 1 см справа; 2 см с других сторон.
Шрифт: Times New Roman 14 кгл; Times New Roman TJ 14 кгл (для таджикского текста).
Интервал минимум: 1.5.
Абзацный отступ: 1,25.
Ориентация: книжная, без простановки страниц, без переносов, затекстовые библиографические ссылки с арабскими цифрами внутри кубических скобок «[1]».
Редактор формул: пакет Microsoft Office - Word 2003 или Word 2007.
Название статьи: по центру, без отступа, прописными буквами.
Текст статьи: выравнивание по ширине.
Объем: не менее 7 страниц (для научной статьи).

**Приложение 2**

**Единый формат оформления пристатейных библиографических списков в соответствии с ГОСТ Р 7.05-2008 «Библиографическая ссылка»**
(Примеры оформления ссылок и пристатейных списков литературы)

**СТАТЬИ ИЗ ЖУРНАЛОВ И СБОРНИКОВ:**
Адорно Т. В. К логике социальных наук // Вопросы философии. – 1992. – № 10. – С. 76–86.
Кузнецов А. Ю. Консорциум - механизм организации подписки на электронные ресурсы // Российский фонд фундаментальных исследований: десять лет служения российской науке. - М.: Научный мир, 2003. -С. 340-342.

**МОНОГРАФИИ:**
Тарасова В. И. Политическая история Латинской Америки : учебник для вузов. – 2-е изд. – М.: Проспект, 2006. – С. 305–412.
Райзберг, Б. А. Современный экономический словарь / Б. А. Райзберг, Л. Ш. Лозовский, Е. Б. Стародубцева. -5-е изд., перераб. и доп. -М.:ИНФРА-М, 2006. -494 с.

**АВТОРЕФЕРАТЫ**
Глухов В.А. Исследование, разработка и построение системы электронной доставки документов в библиотеке: Автореф. дис. канд. техн. наук. - Новосибирск, 2000. -18 с.

**ДИССЕРТАЦИИ**
Фенухин В. И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. - М., 2002. - С. 54–55.

**АНАЛИТИЧЕСКИЕ ОБЗОРЫ:**
Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. - М.: ИМЭМО, 2007. - 39 с.

**МАТЕРИАЛЫ КОНФЕРЕНЦИЙ**
Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. 350 с.
Марьинских Д.М. Разработка ландшафтного плана как необходимое условие устойчивого развития города (на примере Тюмени) // Экология ландшафта и планирование землепользования: тезисы докл. Всерос. конф. (Иркутск, 11-12 сент. 2000 г.). - Новосибирск, 2000. - С.125-128.

**ИНТЕРНЕТ-ДОКУМЕНТЫ:**
Логинова Л. Г. Сущность результата дополнительного образования детей // Образование: исследовано в мире: междунар. науч. пед. интернет-журн. 21.10.03. URL: http://www.oim.ru/reader.asp?nomer=366 (дата обращения: 17.04.07).
http://www.nlr.ru/index.html (дата обращения: 20.02.2007).
Рынок тренингов Новосибирска: своя игра [Электронный ресурс]. -Режим доступа: http://nsk.adme.ru/news/2006/07/03/2121.html (дата обращения: 17.10.08).

*Масъули чоп*
*Ответственный за выпуск* **Ғуломҳайдаров Ҷ.М.**

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тархрезӣ шуда, дар матбааи «Азия-Принт» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.

Ба матбаа 09.03.2016 супорида шуд. Ба чопаш 25.03.2016 иҷозат дода шуд. Коғази офсетии №1. Андозаи 60х84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0. Адади нашр 200 нусха. Супориши № 4G1215

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии «Азия-Принт».

Сдано в печать 09.03.2016 г. Разрешен к печати 25.03.2016 г. Бумага офсетная №1. Формат 60х84 1/8. Шрифт Times New Roman Tj. Условный печатный лист 10,0. Тираж 200 экз. Заказ № 4G1215

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 13*
*телефон/факс 227-47-71*

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица А.Адхамова, 13*
*телефон/факс 227-47-71*